Ниёзӣ Нурмуҳаммад [Матн] // Адибони Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С.365-367.

Шодбошӣ [Матн]: Табрикоти Иттифоқи нависандагони Тоҷикис-тон ба муносибати 60- солагии мавлуд // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 27 апрел.

# АЛАМХОН КӮЧАРОВ
(Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш)

Доктори илми филологӣ, профессор Аламхон Кӯчаров 4-уми феврали соли 1946 дар Саричашмаи н. Шӯрообод чашм ба олам кушодааст. Соли 1969 факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар Институти давлатии педагогии ш. Кӯлоб (ҳоло ДДОК) ба фаъолият пардохт, дар факултаи забон ва адабиёти тоҷик ба сифати муаллим, муаллими калон ва дотсент кор карда аст. Аз соли 1997 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон заҳмат мекашад, аввал дотсент, аз соли 1999 профессор, 2002-2012 мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикӣ буд.

Профессор Аламхон Кӯчаров перомуни матншиносии адабиёти давраи нави тоҷик, хоса матншиносии осори сардафтари адабиёти муосирамон устод Садриддин Айнӣ таҳқиқоти судманд анҷом додааст. Ҳамзамон оид ба ҳаёту эҷодиёти адибони ватанию хориҷӣ мақолаҳои зиёди илмӣ, илмию оммавӣ, публисистӣ, тақризҳо навишта, матни таълифоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ «Рисолаи қуддусия» ва «Маърифати нафс»-ро таҳияю чоп намудааст, бобати муаммои нақди матни рубоиёти Умари Хаём ибрози назар карда, хусусиятҳои миллӣ ва интернатсионалии назми М. Турсунзодаро нишон додааст. Узви Иттифоқи нависандагон ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи адабии ба номи С. Айнӣ мебошад. Бо ордени «Дӯстӣ» қадр шудааст.

## Осор


Таҳқиқи текстологии «Одина»-и С. Айнӣ [Матн]. – Душанбе, 1982. – 144 с.

Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик [Матн]. –Душанбе, 1994. – 142 с.

Хусусиятҳои миллӣ ва интернатсионалии назми М. Турсунзода [Матн]. – Душанбе, 1998. – 97 с. (ҳаммуаллиф).

Нақди матни осори С. Айнӣ [Матн]. – Душанбе, 2000. – 154 с.

Нақди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ [Матн]. – Душанбе, 2002. – 272 с.

Адабиёти тоҷик (давраи нав) [Матн]: Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе, 2005. – 239 с. (ҳаммуаллиф).

100 рубоӣ [Матн]. – Душанбе, 2012. – 103 с. – Матн бо ҳуруфоти тоҷикӣ ва форсӣ.

Таҳлили адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ [Матн]. – Душанбе, 2013. – 140 с.

## Адабиёт


Асрори эҷод [Матн]: Мусоҳибаи А. Раҳим бо адабиётшинос А. Кӯчаров // Ҷумҳурият. – 2002. – 27 декабр.

Табарова, Г. Устоде бо бузургӣ ва хоксорӣ [Матн] // Омӯзгор, 2006. – 26 май.

Дардҳои ҷомеа бисёранд, табобати он хиради комилро тақозо дорад [Матн]: Мусоҳибаи Зебуннисо бо профессор А. Кӯчаров // Омӯзгор. – 2006. – 1 сентябр.

Кӯчаров Аламхон [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.242

Кӯчаров Аламхон [Матн] //Энсиклопедия олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С.140 - 141.

Беҳронова, Р. Ҳаққи устод аз падар беш аст [Матн] // Ҷумҳурият. – 2013. – 7 май.


## ҲАБИБ ЮСУФӢ

(Ба муносибати 100- солагии зодрӯзаш)

Шоири шаҳири тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ 4 феврали соли 1916 дар ш. Самарқанд дида ба ҷаҳони равшан кушодааст. Соли 1940 факултаи филологияи Университети давлатии Узбекистонро ба охир расонда, ба пойтахти Тоҷикистон омад ва ҳамчун ходими илмӣ дар Институти таърих, забон ва адабиёти филиали Тоҷикистонии АИ СССР ба фаъолият пардохт. Мутаассифона, кораш дер тӯл накашид, соли 1942 ихтиёрӣ ба набардгоҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафт, соли 1943 Омӯзишгоҳи ҳарбиро хатм намуд ва ҳамчун қумандони батареяи артиллерӣ дар ҷабҳаи Ленинград, озод намудани ҷамоҳири лаби Балтик ва Лаҳистон аз фашистони немис ширкат варзид. 22 феврали соли 1945 дар муҳорибаи назди Варшава қаҳрамонона ҳалок гардид.

Ҳабиб Юсуфӣ шоири романтик, лирики шайдои зиндагӣ буд, аз оғоз бештар шеъри васфӣ, асосан мутантан эҷод мекард, минбаъд тарзҳои озодона баён кардани андешаро ҷустуҷӯ намуд ва дарёфт. Чун адабиёти романтикии русро накӯ омӯхт, барои ба ҳам овардани назми шарқӣ ва шеъри ғарбӣ талош варзид ва ба матлаб хеле наздик шуд. Ҳарчанд шеърҳои аввалинаш дар навъҳои суннатии адабиётамон – ғазалу рубоӣ соли 1936 пайдо шуда бошанд ҳам, минбаъд ҳисси баланди

шаҳрвандию ватандӯстиро дар лирикаи ишқӣ хеле устодона инъикос карда тавонист. Ӯ ҳам дар шеър ва ҳам дар мақолаҳои сершумораш ҳамеша Ватанро сутуда, ба он мазмуну ғояи нав изофа кардааст. Ашъораш шаклу вазни тоза дорад, дар мисраъҳои гуногуни як шеър аз чанд навъи вазни арӯз моҳирона истифода бурдааст, ки баъди Пайрав Сулаймонӣ таҷрибаи аввалин маҳсуб меёбад. Ҳамзамон ин адиби навҷӯ дар накди шеър бомуваффақият қувва озмуда, ба бисёр паҳлӯҳои муҳими назария ва таърихи алоқаҳои адабии Шарқу Ғарб равшанӣ андохтааст. Оид ба осори Низоми Арӯзии Самарқандӣ таҳқиқот бурдааст, ки таассуфан нотамом мондааст. Хидматаш дар тарҷумаи бадеӣ калон аст, аз баракати заҳматаш осори классикони адабиёти русу украин ба тоҷикӣ нашр шудааст.

## Осор


Таронаи Ватан [Матн]: Шеърҳо. – Сталинобод - Самарқанд, 1939. – 61 с.

Маҷмӯаи шеърҳо [Матн]. – Душанбе, 1962. – 350 с.

Роҳи нотамом [Матн]: Маҷмӯаи ашъор ва мақолаҳо. – Душанбе, 1973. – 258 с.

Слово о жизни [Текст]: Стихи. – М.: Советский пистатель, 1977. – 111 с.

Сатрҳои нотамом [Матн]: Шеърҳо, достонҳо, тарҷума. – Душанбе, 1987. – Кит.1. – 336 с.

Сатрҳои нотамом [Матн]: Шеърҳо, достонҳо, тарҷума. – Душанбе, 1987. – Кит.2. – 256 с.


## Адабиёт


Мирзозода, Х. Ҳабиб Юсуфӣ [Матн]. – Сталинобод, 1960. – 67 с.

Салоҳ, С. Шеърҳои номаълуми Ҳабиб Юсуфӣ [Матн] // Шарқи Сурх. – 1963. – №10. – С.48-51.

Файзулло, Ҳ. Шеър ва шамшер [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1964. – 27 ноябр.

Ҳаниф, Ш. Дар ҷустуҷӯи дастхати Ҳабиб Юсуфӣ [Матн] // Тоҷикистони Советӣ. – 1966. – 22 январ.

Ҷонибек, Қ. Соҳибқаламе, ки чун Ҳабиб аст [Матн] // Ҳақиқати Узбекистон. – 1967. – 22 феврал.

Мирзозода, Х. Ҳабиби мо [Матн] // Садои Шарқ. – 1967. – №2. – С.127-133.

Сабоҳӣ, Ҳ. Давоми умр [Матн] // Садои Шарқ. – 1973. – №8. – С.148-150.

Маъсумӣ, Н. Шоири ҷаговар [Матн] // Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. – Душанбе, 1977. – Ҷ.1. – С.305-306.

Отахонова, Х. Архиви нависанда чист? [Матн] // Садои Шарқ. – 1980. – №1. – С.138-145.
Раҳимов, Х. Таълими лирикаи ишқии Ҳ.Юсуфӣ дар синфи Х [Матн] // Мактаби советӣ. – 1981. – №4. – С.24-28.
Қосимов, М. Аввалин шеъри замони ҷанг [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 19 июн.
Табаров, С. Як мактуби нодир [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 17 июл.
Шодиқулов, Ҳ. Юсуфӣ Ҳабиб [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ.8. – С. 225-226.
Шодон Ҳаниф. Уқоби захмӣ [Матн]: Романи таърихӣ бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти Ҳабиб Юсуфӣ. – Душанбе, 1996. – 321 с.
Юсуфӣ Ҳабиб [Матн] // Адибони Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С.707-710.
Шодиқулов, Ҳ., Давронов, А. Шахсияти достонӣ [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 13 октябр.
Шодиқулов, Ҳ. Охири мулоқотам бо шарикдарси Ҳабиб Юсуфӣ [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 12 октябр.

## САЛИМШО ҲАЛИМШО

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Шоир, Корманди Шоистаи Тоҷикистон Салимшо Ҳалимшо 16 феврали соли 1936 дар деҳаи Риваки н. Шуғнони ВМКБ по ба арсаи гетӣ ниҳодааст. Соли 1960 факултаи таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, муддате дар студияи телевизиони ш. Душанбе фаъолият доштааст. Солҳои 1961-1980 ходими адабӣ ва мудири шуъбаи газетаи «Тоҷикистони Советӣ», 1981-1992 мудири шуъбаи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», 1993-1997 мушовири Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Салимшо Ҳалимшо аз зумраи шуарои тоҷик шояд ягона аст, ки жанри қасидаро дар охири қарни бист бори дигар эҳё кард. Дар ҷилди ҳафтуми китоби дувоздаҳҷилдаи «Назми форсзабонон» (чопи Теҳрон) қасидаи «Шаби марги Фирдавсӣ» ҳамчун беҳтарин намунаи шеъри ҳазорсолаи форс-тоҷик ҷо дода шудааст. Силсилаи мақолаҳояш оид ба ҷойгоҳи Зардушт ва ҷуғрофияи «Авасто» баҳсҳое ба бор оварда, бинобар гуфтаи доктор Масъуди Миршоҳӣ, «асотирро ба таърих табдил додаанд». Ин суханвар ба тарғиби ғояҳои худшиносии миллӣ шуғл варзида, сари ин мавзӯъ осори гарон офарид, ки инсонҳоро ба озодманишию озодандешӣ, ватанпарастию башардӯстӣ, давлатсолорию покизарӯзгорӣ ва ҷавонмардӣ даъват сохтааст. Дар таҳқиқи бадеии асотири тоисломии мо асарҳои шоистаи адабӣ ва илмӣ-оммавиро ба вуҷуд овардааст. Ашъораш ба русӣ, украинӣ, узбекӣ, арманӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва дигар забонҳо чоп гардида, аз ашъори шуарои хориҷӣ намунаҳои зиёд аз русӣ ба тоҷикӣ баргардондааст.

Бо ордени «Дӯстӣ» ва ифтихорномаҳо қадр шудааст.

## Осор

Роҳи қуллаҳо [Матн]: Маҷмӯа. – Душанбе, 1965. – 78 с.
Киштии инқилоб [Матн]: Достон ва шеърҳо. – Душанбе, 1972.– 79 с.
Имзои Ленин [Матн]: Достон. Шеърҳо. – Душанбе, 1977. – 80 с.
Оинаи виҷдон [Матн]: Шеърҳо ва достон. – Душанбе, 1983. – 96 с.
Бурҷи инсон [Матн]: Шеъру достонҳо. – Душанбе, 1986. – 160 с.
Ҳафт хони Бадахшон [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 1989. – 224 с.
Оби шаҳд [Матн]: Маҷмӯа. – Душанбе, 2003. – 128 с.
Хонаи офтоб [Матн]: Маҷмӯаи қасидаҳо. – Душанбе, 2003. – 128 с.
Саҷдагоҳи ошиқон [Матн]: Қасоид. – Душанбе, 2006. – 196 с.
Зодагони ҳафт тӯфон [Матн]: Қасидаю рубоиҳо. – Душанбе, 2006. – 256 с.

## Адабиёт

Акбаров, Ю. Роҳ ба сӯи қуллаҳо [Матн] // Садои Шарқ. – 1966. – №1. – С.154-157.
Ёдгорӣ, Ш. Киштии инқилоб [Матн]: Дар бораи достони нави С. Ҳалимшо // Комсомоли Тоҷикистон. – 1972. – 7 ноябр.
Ёдгоров, Н. Имзои муборак [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1978. – 15 январ.
Табаров, С. Қасидаву ғазалу маснавӣ [Матн]: Тақриз ба китоби «Бурҷи инсон»- и С. Ҳалимшо // Садои Шарқ. – 1988. – № 9. – С.122-126.
Ҳалимшо Салимшо [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 8. – С. 257.
Шаби эҷодии шоир [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 8 март.
Офаридаев, Н. Бо шоири хеш халқ дунёбин аст [Матн] // Бадахшони Советӣ. – 1990. – 16 июн.
Ҳалимшо Салимшо [Матн] // Адибони Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2002. – С. 470.
Муродов, С. Маро рӯҳи замон илҳом овард [Матн]: Нигоҳе ба эҷодиёти С. Ҳалимшо // Комсомоли Тоҷикистон. – 1978. – 12 март.
Шодбошӣ [Матн]: Табрикоти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба муносибати 70-солагии мавлуди С. Ҳалимшо // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 16 феврал.

## АЛӢ БОБОҶОН

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Шоири соҳибзавқ, Корманди шоистаи Тоҷикистон Алӣ Бобоҷон 10 феврали соли 1936 дар маҳаллаи Гумбазии ш.Конибодом дида ба ҷаҳон кушодааст. Соли 1959 баъди хатми факултаи филологияи тоҷики

Институти давлатии педагогии ш. Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) фаъолияташро дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») оғоз намуда, минбаъд дар дигар нашрияю нашриёт идома мебахшад. Аз соли 1992 ба сифати ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон заҳмат кашидааст.

Алӣ Бобоҷон аз зумраи адибони пуркори тоҷик аст, ки давоми қариб шаш даҳсола барои кӯдакон, наврасон, ҷавонон ва насли кӯҳансол асарҳои манзуму мансур менависад ва иқтидору истеъдодаш дар ҳамаи навъҳо падидор аст, дар дамидани рӯҳи омиёна ба колбуди шеъри тоҷикӣ ҳиссаи сазовор мегузорад. Самимият ва садоқат ба маърифату маънавиёт дар абёташ ҳувайдост, услуби хосаш мӯъҷазбаёнӣ мебошад. Муаллифи қариб шашсад очерку мақола ва публитистика аст, вале шӯҳрат ва шахсияти адабиаш ба хотири ашъори бачагона бештар зуҳур гардидааст. Бар асари мутоилоти амиқу таҷриба ҳаққонияти роҳу равиш ва шеваи шеърашро дар ин ҷода собит сохт, нигоштаҳояш шӯрангез ва тапандаву гарманд. Сувари хаёл ва андешаш дар офаринишу бофти назми кӯдакона хеле чашмгир менамояд. Очеркҳои ҳуҷҷатиаш дар бораи Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ Неъмат Қарабоев, Домулло Азизов ва дигар намояндагони корзори меҳнат дар шакли китобҳои алоҳида ба табъ расида, муаллифу мураттиби бисёр баёзу тазкираҳои дастаҷамъона мебошад. Ашъораш дар Афғонистону Эрон чопу ба бисёр забонҳои хориҷӣ баргардон шудааст. Ҳамзамон аз баракати заҳматаш осори шуарои хориҷӣ ба тоҷикӣ тарҷумаю нашр гардидааст.

## Осор

Бачаҳои хуб [Матн]: Шеърҳои бачагона. – Душанбе, 1963. – 44 с.

Гули бодом [Матн]: Маҷмӯа. – Душанбе, 1966. – 104 с.

Мусича [Матн]: Барои бачагони сини хурди мактабӣ. – Душанбе, 1965. – 15 с.

Парвози орзу [Матн]: Шеърҳо барои наврасон. – Душанбе, 1971. – 38 с.

Мавҷи сурур [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе,1973. – 103 с.

Некӣ ба некӣ [Матн]: Шеърҳои бачагона. – Душанбе, 1976. – 48 с.

Усто парасту [Матн]: Шеърҳо. – Боку, 1978. – 72 с. – Матн ба забони озарӣ.

Нилуфар [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 1980. – 128 с.

Осмондара [Матн]: Маҷмӯаи шеъру достонҳо барои бачагон. – Душанбе, 1981. – 128 с.

Тоҷикистони ман [Матн]: Очеркҳо, шеърҳо, публисистика. – Душанбе, 1983. – 140 с.

Намаки зиндагӣ [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 1986. – 400 с.

Зардолуи маҳтобӣ [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 1988. – 128 с.

Атри кӯҳистон [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 1993. – 46 с.

Пайғоми парасту [Матн]: Шеъრҳо барои бачагон. – Душанбе, 2003. – 40 с.
Меҳрпайванд [Матн]: Шеърҳо, достонҳо ва рубоиёт. – Душанбе, 2006. – 328 с.
Мусиқии баҳор [Матн]: Шеърҳо барои кӯдакон. – Душанбе, 2008. – 24 с.
Алифбои паррандаҳо [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 2013. – 32 с.

## Адабиёт

Абдуллоев, Н. Бобоҷон Алӣ [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1978. – Ҷ.1. – С.467.
Алӣ Бобоҷон [Матн] // Тазкираи адабиёти бачагон. – Душанбе, 1979. – Ҷ.1. – С.297-298.
Саидзода, С. Насими баҳор [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1988. – 31 август.
Алиева, Н. Зардолуи ширин [Матн] // Газетаи муаллимон. – 1989. – 11 феврал.
Маниёзов, А. Писандидагуфтору нозукхаёл [Матн] // Садои Мардум. – 1996. – 14 сентябр.
Қаҳҳорӣ, А. Умре, ки сарфи шеър аст [Матн] // Ҷумҳурият. – 1997. – 12 апрел.
Алӣ Бобоҷон // Адибони Тоҷикистон [Матн]: Маълумотнома. – Душанбе: Адиб, 2002. – С.126-128.
Бобоҷон Алӣ [Матн] // Конибодом. – Хуҷанд, 2006. – С.103.
Шукуров, И. Меҳр аз хурдӣ шавад эҳсос [Матн] // Паёми Душанбе. – 2006. – 17 феврал.

## ИНОЯТ НАСРИДДИН

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Нависандаи соҳибзавқ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон Иноят Насриддин 15 феврали соли 1946 дар деҳаи Пасурхи н. Бойсуни вилояти Сурхондарёи Узбекистон ба дунё омадааст. Соли 1967 факултаи филологияи тоҷики Институти давлатии педагогии ш. Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) хатм намуда, дар Кумитаи телевизион ва радиои тоҷик ба фаъолият пардохтааст, аз муҳаррири хурд то сармуҳаррири идораҳои барномаҳои адабию бадеии радио ва телевизион расидааст. Аз соли 1992 то поёни умр (соли 2011) сармутахассиси раёсати фарҳанг ва ҳунари Вазорати фарҳанги Тоҷикистон буд.

Иноят Насриддин аз зумраи нависандагони навҷӯест, ки ҳакимона ба зиндагӣ нигариста, аз марвориди сухан дар асарҳояш шаддаҳои ҳик-

мат бастааст. Салис ва фасеҳу бадеъ сухан мегуфт, ҳар ҷумлааш ба сони рангинамон сад тобишу ҷило дорад, осори мансураш монанди шеър дилчасп, нозуку равон аст. Нисбатан кам нигоштааст, вале пухтаю нозукбинона эҷод кардааст. Қиссаю мақолаҳои хондинбоб, очерку публисистикаи беҳтарин, асарҳои саҳнавии дархӯрди миллату давру замон, ҳикояҳои намакину хотирмон, тарҷумаҳои фасеҳаш дили ҳазорон ҳаводорони каломи бадеъро тасхир сохтаанд. Мазмуну моҳият ва ғояи асарҳояш аз эҳсоси беқиёси ватандорӣ, инсондӯстӣ, муҳаббат ба миллату садоқат ба арзишҳои волои башарӣ саршор аст. Самимияти қаҳрамонҳои осори адиб ба зиндагӣ, ба мардум нишонрасу дилписанд баромадани навиштаҳояш аз самимияти шахсии ӯ нисбат ба зиндагӣ ва одамон об мехӯрад, дар нигоштаҳояш рӯзгори миллат бо ҳама дардаш, бурду бохташ инъикос ёфтааст. Адиб баробари повесту қисса, драмаҳо, ҳикояю публисистика, очерку мақола барои хурдсолон як силсила асарҳои ҷолиб нигошта, дар тарҷумаи осори адибони хориҷӣ ба забони тоҷикӣ саҳми босазо гирифтааст. Осораш ба бисёр забонҳои хориҷӣ нашр шудааст.

## Осор

Хосият [Матн]: Очерк. – Душанбе, 1975. – 40 с.

Меҳр [Матн]: Маҷмӯаи очеркҳо. – Душанбе, 1983. – 112 с.

Насими Дашт: [Матн] Очерк. – Душанбе, 1984. – 43 с.

Тулӯи нав [Матн]: Очерк ва ҳикояҳо. – Душанбе, 1986. – 168 с.

Як рӯзу ҳама рӯз [Матн]: Очеркҳо. – Душанбе, 1988. – 96 с.

Баҳори умр [Матн]: Ҳикояҳо. – Душанбе, 1989. – 144 с.

Мероси бобоӣ [Матн]: Повест, қисса ва ҳикояҳо. – Душанбе, 1991. – 192 с.

Саъди падар [Матн]: Роман. – Теҳрон, 2001. – 278с.

Ҳафтранги Тоҷикистон [Матн]: Афсонаҳо. – Душанбе, 2004. – 61с.

Чашмаи ҷоду [Матн]: Афсонаҳо. – Душанбе, 2004. – 61с.

Рӯзи эҷодӣ [Матн]: Аз рӯзгори удабою вузаро. – Душанбе. 2005. – 40 с.

Дардҳои гиреҳхурда [Матн]: Қиссаю ҳикоят. – Душанбе. 2006. – 368 с.

Панҷ афсонаи як кӯҳандиёр [Матн]. – Душанбе, 2010. – 80 с.

Фоҷиаи домангир [Матн]: Қисса. – Душанбе, 2010. – 81с.

## Адабиёт

Насриддинов Иноят [Матн] // Писатели Таджикистана. – Душанбе, 1986. – С. 264.

Иноят Насриддин [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ.8. – С.534

Иноят Насриддин [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ1. – С 356.

Насриддинов Иноят [Матн] //Адибони Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С.356-358.

Давлати Даврон. Адиби оташинсухан [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 5 феврал.

## САТТОР ТУРСУН
(Бахшида ба 70- солагии зодрӯзаш)

Нависандаи халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Саттор Турсун 15 феврали соли 1946 дар деҳаи Посурхи ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбекистон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1970 шуъбаи арабии Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба охир расонда, дар идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба кор омада, муддати бист соли аввал ба ҳайси мудири шуъбаи очерк ва публисистика, баъд дар вазифаи мудири шуъбаи наср ва ниҳоят ҳамчун муовини сардабир, иҷрокунундаи вазифаи сардабири ҳамин маҷалла ифои вазифа мекунад. Ӯ солҳои 1990-1991 мудири шуъбаи идеологии КМ ПК Тоҷикистон ва соли 1993 дар ҳузури сарвари давлати Тоҷикистон котиби матбуот буд. Солҳои 1994-1997 дар маҷаллаи русии «Памир» ба ҳайси сардабир ифои вазифа мекард. Чандин сол вазифаи сардабири нашрияи Вазорати фарҳанги Тоҷикистон - «Баҳори Аҷам»-ро ба ӯҳда дошт.

Саттор Турсун аз ҷумлаи адибони тоҷик аст, ки айёми авҷи таҳаввулоти андешаву ҳунар пас аз хатми Университети давлатии Тоҷикистон басо оромонаю ботамкин ба деги пурҷӯшу хурӯши муҳити адабӣ афтод. Оне, ки номрафта аз курсии донишҷӯӣ якбора ба курсии мудири шуъбаи очерку публисистикаи бонуфузтарин маҷаллаи адибии замон «Садои Шарқ» расиду ҳамчун нафари масъул ба таҳриру нашри осори адибони бузургу хурди тоҷик шурӯъ кард, баробари нишонаи бахту барор инчунин баёнгари эътимоди роҳбарияти Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ ба донишу истеъдодаш мебошад. Адиби ҷавон ҳамдӯши бузургони адаб баробари андӯхтани таҷрибаю малака муқаддасоти сухан ва масъулияти суханвариро назди миллату таърих амиқтар

дарк сохт, дар доираи адабӣ  зина - зина ба воя расид, дар фосилаи чанд сол бо иншои қиссаву ҳикоёти марғуб ва покизакорӣ дар таҳриру тасҳеҳи матолиби  маҷалла миёни ҳампешагон мартаба ёфт. Номрафта аз аввалин ҳикояҳои шогирдона то қиссаю романҳои солҳои охир эҷодкардааш вазифаи басо душвору масъулиятнок, ҳамзамон муқаддас – гапи ҳақ гуфтанро пайгирона иҷро мекунад, қаҳрамонҳояшро баҳри дарки паҳлӯҳои гуногуни ҳақиқат дар пайраҳаҳои тангу яккагузари ҳаёт рӯ ба рӯ намуда, саҳнаҳои басо муассир рӯи қоғаз меорад ва хонандаро ба андеша водор месозад. Дунёи аксар қаҳрамононаш хеле пуртуғён, пурихтилофу мураккаб мебошад, қувваи хайру шарр ҳамеша дар бархурди ҷиддӣ қарор дорад. Нависанда набзи замонро накӯ эҳсос мекунад, ба воқеаву рӯйдодҳои муҳими зиндагӣ воқеъбинона ва усто-корона баҳо медиҳад. Ӯ публисисти чирадаст низ мебошад, муно-сибаташро пайваста ҳам ба масъалаҳои адабиёт ва ҳам рӯйдодҳои гуногуни сиёсиву масоили иҷтимоӣ бамағзу маънӣ ва нотарсона баён мекунад, нисбат ба масоили барои халқу Ватан тақдирсоз бетафовут намеистад.  Осори ин нависанадаи боистеъдоди тоҷик ба зиёда аз 20 забони халқҳои дунё тарҷумаву нашр шудааст. Ҳамзамон номрафта аз осори бисёр суханварони хориҷӣ намунаҳои фаровон моҳирона ба тоҷикӣ баргардонидааст.

## Осор

Дили гарм [Матн]: Ҳикояҳо. – Душанбе, 1971. – 155 с.

Аз субҳ то шом [Матн]: Ҳикояҳо. – Душанбе, 1979. – 190 с.

Камони Рустам [Матн]: Повест. – Душанбе, 1982. – 173 с.

Барф ҳам мегурезад [Матн]: Повестҳо, ҳикояҳо, эссе. – Душанбе, 1983. – 365 с.

Дувоздаҳ ҳикоя [Матн]. – Душанбе, 1988. – 190 с.

Се рӯзи як баҳор[Матн]: Роман, ҳикояҳо, қисса барои кино. – Душанбе, 1988. – 464 с.

Дарахти ҳазорсола. – Санги ман як ман [Матн]: Навелаҳо, Андешаҳо. – Душанбе, 1991. – 235 с.

Санг дар бағал ба тӯфон [Матн]: Қисса, ҳикояҳо, андеашаҳо. – Душанбе,2002. – 288 с.

Зимистони умр [Матн]: Қиссаҳо, ҳикояҳо, андешаҳо. – Душанбе, 2006. – 624 с.

Ишқи аввал [Матн]: Ҳикоя. – Душанбе,2008. – 14 с.

Чорабини домангир [Матн]: Маҷмуаи ҳикояҳо. – Душанбе, 2011. – 208 с.

Мутахаби осор [Матн]. – Душанбе, 2013. – 560 с.

## Адабиёт


Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи додани унвони фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Нависандаи Халқии Тоҷикистон» ба Турсун Саттор – нависанда, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон [Матн] // Садои мардум. – 1998. – 18 сентябр.

Абдусаттор, А. Қалам, қалам ва китобе бо номи зиндагӣ [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 25 июн.

Махсумзода, Р. Марди роҳи аксоншиносӣ [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 25 май.

Самад, А. Умре гирифтори сухан [Матн] // Чархи гардун. – 2006. – 10 март.

Саъдуллоев, А. Сухан аз фазл [Матн]: Андешаи перомуни эссесҳои Саттор Турсун // Адабиёт ва санъат. – 2003. – 6 июн.

Сулаймонӣ, Г., Одина, Ф., Маъмур, С. Заҳмати покизаро подош мебояд [Матн]: Барои дарёфти ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ба Саттор Турсун // Ҷумҳурият. – 2000. – 18 май.

Сиддиқов, С. Қудрати дасти дӯст метавонад санги бодӣ шиканад [Матн]: Мусоҳиба бо Нависандаи Халқии Тоҷикистон Саттор Турсун // Ҷумҳурият. – 2000. – 21 октябр.

Ҳомид, Ҳ. Нахоҳад ба гетӣ ҷуз аз ростӣ [Матн] // Чархи гардун. – 2006. – 2 июн.

Жизнь у красных холмов [Текст]: Роман, повесть, рассказы. – М.: Сов. Писатель, 1990. – 358 с.

И снег сойдёт [Текст]: Повести и рассказы. – М.: Сов. писатель, 1982. – 416 с.

Лук Рустама [Текст]: Повесть и рассказы. – М.: Сов. писатель, 1979. – 335 с.

Три дня одной весны [Текст]: Роман, повести, рассказы. – М.: Известия, 1990. – 543 с.


## МУХТОР МУРОДОВ

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино Мухтор Муродов 20-уми феврали соли 1936 дар деҳаи Хамирҷӯи н. Конибодом дида ба ҷаҳони равшан кушодааст. Соли 1959 факултаи муолиҷавии Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Ибни Синоро ба поён оварда, ба сифати духтур-анестезиолог ва реаниматологи клиникаи ҷумҳуриявии Беморхонаи касалиҳои сили №1 кор кардааст. Солҳои 1964-1967 ассистенти кафедраи бемориҳои сил, 1967-1974 дотсенти кафедраи ҷарроҳии умумӣ, 1974-1978 мудири кафедраи анестезиология ва реаниматология, 1978-1988 декани интернатура ва таҷрибаи истеҳсолӣ, аз 1988 то поёни

умр - соли 1996 мудири кафедраи анестезиология ва реаниматологияи Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Ибни Сино буд.

Таҳқиқоти профессор Мухтор Муродов ба масоили патогенез ва табобати ноқисии нафасгирӣ, тағйироти патофизиологӣ ва биохимиявӣ дар ҳолатҳои ниҳоят вазнини беморӣ, роҳҳои пешгирӣ ва табобати зиққи нафас, ташхис ва муолиҷаи бемории шуш ва ғайра бахшида шудааст. Бо ибтикораш дар пойтахт Маркази реаниматсионӣ барои калонсолон ва лабораторияи «Гурдаи сунъӣ» ташкил ёфта, бобати расондани кӯмаки тиббӣ ба эҳтиёҷмандон корҳои зиёди амалӣ анҷом додаанд. Мавсуф беш аз бист сол раиси Ҷамъияти ҷумҳуриявии анестезиологҳо ва реаниматологҳо буд. Хидматаш дар тарбияи духтурони ҷавон калон аст.

## Осор

Диагностика и лечение милиарного ателектазирования легких [Текст]. – Душанбе, 1973. – 126 с.

Асрори кушодани банди аҷал [Матн]. – Душанбе, 1975. – 56с. (ҳаммуаллиф)

Диагностика и лечение скрытого бронхоспазма в хирургии [Текст]. – Душанбе, 1975. – 223 с.

Интенсивная терапия астматических состояний (бронхиальная астма) [Текст]. – Душанбе, 1979. – 110 с.

Гелиокс в интенсивной терапии дыхательной недостаточности [Текст]. – Душанбе, 1983. – 207 с.

Бронхоспастический синдром и астматический статус [Текст]. – Душанбе, 1986. – 182 с.

Реанимация [Текст]. – Душанбе, 1987. – 55 с. (соавтор).

Ошибки и опасности в лечении астматического статуса [Текст]. – Душанбе, 1990. – 304 с.

## Адабиёт

Муродов Мухтор Қодирович [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1983. – Ҷ.4. – С.572.

Муродов Мухтор [Матн] // Конибодом. Энсиклопедия. – Хуҷанд, 2006. – С.174.

Муродов Мухтор [Матн] // Энсиклопедияи Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Сино. – Душанбе, 2009. – С.206.

Муродов Мухтор [Матн] // Энсиклопедияи мухтасари тиб. – Душанбе, 2012. – Ҷ.2. – С.131.

## РУСТАМ МУҚИМОВ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Меъмор, доктори илми меъморӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Рустам Муқимов 18 феврали соли 1946 дар ш. Кастағруғани Узбекистон по ба арсаи гетӣ ниҳодааст. Шуъбаи меъмории Институти политехникии Тоҷикистонро (ҳоло ДТТ ба номи М.Осимӣ) (1969) хатм карда, дар ҳамин ҷо ба сифати ассистент, муаллими калон, дотсент, аз соли 1981 мудири кафедраи графикаи меъморӣ ва лоиҳакашӣ хидмат намудааст. Ҳамзамон дар шуъбаи санъату меъмории Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Тоҷикистон машғули корҳои таҳқиқотӣ аст. Профессор Рустам Муқимов бешак аз пуркортарин пажӯҳишгарони санъати меъмории тоҷик ба шумор меравад, амиқияти таҳқиқоташро асару мақолаҳои сершумораш шоҳиданд. Завқи комил, дониши васеъ, борикбинию жарфнои хирад варо дар арсаи умуман илми тоҷик мақоми хос додаанд. Ҳанӯз соли 1982 бо ибтикораш назди кафедраи меъморӣ бюрои конструкторию лоиҳакашии донишҷӯён таъсис ёфта, дар он лоиҳаи маҷмааҳои санаторӣ ва ободонии шаҳрҳои Тоҷикистон кашида мешаванд. Номрафта ба омӯзиши ёдгориҳои меъмории асарҳои миёна ва баъдинаи халқи тоҷик, унсурҳои меъмории шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ, объектҳои меъмории халқӣ ва ғайра шуғл варзида, зиёда аз сесад таълифот аз даст баровардааст.

Бо медали «Хидмати шоиста» қадр шудааст.

## Осор


Зодчество Таджикистана: История архитектуры и строительного дела Таджикистана [Текст]: Учеб. пособие для архитстроит. спец вузов республики. – Душанбе: Маориф, 1990. – 175 с.

Архитектурное наследие Худжанда [Текст]. – Душанбе, 1993. – 251 с.

Краткое энсиклопедие архитектуры [Текст]. – Душанбе, 1993. – 200 с.

Инженерное искусство Таджикистана [Текст]. – Душанбе, 1996. – 121 с.

Культурология [Текст]. – Душанбе, 1998. – 99 с.

Символ Единства и Согласия [Текст]: Брошюра. – Душанбе, 2001. – 32 с. (в соавторстве).

Худжанд: архитектура вчера, сегодня, завтра [Текст]: Монография. – Душанбе, 2001. – 171 с. (в соавторстве).

Жилищное строительство Таджикистана: традиции и современные проблемы [Текст]: Монография. – Душанбе, 2002. – 204 с. (в соавторстве).

История и теория таджикского зодчества [Текст]: Монография. – Душанбе, 2002. – 117 с.

Строительная культура Гиссарской долины X-XX вв [Текст]: Монография. – Душанбе, 2003. –161 с. (в соавторстве).

Истоки зодческого искусства Ариев Центральной Азии [Текст]: Монография. – Душанбе, 2005. – 60 с.

Городское жилище Худжанта XIX-XX вв [Текст]: Монография. Душанбе, 2005. – 201 с. (в соавторстве).

Синтез искусств и архитектуры [Текст]: Монография. – Душанбе, 2006. –137 с. (в соавторстве).

Методика научных исследований [Текст]: Методическое пособие для студентов и аспирантов. – Душанбе, 2006. – 80 с. (в соавторстве).

Архитектурно-художественное наследие Центральной Азии [Текст]: Избранные труды. Монография. – Душанбе, 2006. – 320 с.

Современная архитектура и дизайн [Текст]: Учебное пособие. – Душанбе, 2006. – 211 с. (в соавторстве).

Строительная культура Мавераннахра IX – начала XIII [Текст]: Монография. – Душанбе, 2006. – 191 с. (в соавторстве).

Ариана и Арйанведжа [Текст]: Монография. – Душанбе, 2006. - 204 с. (в соавторстве);

Очерки истории архитектуры и искусства России [Текст]: Учебное пособие. – Душанбе, 2007. – 156 с. (в соавторстве).

Луғати русӣ-тоҷикии тафсирии мухтасар аз меъморию бинокорӣ [Текст]: Учебное пособие. – Душанбе, 2007. – 90 с. (в соавторстве).

Основы архитектурной графики [Текст]: Методическое пособие. – Душанбе, 2008. – 69 с. (в соавторстве).

Построение перспективы архитектурного сооружения [Текст]: Методическое пособие. – Душанбе, 2008. – 172 с. (в соавторстве).

Очерки истории и культуры Душанбе [Текст]: Монография. – Душанбе, 2008. – 237 с.

Архитектура и градостроительство Душанбе [Текст]: Монография. – Душанбе, 2008. – 74 с. (в соавторстве).

Учебный рисунок [Текст]: Методическое пособие. – Душанбе, 2008. – 53 с. (в соавторстве).

Строительные материалы Центральной Азии: традиции и современность [Текст]: Монография. – Душанбе, 2008. –117 с. (в соавторстве).

История и теория таджикского градостроительства [Текст]: Монография. – Душанбе, 2009. –147 с.

Стили, направления и школы в архитектуре и искусстве [Текст]: Методическое пособие. – Душанбе, 2009. – 61 с. (в соавторстве).

Искусство зодчих Верхнего Зеравшана [Текст]: Монография. – Душанбе, 2010. –127 с.

Рисование архитектуры и её окружающей среды [Текст]: Методическое пособие. – Душанбе, 2010. – 318 с. (в соавторстве).

Энсиклопедия памятников арийской культуры Центральной Азии [Текст]: Таджикистан. – Душанбе, 2012. – Том. 1. – 657 с.

Энсиклопедия памятников арийской культуры Центральной Азии [Текст]: Таджикистан. – Душанбе, 2012. – Том. 2. – 636 с.

**Адабиёт:**

Муқимов Рустам Саматович [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 1. – С. 217.

Мукимов Рустам Саматович [Текст]: Библиографический справочник. – Душанбе, 1996. – 63 с.

Мукимов Рустам Саматович [Текст]: Библиографический справочник. – Душанбе, 2006. – 97 с.

Юсуфджанов, С. Вчера – в сегодня [Текст] // Народная газета. – 2014. – 9 апреля.

Муксинов, Р., Смирнов, Ю. Арии возвращены на Родину [Текст] // Народная газета. – 2014. – 16 апреля.

## ИСЛОМ ЮСУФӢ
### (Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Шоир ва мутарҷим Ислом Юсуфӣ 8 марти соли 1946 дар деҳаи Миёнатуки н. Шӯрообод ба дунё омадааст. Соли 1967 Институти педагогии Кӯлобро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи сурх тамом карда, аввал дар ҳамин ҷо ҳамчун омӯзгор кор кардааст. Солҳои 1968-1969 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ аввал дар Украина ва минбаъд Чехословакия хидмат намудааст. Солҳои 1970-1973 муаллими мактаби деҳа, 1974-1981 мушовири шуъбаи тарғибу ташвиқи кумитаи ҳизбии н.Маскав (ҳоло н. Ҳамадонӣ), 1981-1987 муовини муҳаррири рӯзномаи «Зафар»-и ҳамин ноҳия, 1987-1990 муҳаррири идораи иқтисоди Радиои Тоҷикистон, 1990-1994 директори Хонаи

пешоҳангони шуъбаи маориф ва 1994-2004 муаллими мактаби миёна дар зодгоҳ буд. Солҳои 2005-2009 (то нафақа) Сармуҳарририи идораи барномаҳои адабию ҳунарии Радиои Тоҷикистонро ба зимма доштааст.

Хислати барҷастаи шеъри Ислом Юсуфӣ самимияту андешамандӣ аст, назмаш аз шиорҳои рӯзмарра ва ҳаёҳу дур мебошад. Бо нигоҳи амиқ ниёзи замонро ба дурустӣ дарк мекунад, ҳамвора кӯшидааст маънии амиқи шеър ва соддагии каломро бо забони шево ба гӯши хонанда расонад. Ӯ эҳсос менамояд, ки вазифаи шоир ҳамзабонӣ бо хонанда нест, балки сатҳи салиқаю огоҳӣ ва фарҳангии варо боло бурдан аст. Баҳрагирӣ аз тарзи иҷтимоӣ, нигориши равшанфикрона аз вежагиҳои ашъораш ба шумор меравад. Ба забони русӣ низ шеър менависад, ки дар се маҷмӯа гирд омадаанд. Ба эҷоди осори насрӣ ҳам шуғл варзида, асари публисистии «Корнома ва зиндагӣ», романи чорқисмаи «Гулнора» иншо кардааст, соҳиби чандин очерку мақола, қариб ҳазор барномаи гуногуни радиоист. Китобҳои А.Шишов «Тоҷикон», А.Логофет «Кишвари беҳуқуқон» ва «Дар кӯҳҳо ва водиҳои Бухоро»-ро аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума намудааст. Ашъораш ба русӣ, узбекӣ, ҳиндӣ, чехӣ, хитоӣ ва дигар забонҳо нашр шудааст.

## Осор

Таронаҳои сабӯҳӣ [Матн]: Маҷмӯаи ашъор. – Душанбе, 1997. – 72 с.

Ашкборон [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 2001. – 65 с.

Таронаи шақоиқҳо [Матн]: Маҷмӯаи таронаҳои назмӣ. – Душанбе, 2003. – 62 с.

Корнома ва зиндагӣ [Матн]: Аз ҳаёту рӯзгори иштирокдори ҶБВ А. Каримов. – Душанбе, 2005. – 260 с.

Сукути андеша [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 2011. – 290 с.

Таджикистан- Родина моя [Текст]: Стихи. – Душанбе, 2000. – 77 с.

Большая, большая любовь [Текст]: Стихи. – Душанбе, 2005. – 81 с.

Любовь- не забудется [Текст]: Стихи. – Душанбе, 2008. – 68 с.

## Адабиёт

Мазиёев, М. Рӯзноманигор, шоир, мунаққид [Матн] // Зафар. – 1982. – 1 май.

Салимов, А. Устод ва мураббӣ [Матн] // Зафар. – 1983. – 5 март.

Мирзод, Т. Шеъри андешаи Ислом Юсуфӣ [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2008. – 16 июн. – С. 7.

Юсуфӣ Ислом [Матн] // Даштиҷум. – Душанбе, 2008. – С.201.

## ВАЛИМАД ОДИНАЕВ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Рассом, Арбоби ҳунари Тоҷикистон Валимад Одинаев 10 марти соли 1946 дар деҳаи Амрутихами н. Шӯрообод дида ба олам кушодааст. Фориғуттаҳсили Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов (1965) ва Институти театрӣ-бадеии ба номи А. Островскийи ш. Тошканд (1970). Солҳои 1970-1990 муаллим, аз соли 1991 то поёни умр директори Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов буд. Аз пайкарасозони намоёни ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, муҷассамаҳояш дохил ва беруни Театри давлатии академӣ - драмавии ба номи Лоҳутӣ, Кохи Борбад, Сирки давлатӣ (дар Душанбе), Қасри маданияти ш. Кӯлоб ва дигар иншоотро зеб медиҳанд. Пайкараю барелйефҳои «Модар», «Шарора», «Саргазон», «Фаслҳои сол», «Зебо», «Садриддин Айнӣ», «Варзишкор» намунаи беҳтарини дастранҷаш ҳастанд. Беш аз панҷоҳ асараш чун «Ҳосилот», «Чӯпон», «Оила», «Истироҳат», «Хунарпешагони сирк», «Чойнӯшӣ», «Осмони соф», «Гулгашти ошиқон», «Умед», «Муаллимаи ҷуғрофия», «Гуселкунӣ», «Дарахти даврони ҷавонӣ», «Оина», «Суқрот», «Ду нафар», «Муаллим», «Рассом», «Беҳзод», «Суруд дар бораи Ватан», «Баҳор», «Моҳ» ва ғайраҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба таври доимӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Эҷодаш дар ярмаркаҳои байналмилалии Ироқ, Алҷазоир, Лаҳистон, Маҷористон, Шветсия ва дигар давлатҳо баҳои баланд гирифтааст.

### Адабиёт

Содирова, М. Пайкараҳои гӯё [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 27 апрел.

Одинаев Валимад [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. С. 363.

## ОРТИҚ ҚОДИРОВ

(Ба муносибати 60- солагии зодрӯзаш)

Актёр ва ровӣ, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқ Қодиров 14 марти соли 1956 дар деҳаи Нилуи н. Ҳисор таваллуд ёфтааст. Фориғуттаҳсили Донишкадаи давлатии

санъати ба номи М.Турсунзода (1978). Солҳои 1978-1991 актёри Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ, 1991-1995 корманди Театри намунавии миниатюраи «Оина» буд. Аз соли 1996 боз ба Театри давлатии академии-драмавии ба номи Лоҳутӣ баргаштааст. Дар саҳнаи театр образҳои лирикӣ, драмавӣ, фоҷиавӣ ва мазҳакавиро дар як поя офарида, тамошогарро қоил менамояд. «Кӯзаи гӯё», «Исёни арӯсон», «Раъно», «Эдип», «Нахи печида», «Бахташро бедор кун», «Қиёми Лоҳутӣ», «Сухан ва шамшер», «Ибтидо» «Ғуруби Аҷам», «Хатро ман навишта будам», «Тӯдаи риёкорон» барин спектаклҳо аз баракати ҳунараш бештар муваффақ шудаанд. Дар филму намоишномаҳои телевизионии «Модар», «Ҳаёт ва ишқ», «Ашқи сӯзон», «Ҷомӣ ва Навоӣ», «Ғуруб», «Кадри ҳавоӣ» ва ғайраҳо истеъдодаш зуҳур карда, бисёр саҳнаю намоишҳои Театри «Оина»-ро рангу бӯ бахшидааст. Ровии нотакрор аст, дар хазинаи Радиои тоҷик даҳҳо хониши бадеӣ бо овози ширадораш маҳфузанд. Дар ҷодаи рӯзноманигорӣ низ дасташ болост, зери имзои мустаори Меҳрафзун мақолаҳо оид ба пешрафту мушкилиҳои фарҳанги миллӣ, ҳаёту фаъолияти фарҳангиёни номӣ, очерку публисистика, мусоҳибаю мубоҳисаҳо нашр менамояд. Барандаи доимии ҷашнвораҳои муҳими мадании ҷумҳурӣ мебошад.

## Осор

Ёди ту оташест… [Матн]. – Душанбе, 1996. - 67 с.

Ошёни меҳр [Матн]. – Душанбе, 2007. - 93 с.

## Адабиёт


Намоишномаҳои хаёлӣ [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1982. – 14 феврал.

Нилуфар. Дар дил оташе дорад [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1991. – 4 июл.

Орзуи чандинсолаам ҷомаи амал пӯшид [Матн]: Мусоҳибаи Р. Махсумзод бо О. Қодир // Чархи гардун. – 2002. – 27 декабр.

Қодиров Ортиқ Ашӯрович [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 2003. – Ҷ. 3. – С. 317.

Театр ва рӯзноманигорӣ як ҳадаф доранд [Матн]: Мусоҳибаи Ҳ. Ҳомид бо О. Қодир // Чархи гардун. – 2007. – 15 март.

Ҷавҳари истеъдод [Матн]: Мусоҳибаи Ш. Аҳтамзод бо О. Қодир // Садои мардум. – 2008. – 26 феврал.

Холмирзо, Р., Маҳбуби дилҳо [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 1 октябр.

Ба фикри Барзу розӣ буда наметавонам [Матн]: Мусоҳиба бо О. Қодир // Нури зиндагӣ. – 2009. – 3 декабр.

Бисёр талх гиря кардам [Матн]: Сӯҳбати М. Абдуллоева бо О. Қодир // Тоҷикистон. – 2010. – 1 апрел.

«Мо филмҳои худро ҳатто баробари муш эътироф карда наметавонем» [Матн]: Андешаҳои ҳунарпеша Ортиқи Қодир // Нигоҳ. – 2011. – 16 июн.

## ТОЛИБ ШАҲИДӢ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Оҳангсози намоёни тоҷик, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ. Толиб Шаҳидӣ 13 марти соли 1946 дар ш. Душанбе таваллуд ёфтааст. Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе (1967) ва Консерваторияи давлатии Маскавро (1972) ба итмом расондааст. Шогирди оҳангсози барҷастаи Шӯравӣ Арам Хачатурян аст. Солҳои 1972-1976 омӯзгори Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзода, 1976-1980 муҳаррири мусиқии киностудияи «Тоҷикфилм», 1981-1987 муҳаррири мусиқии Телевизиони Тоҷикистон, аз соли 1987 дар Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ фаъолият доштааст. Балетҳои «Спитамен», «Марги судхӯр», «Юсуф ва Зулайхо», «Рубоиёти Хайём», операҳои «Посбони оташ», «Амир Исмоил», «Халифи якрӯза», мусиқӣ ба филм-балети «Умари Хайём», «Себҳои сеҳрнок», симфонияҳои «Тоҷикон», «Абӯалӣ ибни Сино», «Мақомот», чор квартет барои созҳои торӣ, консерт барои сюитаи балетӣ, увертюраи «Республикаи ман», симфония барои оркестри калон «Тоҷикон», кантатаҳо, асарҳои созию овозӣ ва камеравӣ, мусиқӣ барои кинофилму спектаклҳо – номгӯи нопурраи осори ин оҳангсози барҷаста мебошад. Асарҳояш дар калонтарин саҳнаҳои театри мамолики хориҷӣ – Русия, Булғористон, Руминия, Испания, Фаронса, Олмон, Италия ва ғайраҳо иҷро шудаанд.

### Адабиёт

Дӯсти оҳангсози мо [Матн]: Мусоҳибаи С. Иброҳимов бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ // Адабиёт ва санъат. – 1984. – 5 июл.

Гапҳои паси парда [Матн]: Мусоҳибаи Н. Сафарова бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ // Тоҷикистони Советӣ. – 1989. – 17 феврал.

Мусиқӣ бояд дархӯри замон бошад [Матн]: Мусоҳиба бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 28 сентябр.

Ҷаҳони мусиқӣ ҷаҳони ҳамдилӣ аст [Матн]: Мусоҳибаи Н. Рӯзиматов бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ // Адабиёт ва санъат. – 1992.- С. 10.

Ҳусейнова И. Хоҳони сулҳу амонӣ [Матн] // Паёми Душанбе. – 1993. – 19 январ.

Опера ва балет барои тоҷикон бегона нест [Матн]: Мусоҳибаи Ҳ. Ҳомид бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ // Чархи гардун. – 1999. – 26 ноябр.

Абдулвоҳидов, Б. Оҳанги асри навин [Матн] // Садои мардум. – 2000. – 19 август.

Абдуҷабборов, А. Каприччио [Текст]. – Душанбе, 2004. – 96 с.

Толиби наво [Матн]: Сӯҳбат бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ // Адабиёт ва санъат. – 2005. – 21 июл.

Ҳалима, Ҳ. Оҳанге, ки аз дил мебарояд [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1982. – 29 октябр.

Раҷабов, А. Завқи баланд [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 2 апрел.

Чигрин, Л. Офарандаи оҳангҳои дилхурӯш [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 31 март.

Рӯзиматов, С. Касби падар [Матн] // Маориф ва маданият. – 1976. – 28 октябр.

Рӯзиматов, С. Бо роҳи падар [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1981. – 7 январ.

## ОТАХОН ЛАТИФӢ

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Журналисти маъруфи тоҷик, нависанда, арбоби ҷамъиятӣ Отахон Латифӣ 18-уми марти соли 1936 дар ш. Панҷакат дида ба олам кушодааст. Соли 1963 факултаи журналистикаи Университети давлатии Ленинградро (ҳоло ш. Санкт-Петербург) ба поён расонда, муддате дар нашриёти «Ирфон» ба сифати муҳаррир кор кардааст. Минбаъд чун мухбири рӯзномаҳои «Комсомолец Таджикистана», «Комсомоли Тоҷикистон» қувва озмуда, чанде дар КМ ЛКСМ Тоҷикистон ҳамчун нозир фаъолият намудааст. Солҳои 1969-1973 мухбири махсуси газетаи «Комсомольская правда» дар Осиёи Миёна, 1973-1991 мухбири махсуси газетаи «Правда» дар Тоҷикистон буд. Соли 1991 чанде муовини Раиси

Совети Вазирони Тоҷикистон кор карда, солҳои 1997-1998 узвияти Комиссияи оштии миллии Тоҷикистонро ба дӯш дошт. 18 сентябри соли 1998 чашм аз дунё пӯшидааст.

Отахон Латифӣ бо услуби оммавӣ-илмӣ менавишт, фикру андешаашро бе парда, гӯёю фаҳмо баён менамуд, дар навиштаҳояш самти сиёсату фаросат муайян буд, ҳадафу масъала ва ҳалли онҳо вуҷуд дошт. Ин аст, ки бӯи мушки қаламаш ба димоғи қаламкашони дуру наздик расид, харидори зиёд пайдо кард. Бо заҳматаш кору бор дар Тоҷикистон ба чашму гӯши миллион-миллион хонандаи олам расид, ҳамеша мавзӯи муҳиму муфид меёфт, таҳлил мекард, собит месохт, ки ҳар нуқсе бар қалами қаламбадастон меравад, фақат айби замону талаби вақт нест, балки бозгӯи дониш, биниш, фаросат, масъулият ва ҳунари нависанда аст. Ӯ бе дард сухан намегуфт, мисли шикорчие, ки бе ҳадаф асло тир намекушояд. Паси чизи оддӣ зуҳуротро медид, аксар навиштаҳояш дар мақомоти баланди давлатию ҳизбӣ баррасӣ ва бо хулосабарорӣ анҷом меёфтанд.

## Осор

Тирамоҳи заррин [Матн]: Очерк. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 47 с.

Белая осень [Очерк]. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 160 с.

Рӯзгори соҳибдилон [Матн]: Ҳикоятҳо аз қисмати як зумра бузургони маданияти халқ. – Душанбе: Ирфон. 1985. – 320 с. (ҳаммуаллиф).

Последняя весна Отахона Латифи [Текст]. – Душанбе, 2002. – 147 с.

Люди и вершины Книга памяти [Текст]. – Москва: Фонд им. И. Д. Сытика, 2003. – 212 с.

Асое, ки моро сӯи мӯъҷиза бурд [Матн]: Навогарони як диёр. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 198 с. (ҳаммуаллиф).

## Адабиёт

Ҳамдамов Ш. Назаре чун нигоҳи Латифӣ [Матн] // Газетаи муаллимон. – 1989. – 4 апрел.

Атовулло, Д., Аюб, С. Чароғи ҳидоят [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 16 март.

Шаҳрия. Барои Латифӣ [Матн]: Шеър // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989. – 7 апрел.

Осоиши ҳамагон ормони ман аст [Матн]: Мусоҳибаи К. Шарифзода бо О. Латифӣ // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989. – 22 март.

Отахон Латифӣ [Матн] // Адибони Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С. 261-262.

Кӯҳзод Ӯрун. Вай ба ботини чизҳо менигарист [Матн] // Ҷумҳурият. – 2006. – 11 март.

Десятерин, В. Ту бо мо ҳастӣ, Отахон [Матн] // Ҷомеа. – 2008. – 27 март.

Шарики умри ман ва шарики ниёзҳои мардум [Матн]: Сухан аз ҳамсари устод О. Латифӣ – номзади илми тиб Манзура Ёқубова // Ҷомеа. – 2008. – 27 март.

Муҳаммад, М. Ташаббускори сулҳе, ки шаҳди онро начашид [Матн] // Ҷомеа. – 2008. – 18 сентябр.

Исмоилиён, З. Чеҳраи боризи журналистика ва сиёсат [Матн] // Ҷомеа. – 2009. – С. 6.

## АБДУМАННОН САТТОРОВ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Абдуманнон Сатторов 1–уми апрели соли 1946 дар деҳаи Сурхакчашмаи н.Ҳисор чашм ба олам кушодааст. Соли 1967 шуъбаи риёзиёти Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба поён оварда, дар Артиши Шӯравӣ чун афсар хидмат менамояд. Солҳои 1969-1971 муаллими кафедраи назарияи функсияҳо ва таҳлили риёзии УДТ, 1971-1973 таҳсил дар аспирантура, 1974-1986 муаллими калон ва дотсенти УДТ, 1987-1990 докторанти Университети давлатии ш. Ленинград (ҳоло ш. Санкт-Петербург), 1991-1996 муовини якуми ноиби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 1996-2002 проректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, 2002-2005 боз муовини проректори ДМТ кор кардааст. Чанд соли минбаъда мудири шуъбаи муодилаҳои дифференсиалӣ ва татбиқи амалии онҳои Институти илмҳои табиатшиносии ДМТ буд.

Фаъолияти илмии профессор Абуманнон Сатторов таҳқиқи муодилаҳои дифференсиалии намуди омехта бо хатҳои сингулярӣ аст, ки дар илми математика мақоми хосро дорост. Соли 1980 дар мавзӯи «Таҳқиқи масъалаҳои асосӣ – канории муодилаҳои дифференсалӣ бо хатти сингулярӣ» рисолаи номзади илм ва соли 1990 бобати «Тасвири интегралӣ ва масъалаҳои канорӣ барои муодилаҳои омехтаю сингулярии тартибҳои дуввум ва чаҳорум» рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Соҳиби қариб 100 асару мақолаи илмӣ, таълимӣ ва методӣ мебошад, ки ҳаводорони риёзиёт аз он босамар баҳра мебардоранд. Бо дастгирию роҳбариаш беш аз даҳ нафар ба дарёфти унвони номзади илм сазовор

гардидаанд. Натиҷаи заҳматҳои пайваста ва ҷонталошҳост, ки номи ин донишманди тоҷик дар китоби «500 олими машҳури улуми риёзӣ дар ҷаҳон» (нашри ИМА) ворид гардидааст, ин боиси ифтихори ҳаммиллатон аст.

## Осор


Практикуми таҳлили математикӣ [Матн]. – Душанбе, 1989. – Қ.1. – 107 с.

Практикуми таҳлили математикӣ [Матн]. – Душанбе, 1991. – Қ.2. – 118 с.


## Адабиёт


Аминҷонов, А., Каримов, М. Ҳамрози улуми риёзӣ [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 31 март.

Уруни Назар. Пажӯҳандаи асрори риёзӣ [Матн] // Садои Мардум. – 2006. – 1 апрел.

Сатторов Абдуманнон [Матн] // Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С.275-276.


## ШОҲЗАМОН РАҲМОНОВ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Адабиётшиноси пуркор, доктори илми филологӣ, профессор Шоҳзамон Раҳмонов 14 апрели соли 1946 дар деҳаи Лубиёкори н. Шаҳритус таваллуд ёфтааст. Соли 1967 факултаи забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии ш. Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) хатм намуда, муддате дар мактаби миёнаи зодгоҳ дарс додааст. Солҳои 1968-1991 лаборант, ходими илмӣ ва ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон буд. Аз соли 1992 пурра ба корҳои таълиму тарбия гузашта, дар макотиби олии ҷумҳурӣ ҳамчун дотсент ва профессор аз забону адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, назмшиносӣ, ҷараёнҳои адабӣ ва ғайра дарс гуфтааст. Солҳои 2000-2003 ба ҳайси мудири шуъбаи забонҳо, иттилоот ва матбуоти Вазорати маорифи ҷумҳурӣ хидмат намуда, дар амалӣ намудани Қонуни забон дар шуъбаю идораҳои маорифи ҷумҳурӣ нерӯ ва таҷрибаашро истифода бурд, ҷиҳати тоҷикӣ шудани истилоҳоти илмии таълимӣ, омодасозии луғатҳои соҳавӣ, баланд бурдани маданияти сухани донишҷӯён талоши фаровон ба харҷ дод.

Аммо қабл аз ҳама Шоҳзамон Раҳмонов чун олим ба паҳлӯҳои таҳқиқношудаи адабиётшиносии тоҷик ва масоили назариявии он

равшанӣ андохт. Соли 1987 дар мавзӯи «Мусаммат, таҳаввул ва ташаккули он» рисолаи номзадӣ ва соли 1997 оид ба «Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик» рисолаи доктори илми филологӣ дифоъ кардааст. Перомуни таҳқиқи шеъри хурд ва жанрҳои он – рубоӣ, ғазал, мусаммату қасида дар иртиботи ҳамдигар пажӯҳиши гарон ба хидмат оварда, мавриди равиши назарияи шеъри классикию ҳозиразамон, жанрҳои назми форсӣ, ҷараёни адабии назму насри муосир, эҷодиёти адибон мақолаю тақризи зиёд навиштааст. Ӯ узви Комиссияи Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Иттифоқҳои нависандагон ва журналистони Тоҷикистон мебошад. Мураттиб ва муҳаррири чандин китобу маҷмӯаҳои илмист.

Бо ордени «Дӯстӣ», чандин ифтихорномаҳо қадр шудааст.

## Осор

Байт ва муносибати он дар шеър [Матн]. – Душанбе, 1980. – 91 с.

Мусаммат, таҳаввул ва ташаккули он [Матн]. – Душанбе, 1987. – 168 с.

Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ [Матн]. – Душанбе, 1988. – 144 с.

Шеър ва Айнӣ. Дигаргуниҳои сифатию созмонӣ дар лирикаи муосири тоҷик [Матн]. – Душанбе, 1994. – 78 с.

Сухане чанд аз лирикаи форси тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе, 1999. – 134 с.

Таҳқиқ ва накд [Матн]. – Душанбе, 2005. – 89 с.

Бародарони ҷонӣ [Матн]: Пайрав Сулаймонӣ ва Раҳим Ҳошим. – Душанбе, 2005. – 151 с.

Се кори муҳим ва бахайри устод С. Айнӣ [Матн]: Рисола. – Душанбе, 2007. – 65 с.

Маърифати забон [Матн]. – Душанбе, 2008. – 207 с.

Асарҳои адабӣ ва назари эстетикии устод С. Айнӣ [Матн]. – Душанбе, 2008. – 241 с.

Ҳамаи хубиҳои инсон аз китоб аст [Матн]: Бахшида ба 80- солагии Китобхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – 123 с.

## Адабиёт

Маҳкамов, С. Муҳаққиқ ва адабиётшинос [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 20 апрел.

## ДОРО НАҶОТ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Шоир, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Доро Наҷот 4 майи соли 1946 дар деҳаи Урметани н. Айнӣ таваллуд ёфтааст. Хатмкардаи (1966) Институти давлатии педагогии ш. Хуҷанд (ҳоло ДДХ ба номи Б. Ғафуров) аст. Баъди адои хидмати аскарӣ дар Артиши Шӯравӣ солҳои 1968-1978 дар рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятӣ мухбирӣ кардааст. Солҳои 1978-1990 хабарнигор ва мудири шӯъбаи газетаи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») аз соли 1991 сармуҳаррири «Сомон» - нашрияи Бунёди байналмилалии забони форси тоҷикӣ буд.

Доро Наҷот зиёда аз чил сол мусофири қаламрави бекаронаи сухан аст ва нешу нӯши онро ба сафҳои дилу дафтари ҷон менигорад. Аз баракати истеъдоди озмоянда ва омӯзанда вориди манзалаи шуарои муваффақи миллат шуд ва дар рушди шеъри орифонаи замони нав саҳм гузошт. Суханаш аз нишеби замин зина-зина ба фарози осмон рӯ овард, пажӯҳишу таҳқиқи огоҳона назмашро ба дурри суфта мубаддал сохт. Нафаси дуюми истеъдодашро ихлосу садоқат ба сухан, ба халқу Ватан боз кард. Дар шеъраш беш аз ду даҳсолаи охир таҳаввулоти тозаи сифатӣ ба вуҷуд омад, ба шеъри нав ё сафед рӯ овард, суханаш мазмуну ҷилои тоза ва сӯзу сози ҷадид пайдо намуд. Ба сифати яке аз раҳкушоён дар боз намудани фазоҳои нави рӯҳонии шеъри кунунии тоҷик ҳиммат намуда, хонандагон ашъорашро бо хушбинию хуҷистафолӣ истиқбол гирифтаанд. Ниҳоятан соли 2013 шоир луғатномае бо номи «Фарҳанги Доро» ба хидмат овард, ки бо шеваи комилан илмӣ таълиф шуда, беш аз панҷ ҳазор вожа, истилоҳ, таркибу ибораҳо фаро гирифтааст. Тафсирҳо ва шарҳу тавҳезоти муфассал нишонаи баҳрабардории мураттиб аз санаду сарчашмаҳои сершумор аст.

Ашъораш ба баъзе забонҳои хориҷӣ тарҷума шуда, ӯ аз осори шуарои ҷамоҳири собиқ Шӯравӣ намунаҳои фаровон ба тоҷикӣ баргардондааст.

### Осор

Соҳиби кӯҳсор [Матн]: Шеърҳо. – Душанбе, 1981. – 57 с.
Шабнам [Матн]: Шеърҳо. – Душанбе, 1983. – 48 с.
Дарав [Матн]: Шеърҳо. – Душанбе, 1986. – 80 с.
Хирмани моҳтоб [Матн]. – Душанбе, 1989. – 128 с.
Тулуъе дар ғуруб [Матн]: Шеърҳо. – Душанбе, 1998. – 128 с.

Шайх Абулқосими Гургонӣ [Матн]. – Душанбе, 1999. – 230 с.

Дар он сӯи хобҳо [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 2000. – 183 с.

Маҳтобе хамида дар рукӯъ [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 2006. – 232 с.

Ҳумои раҳмат [Матн]: Ройзании фарҳангии Сафоратхонаи ЧИЭ. – Душанбе, 2006. – 372 с.

Як кашкул ишқ [Матн]: Маҷмӯа. –Душанбе, 2010. – 95 с.

Меоям аз шигифт [Матн]: Гулчини ашъор. – Душанбе, 2012. – 432 с.

Фарҳанги Доро [Матн]: Баргузидаи тафсирии беш аз панҷ ҳазор вожа, истилоҳ, тартиб ва ибораҳои забони форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе, 2012. – 599 с.

### Адабиёт:

Каримов, Ф. Наҷотов Доро [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1989. – Ҷ. 2. – С. 445.

Акбарзода, Ю. Шеъри дард ва зиндагӣ [Матн] // Ҷумҳурият, 1999. – 17 июл.

Доро Наҷот [Матн] // Адибони Тоҷикистон. – Душанбе: Адиб, 2003. – С. 362-363.

Набавӣ, А. Дороии Доро Наҷот [Матн] // Садои мардум. – 2006. – 14 сентябр.

«Фарҳанги Доро» падидаи нав дар фарҳангнигории тоҷик [Матн]: Мусоҳибаи М. Аҷамӣ бо Доро Наҷот // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 14 феврал.

Фарҳанги Доро [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2013. – 28 феврал.

## ЗИКРУЛЛО ХОҶАЕВ

(Ба муносибати 100- солагии зодрӯзаш)

Ҷарроҳи шинохташудаи тоҷик, доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, Духтури шоистаи ҷумҳурӣ Зикрулло Почоевич Хоҷаев 9 майи соли 1916 дар ш. Хуҷанд по ба арсаи гетӣ ниҳодааст. Иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Солҳои 1933-1938 дар Институти давлатии тибби ш. Тошканд хонда, то соли 1941 ординатори шуъбаи ҷарроҳии Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии пойтахт буд. Баъди анҷоми ҷанг солҳои 1946-1957 ба ҳайси ассистент, дотсент ва мудири кафедраи ҷарроҳии Институти давлатии тибби Тоҷикистон ба

номи ибни Сино, 1957-1965 ректори ҳамин донишкада кор кардааст. Аз соли 1965 то поёни умр – 1973 роҳбарии кафедраи ҷарроҳии донишкадаи номрафтаро ба зима дошт.

Профессор Зикрулло Хоҷаев поягузори умури нейрохирургия дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, перомуни масоили мухталифи ҷарпроҳӣ, хоса нейрохирургия таҳқиқоти судманд анҷом додаст.

Ду даъват узви парлумон – депутати Совети Олии Тоҷикистон интихоб гардида, бо орденҳои Ленин, Ситораи Сурх, Ҷанги Ватанӣ, нӯҳ медали ҷангу меҳнат ва ифтихорномаҳо қадр шудааст. Шуъбаи нейрохирургии Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии рақами 3-и ш. Душанбе ба номаш гузошта шудааст.

## Осор

Динамика изменений клеточного состава спинномозговой жидкости в послеоперационном периоде при опухолях задней черепной ямки [Текст]. – Душанбе, 1969. – 114 с.

## Адабиёт

Хоҷаев Зикрулло Почоевич [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 8. – С. 29.

Ходжаев Зикрулла Пачаевич [Текст] // Худжанд. Энсиклопедия. – Душанбе, 1994. – С. 405.

Хоҷаев Зикрулло Почоевич [Матн] // Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон. – Душанбе, 2009. – С. 407.

Хоҷаев Зикрулло Почоевич [Матн] // Донишномаи мухтасари тиб. – Душанбе, 2012. – Ҷ. 5. – С.231-232.

## ҒАФФОР ВАЛАМАТЗОДА

(Ба муносибати 100-солагии зодрӯзаш)

Раққос ва балетмейстер, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Артисти халқии СССР, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Ғаффор Валаматзода 9 майи соли 1916 дар ш. Хуҷанд дида ба ҷаҳон кушодааст. Соли 1932 Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Хуҷанд, 1948 Омӯзишгоҳи хореографии назди Театри Калони СССР ва соли 1951 Институти давлатии санъати театрии ш. Маскавро ба итмом расондааст. Солисти Театри мусиқии узбек (1932-

1934), раққоси Театри мусиқии тоҷик (1934-1935), артисти балети Театри давлатии академӣ-драмавии опера ва балети ба номи С. Айнӣ (1940-1951), сарбалетмейстери ҳамин театр (1951-1963), директори Филармонияи давлатии Тоҷикистон (1963-1973) ва аз соли 1965 то поёни умр – 1993 сарбалетмейстери ансамбли рақсии «Лола» буд.

Ғаффор Валаматзода дар балетҳои тоҷикӣ ва классикии русу Ғарб нақш бозида, худро ҳамчун артисти барҷаста муаррифӣ намуд, «Сарчашмаи бахт», «Фаввораи Боғчасарой», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Лауренсия», «Эсмералда», «Дилбар», «Гилеми кабуд» барин балетҳоро ба саҳна гузошта, ба сифати балетмейстери нотакрор шӯҳрат ёфт, соли 1949 сазовори бонуфузтарин ҷоизаи даврони шӯравӣ – Ҷоизаи Сталинӣ (баъдан Ҷоизаи давлатии СССР ном гирифт) гардид. Соли 1965 ансамбли давлатии рақсии «Лола» ташкил шуд ва ин санъаткори беназир ба ҳайси роҳбари он эътибори рақси миллии тоҷикро то дуриҳо бурд, рақсҳои мардумиро аз лиҳози бадеӣ такмил бахшида, саҳнабоб намуда, амалан арғушти нав офарид. Дар санъати рақси тоҷик ҳаракатҳои бошитоб, ҷӯшу хурӯш, чархзаниҳои босуръат, нафосати зоҳирӣ ва таносуби дастaвиро парварид. Ҳамзамон рақсҳои афғонӣ, эронӣ, узбекӣ, уйғурӣ, тоторӣ, озарӣ, арабӣ ва дигар халқҳоро боҷуръатона ба саҳна гузошт ва ҳатто онҳоро такмил дод. Қариб ҳамаи артистони балет ва рақси тоҷик, ки сазовори унвону ҷоизаҳои давлатӣ шудаанд, барҳақ шогирдонаш ҳастанд. Номаш дар сафҳои рақси тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт ёфтааст.

Бо ордени Ленин, се ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳо сазовор гардидааст.

### Адабиёт

Джурабекова, М. Как зажигались звёзды [Текст]. – Душанбе, 1986. – 96 с.

Маликаи Ҷӯрабек. Шоҳини ҳунар [Матн]. – Душанбе, 2006. – 77 с.

Ғаффор Валаматзода [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – Душанбе, 2006. – 67 с.

## САБЗАЛӢ ШАРИФЗОДА

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Рассом, Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Сабзалӣ

Шарифзода 9 майи соли 1946 дар н. Фархор дида ба ҷаҳон кушодааст. Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов (1967) ва Институти давлатии театрӣ-бадеии ба номи А. Островскийи ш. Тошкандро (1972) ба итмом расонда, умре дар Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов сабақ додааст. Бешубҳа, аз беҳтарин мусаввирони насли худ аст, истеъдоди билқувваош дар навҷӯӣ ва суннатшиканист, роҳу равиш ва сабки хоси хешро дарёфт, аз таъсири дигарон раҳо шуд. Осораш аз назари қолаб, наҳи тасвир ва тавсиф, маънӣ тоза аст. «Куллаҳои устод Мӯъминшо», «Баҳори устод Лоиқ», «Усто Нуриддинов», «Устод М. Олимов», «Усто Раҷаби Шариф», «Талбак Лолаев», «Сино», «Шӯриши Восеъ», «Роғун», «Субҳи Роғун», «Гусел», «Наврӯз», «Ғолибон», «Анорбоғи бобоям», «Хайёлҳо», «Ёде аз солҳои гузашта», «Мотам», «Мактуб» аз беҳтарин мусаввараҳои портретӣ ва манзаранигориаш мебошанд. Деворнигораҳо – панной «Меҳмоннавозӣ» (меҳмонхонаи «Тоҷикистон»), ороиши биноҳои Сирки давлатӣ, Театри давлатии академӣ - драмавии ба номи Лоҳутӣ, гулбандиҳои Кохи Борбад, ҳотамкории Қасри фарҳанги Кӯлоб аз истеъдоди нотакрораш дарак медиҳанд. Дастранҷаш дар осорхонаю нигористонҳои Русия, ИМА, Олмон, Шветсия, Швейсария, Лаҳистон, Кипр, Австрия ва дигар давлатҳо ҷой дода шудаанд.

### Адабиёт


Айни Л. Сабзали [Текст]. – Душанбе, 1997. – 91 с.

Зиндагӣ чӣ ранге дорад [Матн] // Маданияти Тоҷикистон, 1983. – 12 апрел.

Сайри эъҷози ҳунар [Матн]: Мусоҳибаи М. Ҳусейн бо рассом С. Шарифов // Тоҷикистони Советӣ. – 1987. – 5 апрел.

Овчарова, Т. Нақшҳо ва ҳунарҳо [Матн] // Садои Шарқ. – 1990. – № 12. – С.99-103.

Салим, М. Ба истиқболи хуршед [Матн] // Садои мардум. – 1996. – 2 октябр.

Шарифов Сабзалӣ [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С. 608.

Бо худ дар набардам [Матн]: Мусоҳибаи А. Ҳаким бо С. Шариф-зода // Ҷумҳурият. – 2006. – 21 октябр.


## КАРИМОВ САИДМАМАД

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ Саидмамад Каримов 20 майи соли 1936 дар Истаравшан дида ба ҷаҳон кушодааст. Соли 1959 факултаи физикаю математикаи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, ҳамчун ассистенти кафедраи физикаи таҷрибавӣ ба фаъолият мепардозад. Солҳои 1961-1964 аспиранти УДТ, 1965-1972 мудири кафедраи ҷисмҳои сахт ва 1972-1986 декани факултаи физикаи ҳамин донишгоҳ кор кардааст. 1986-1994 ректори Институти давлатии педагогии ш. Хуҷанд (ҳоло ДДХ ба номи Б.Ғафуров), аз соли 1994 то поёни умр - соли 2012 вазифаи мудири шуъбаи физикаи Маркази илмии хуҷандии АИ Тоҷикистонро ба зимма дошт.

Профессор Саидмамад Каримов аз муҳаққиқони варзидаи физика ва техникаи полимерҳо ба шумор мерафт, аз мактаби физикҳои намоёни шаҳрҳои Маскаву Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) сабақ гирифтааст. Ба равияи нави илмӣ – кинетикаи вайроншавии полимерҳои шуъозада (нурҳои ултрабунафш, гаммашуъоҳои радиатсионӣ, афканишоти нейронӣ ва амсоли инҳо) асос гузоштааст, ки дар табиатшиносии муосир самти нави таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбад. Натоиҷи навиштаҳои илмиаш ба рушди минбаъдаи физика, механика ва радиатсионии полимедҳоро тақвият бахшидааст. Аз ҷониби ин донишманди тоҷик услуби ба эътидолории сохтор ва хосиятҳои полимерҳои табий ва сунъии шуъозада дар майдонҳои радиатсионӣ ва механикию барқӣ ривоҷ дода шудааст. Беҳуда нест, ки соли 2001 бо қарори Шӯрои нашриёти Пажӯҳишгоҳи библиографии ИМА «Маълумотномаи байналмилалии олимони варзида» номашро ба китоб ворид сохтанд. Таҳти роҳбариаш 16 нафар рисолаи номзади илм дифоъ кардаанд. Садҳо шогирдони устоди меҳрубон дар соҳаҳои гуногуни илму маърифат ва истеҳсолоти Тоҷикистон ва хориҷ аз он босамар заҳмат мекашанд.

## Осор


Прочность и разрушение полимеров, подвергнутых радиационному воздействию [Текст]. – Москва, 1985. – 177 с.

Полимерҳо дар хоҷагии халқ [Матн]. – Душанбе,1989. – 97 с.

Храм знаний [Текст]: К 60- летию ХГУ. – Худжанд, 1992. – 75 с.

Деформационное и термические поведение ориентированных полимерных систем [Текст]. – Худжанд, 1994. – 123 с.

Физика и химия бинарных полупроводниковых халькогенов таллия [Текст]. – Душанбе, 1998. – 357 с.

Введение и структуру, механические и тепловые свойства полимеров [Текст]. – Душанбе,1999. – 139 с.

Физика и химия тройных и более сложных алмазоподобных полупроводниковых халькогенидов таллия [Текст]. – Душанбе, 1999. – 352 с.

Ёде аз гузашти айём [Матн]. – Худжанд, 2002. – 273 с.

## Адабиёт

Каримов Саидмад Носирович [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ.8. – С.536.

Каримов Саидмамад [Матн] // Тазкираи олимони Истаравшан. – Душанбе, 2002. – С.67-75.

Каримов Саит-Момет Носирович [Текст] // Энциклопедия ученых ХГУ имени Б.Гафурова. – Худжанд, 2002. – С.121-122.

Абдуманнов, А., Султонов, У., Умаров, Х. Нурбахши илму фарҳанг [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 19 май.

Каримов Саидмуҳаммад [Матн] // Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С.130-131.

## АБДУҲАМИД ҶАЛИЛОВ

(Ба муносибати 90- солагии зодрӯзаш)

Муаррихи маъруфи тоҷик, доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон Абдуҳамид Ҷалилов 25 майи соли 1926 дар деҳаи Маҳрами н. Конибодом чашм ба ҷаҳон кушодааст. Хатмкардаи (1948) факултаи таърихи Институти педагогии ш. Хуҷанд аст. Чанде дар макотиби миёна дарс дода, солҳои 1953-1966 лаборант, ходими хурд ва калони илмии Институти таърихи ба номи А. Дониши АИ Тоҷикистон буд. Аз соли 1966 то 1992 мудири кафедраи таърихи дунёи қадим ва асрҳои миёнаи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба ӯҳда дошт. Соли 2014 ин дунёро падруд гуфтааст.

Профессор Абдуҳамид Ҷалилов дар пажӯҳиши таъриху тамаддуни ниёгони тоҷикон – суғдиён, ки воқеан қавми қадимию созанда ва соҳибназари Осиёи Миёна маҳсуб меёбанд, нақши босазо гузоштааст. Номрафта тӯли қариб ҳафтод сол баробари фаъолияти пурсамари омӯзгорӣ ҳамвора ба корҳои илмию таҳқиқотӣ шуғл варзида, дар баррасии таъриху маданияти суғдиён ва ворисони эшон – тоҷикон саҳми сазовор гузоштааст. Дар осори илмиаш бар асоси маводи фаровон сарчашмаҳои форсӣ, арабӣ, чиноӣ, осори макшуфи археологӣ масоили таърихи футуҳоти арабҳо, қиёми озодихоҳонаи суғдиён алайҳи истилокорони араб, ҳаёти фарҳангӣ ва русумоти динии замон, сохтори маъмурию ҳудудии давлати Суғд, санъати ҳроқсозию аслиҳабарории суғдиён мавриди пажӯҳиши амиқ қарор гирифтаанд. Дар заминаи мавзӯъ ин донишманди тоҷик масъалаҳои мубрами таърихшиносӣ: сабабҳо, марҳалаҳо ва натиҷаҳои футуҳоти арабҳо дар Осиёи Миёна, ҷуғрофияи

амалиётҳои ҷангии арабҳо дар Осиёи Миёна, таъсири мутақобилаи фарҳанги ниёгони тоҷикон ба маданияти халқиятҳои зеридасти Хилофати Араб, саҳми тоҷикон дар ташаккул ва инкишофи маданияти арабу исломӣ, маданияти тоисломии халқҳои эронӣ ва ғайраҳоро илман матраҳ намуда, осори нодир ба хидмат овард. Изофатан оид ба масоили мубрами илмӣ – нақши суғдиёну тахористиён дар раванди ташаккули халқи тоҷик, рушди санъатҳои меъморию ороишӣ, мақоми хонадонҳои

ҳукуматгари маҳаллӣ дар тақвияти давлатдории тоҷикон, таърихи ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсии Осиёи Миёна дар ибтидои асрҳои миёна, ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ ва ғайра ақидаи ҷолиб баён доштааст. Хидматаш дар тарбияи кормандони илмию педагогии соҳаи таърихшиносӣ ниҳоят калон мебошад.

## Осор

Кашфиёти Панҷакенти қадим [Матн]. – Душанбе, 1969. – 97 с. (ҳаммуаллиф).

Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст]. – Душанбе, 1973. – 149 с.

Дурдонаҳои маданияти қадима [Матн]. – Душанбе, 1973. – 53 с.

Из истории положения женщин Средней Азии до и после распространения ислама [Текст]. – Душанбе, 1974 . – 46 с.

## Адабиёт

Исоматов,М.Муаррихи номвар, мураббии пурсамар [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 26 май.

Ҳусейнзода, С. Устоди меҳрубони ман [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 26 май.

Абдухамид Джалилович Джалилов [Текст]: Биобиблиография к 80-летию со дня рождения. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 108 с.

Ҷалилов Абдуҳамид [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ.8. – С. 445.

Ҷалилов Абдуҳамид [Матн] // Конибодом. Энсиклопедия. – Хуҷанд, 2006. – С.401.

Ҷалилов Абдуҳамид [Матн] // Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С. 359.

## БОБОҶОН НИЁЗМУҲАММАДОВ
(Ба муносибати 110-солагии зодрӯзаш)

Забоншиноси маъруфи тоҷик, доктори илми филология, профессор, академики Академияи Илмҳои Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов 30 майи соли 1906 дар деҳаи Фирӯзобаи ноҳияи Конибодом таваллуд ёфтааст. Соли 1929 Институти муаллимии Тошкандро ба итмом расонда, дар макотиби зодгоҳ ба омӯзгорӣ шуғл варзидааст. Солҳои 1932-1938 дар аспирантура таҳсил карда, 1938-1941 мудири сектори таъриху забоншиносии Базаи тоҷикистонии АИ СССР, 1941-1944 директори Институти таърих, забон ва адабиёти Филиали тоҷикистонии АИ СССР, 1944-1948 таҳсил дар докторантура, 1948-1951 муовини раиси Президиуми Филиали тоҷикистонии АИ СССР, 1951-1953 ноиби Президенти АИ Тоҷикистон, 1953-1962 академик-котиби шуъбаи фанҳои ҷамъиятии АИ Тоҷикистон, 1962-1976 (то нафақа) мудири сектори забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон буд. 25 октябри соли 1979 вафот кардааст.

Чанбараи фаъолияти академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов ниҳоят фарох аст, қариб дар ҳамаи соҳаҳои забоншиносии тоҷик пайи қаламаш ба чашм мерасад, перомуни масоили назария, роҳҳои инкишофи таърихӣ, сарчашма ва манбаъҳои такмил, нақши забонҳои бегона, забони асарҳои бадеӣ ва мақоми нависанда дар инкишофи забони адабии тоҷик, лексикология, сохтори грамматика, имлою алифбо ва ғайра таълифоти фаровон аз даст баровардааст, арзиши баланди илмию амалиро дороанд. Ҳама маврид ин олими нуктасанҷ ба ду сарчашмаи бунёдӣ - аввал худи забони тоҷикӣ ва дуввум комёбии забоншиносии умумӣ такя задаст. Гавҳари ковишҳои илмиаш масоили синтаксис маҳсуб меёбад, ӯ бо маводи фаровони ибораю ҷумлаҳои пурмазмуни устодони каломи бадеъии тоҷик масъалаҳои бунёдии синтаксис – робитаи вожаҳо дар ибораю ҷумла, узвҳои ҷумла ва шеваю воситаҳои ифодаи онҳо, узвҳои туфайлии ҷумла ва ғайра баррасӣ кардааст. Ҳамзамон таркиби лексикаи забони тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосии онро дар заминаи муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии мардуми тоҷик таҳлил намуда, муносибати забони тоҷикиро бо русӣ ва забонҳои туркӣ таҳқиқ кардааст. Мавриди забон ва услуби осори адибони классику муосири тоҷик (Носири Хусрав, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ ва дигарон) мақолаҳои арзишманд навиштааст. Таҳти роҳбариаш зиёда аз бист

нафар рисолаи номзади илм ҳимоя кардаанд. Солиён дар макотиби олии ҷумҳурӣ аз забони модарӣ ва лаҳҷашиносӣ дарс дода, шогирдони зиёд ба воя расондааст.

## Осор


Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик [Матн]. – Сталинобод, 1960. – 106 с.

Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]. – Сталинобод, 1960. – 111 с.

О развитии современного таджикского литературного языка [Текст]. – Душанбе, 1967. – 12 с.

Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]. – Душанбе, 1968. – 200 с. (ҳаммуаллиф).

Аз таърихи дӯстии ду халқ [Матн]. – Душанбе, 1970. – 16 с.

Забоншиносии тоҷик [Матн]: Асарҳои мунтахаб. – Душанбе, 1970. – 385 с.

Забони тоҷикӣ [Матн]: Барои синфҳои 5-6. – Душанбе, 1974. – Қисми 1. Фонетика ва морфология. – 311 с. (ҳаммуаллиф).

Забони тоҷикӣ [Матн]: Барои синфҳои 5-6. – Душанбе, 1981. – Қисми 1. Морфология. – 312 с. (ҳаммуаллиф).

Забони тоҷикӣ [Матн]: Барои синфҳои 6-7. – Душанбе, 1983. – Қисми 2. Синтаксис. – 208 с. (ҳаммуаллиф).


## Адабиёт


Рустамов Ш. Олим ва педагог [Матн]. – Душанбе, 1966.

Бабаджан Ниязович Ниязмухаммадов [Текст]. – Библиографический указатель. – Душанбе, 1966. – 101 с.

Ниёзмуҳаммадов Бобоҷон Ниёзович [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1984. – Ҷ.5. – С. 175-176.

Ниёзмуҳаммадов Бобоҷон Ниёзович [Матн] // Конибодом. – Хуҷанд, 2006. – С. 278.

Мирзоев, А., Рустамов, Ш. Зикри хайр зинда кунад номро [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 17 ноябр.


## ТУРСУНБОЙ ӮЛҶАБОЕВ

(Ба муносибати 100- солагии зодрӯзаш)

Арбоби намоёни ҳизбию давлатӣ Турсунбой Ӯлҷабоев 1- уми июни соли 1916 деҳаи Куруки н. Хуҷанд дида ба ҷаҳон кушодааст. Соли 1936 Политехникуми н. Нов ва 1950 Мактаби олии ҳизбии назди КМ КПСС-ро (ш. Маскав) хатм кардааст. Фаъолияти меҳнатиашро соли 1936 ба сифати муаллими мактаби миёна дар н. Нов шурӯъ карда, солҳои 1937-1941 котиби якуми кумитаи комсомоли ҳамин ноҳия, 1941 - 1943 мудири сектор, муовин ва мудири шуъбаи КМ ПК Тоҷикистон, 1943-1947 котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон, 1950- 1954 котиби кумитаи ҳизбии вилояти Сталинобод, мудири шуъбаи тарғиботи КМ ПК Тоҷикистон, котиби якуми кумитаи ҳизбии вилоятҳои Кӯлоб ва Ленинобод (ҳоло вилояти Суғд), 1954-1955 котиби КМ ПК Тоҷикистон, 1956-1961 котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон буд. Аз соли 1961 то 1986 директории совхозҳоро дар ноҳияҳои Ҳамадонӣ (собиқ н. Маскав), Комсамолобод (ҳоло н. Нуробод) ва Куйбешев (ҳоло н. Хуросон) ба ӯҳда доштааст. Турсунбой Ӯлҷабоев панҷ сол (1956-1961) роҳбари дараҷаи аввали Тоҷикистон буд. Маҳз даврони сарвариаш бисёр лоиҳаҳои бузург, аз қабили Нерӯгоҳи барқии обии Норак, корхонаи алюминийи Тоҷикистон (ш. Турсунзода) аз баракату талошу ғайраташ ба нақша гирифта шуда, минбаъд бунёд ёфтаанд. Мавсуф дар сароғози бисёр иқдомоти таърихии ҷумҳурӣ қарор гирифт, ки тадриҷан амалӣ гардидаанд. Мутаассифона, болу пари ин роҳбари тавоно, дурандешу ватанпараст айни авҷи парвоз - дар 45- солагӣ шикаста шуд. 12 апрели соли 1961 (он рӯз дар тамоми ҷаҳон бо эҳсосоту қалбҳои пурнишот нахустин парвози инсон Ю. Гагарин ба кайҳонро ид мекарданд) номбурда ва дигар ҳампешагони баландпояаш бо баҳонаи «изофанависӣ дар пахтакорӣ» аз вазифа барканор шудаанд. Вале эътиқоди халқ ба фарзандони фарзона бастаи курсӣ набудааст. Ин марди миллатдӯст ба сифати директори савхоз дар ноҳияҳои имрӯза Ҳамадонӣ, Нуробод ва Хуросон то дами нафақа заҳмат кашида, миёни мардум соҳибэҳтиром боқӣ монд. Ҳарчанд бо мурури замон гӯё расман сафед шуда буд, аммо дар асл зуҳури шахсияташ дар доираҳои воломақом, зикри номаш дар расонаҳои хабарӣ мамнӯъ буд. Ин ҳолат то дами марги роҳбари маъзули ҷумҳурӣ - соли 1988 идома пайдо кард.

Танҳо баъди соҳибистиқлолии Тоҷикистон ғубори ноҳақи бадномӣ аз чеҳрааш комилан пок гардид, номаш дар сафҳои таърихи миллати тоҷик бо хатҳои заррин сабт шуд. Нерӯгоҳи барқи обии Норакро ба номаш гузошта, дар ш. Душанбе исмаш кӯчаеро зеб медиҳад, дар ноҳияи Спитамен муҷассамааш қад афрохт. Ғалати таърихӣ ва кирдори тангназаронаш баъзе амалдорони давр ислоҳ шуд ва имрӯз

номи Турсунбой Ӯлҷабоев дар радифи фарзандони барӯманди миллат ба забон оварда мешавад.

**Адабиёт**

Ӯлджабоев Турсунбой [Матн] // Худжанд. Энсиклопедия. – Душанбе, 1999. – С. 793.

Як вохӯрии Ҷ. Расулов бо Т. Ӯлҷабоев [Матн]: Мусоҳиба бо собиқадори ҳизбу меҳнат С. Қосимов // Садои Мардум. – 2003. – 7 январ.

Самимӣ, М. Бузургонро бузургон зинда медоранд [Матн]: Бахшида ба 90- солагии Т. Ӯлҷабоев // Минбари халқ. – 2006. – 31 май.

Икроми Ҷонон. Қурбонии таъкиботи хрушевӣ [Матн] // Минбари халқ. – 2006. – 16 сентябр.

Раҳмонқулов, А. Ӯ ба қавлаш устувор буд [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С. 517-518.

Саъдуллои Шагнам. Дар ҷустуҷӯи зиндагӣ [Матн] // Дар китоби С. Шагнам « Дар ҷустуҷӯи зиндагӣ». – Душанбе, 2015. – С.191-203.

## ҶОНОН ИКРОМӢ

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми химия, профессор Ҷонон Икромӣ 12 июни соли 1936 дар ш. Душанбе дида ба ҷаҳони равшан кушодааст. Соли 1959 факултаи химияи Университети давлатии Маскав ба номи М. Ломоносовро хатм карда, дар Институти химияи АИ Тоҷикистон ба номи В.И. Никитин ҳамчун лаборант фаъолияти меҳнатиашро шурӯъ намуд, беш аз сӣ сол мудири лабораторияи химияи материалҳои фториди холис кор кардааст. Соли 2014 аз олам чашм пӯшид.

Профессор Ҷонон Икромӣ перомуни омӯзиш хосиятҳои фториди металҳои ишқорзамин ва нодирзамин таҳқиқоти судманд анҷом дода, чандин гидрофториди металлҳои ишқорзаминро синтез ва хосияти онҳоро муайян кардааст. Баъзе усулҳои коркардаш, аз ҷумла истеҳсоли фториди холиси металҳои ишқорзамин ва литий дар истеҳсолот мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифтаанд. Пажӯҳишаш дар соҳаи химияи ғайриорганикии фториди металҳои ду ё севалента сазовори баҳои баланди мутахассисон гардидааст. Оид ба фторидҳои комплексӣ низ ковиши илмии арзишманд ба субот расондааст.

**Осор**

Исследования в области химии неорганических фторидов двух и трёхвалентных металлов [Текст]: Автореф. дис. на соискании учен. степени д-ра хим.наук. – Москва, 1975. – 46 с.

Джалол Икрами: неизвестные страницы [Текст]. – Душанбе, 2010. – 192 с.

Умре бо оҳанпораю шеър [Матн]: Аз ҳаёти шоир А. Қаҳҳорӣ. – Душанбе, 2010. – 112 с. – Матн ба тоҷикӣ ва русӣ.

## Адабиёт

Икромӣ Ҷонон Ҷалолович [Матн] // Энсиклопедияи Советии тоҷик. – Душанбе, 1980. – Ҷ. 2. – С.554.

Ба қадри вақт расидан асоси комёбист [Матн]: Мусоҳибаи М. Салимӣ бо профессор Ҷ. Икромӣ // Минбари халқ. – 2006. – 5 июл.

Я хочу обратиться к молодёжи [Текст]: С профессором Дж. Икрами беседует М. Юсупова // Вечерный Душанбе. – 2006. – 9 июля.

## САИДМӮЪМИН РАҲИМОВ

(Ба муносибати 70 – солагии зодрӯзаш)

Варзишгари барҷастаи тоҷик, чемпиони ҷаҳон оид ба самбо, ду карат чемпиони СССР, чемпиони Спартакиадаи халқҳои СССР оид ба ин намуди варзиш, Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Мураббии шоистаи ҷумҳурӣ Саидмӯъмин Раҳимов 15 июни соли 1946 дар деҳаи Ҷорубқули н. Темурмалик дида ба ҷаҳони равшан кушодааст. Соли 1974 Институти давлатии тарбияи ҷисмонии Тоҷикистонро хатм кардааст. Солҳои 1975-1987 сармураббии Шӯрои марказии Ҷамъияти ихтиёрии варзиши «Ҳосилот», 1988-1995 муовин ва аз соли 1995 то 2004 раиси Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши назди Ҳукумати Тоҷикистон, 2004-2008 раиси Федератсияи гӯштини дзюдои ҷумҳурӣ буд. 13 феврали соли 2009 аз олам даргузашт.

Саидмӯъмин Раҳимов аз овони наврасию ҷавонӣ дар маъракаҳои мардумӣ бо гӯштингирони маҳалӣ бомуваффақият қувва меозмуд, таҷриба меандӯхт, ҳангоми хидмат дар Артиши Шӯравӣ чемпиони қисми ҳарбӣ (дар Ҷумҳурии Озарбойҷон) гардид, соли дуюм дар ҳавзаи ҳарбии Закавказе оид ба самбо ҷои аввал гирифт. Соли 1973 беҳтарин самбочиёни Иттиҳоди Шӯравӣ дар ш. Майкоп ҷамъ омаданд, номрафта нӯҳ ғалаба ба даст оварда, чемпиони мутлақи СССР гардид. Соли 1974 сазовори унвони Чемпиони Спартакиадаи халқҳои СССР шуд. Охири

ҳамон сол дар Арманистон нӯҳ нафар ҳарифони пурзӯрашро мағлуб сохта, ягона роҳхатро ба чемпионати ҷаҳон ба даст овард. 28 сентябри соли 1975 дар чемпионати ҷаҳон оид ба самбо (ш. Минск) дар финал варзишгари беҳтарини ҷопониро мағлуб сохт ва аз миёни тоҷикон аввалин чемпиони ҷаҳон гардид. Аз созмондиҳандагон ва иштирокдорони фаъоли чорабиниҳои бузурги варзишии Тоҷикистон ба шумор мерафт, на танҳо дар гуштини самбо, балки дигар навъҳои ин намуди варзиш истеъдоду маҳорати баланди касбиро доро буд.

Ин паҳлавони беназири тоҷик ба сифати сармураббии дастаҳои мунтахаби гӯштини самбо ва дзюдои Тоҷикистон дар тарбияю тайёр кардани шогирдон саҳми босазо гузоштааст.

## Адабиёт


Латифов, Н. Саидмӯъмини шӯҳратёр [Матн] // Маориф ва маданият. – 1975. – 12 июл.

Холназаров, И. Паҳлавони тоҷик – чемпиони ҷаҳон [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1975. – 24 сентябр.

Ризо, Ҳ. Паҳлавони Хатлонзамин [Матн]: Шеър бахшида ба С. Раҳимов // Комсомоли Тоҷикистон. – 1975. – 28 сентябр.

Кучой, чемпиони оянда? [Матн]: Мусоҳиба бо С. Раҳимов // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 6 ноябр.

Раҳимов Саидмӯъмин [Матн] // Энциклопедияи Советии тоҷик. – Душанбе, 1986. – Ҷ. 8. – С. 232

Шамсиддинов, М. Рустами замон [Матн] // Садои Мардум. – 2000. – 15 июн.

Маъракаи ҳама ва ҳар кас [Матн]: Сӯҳбати М. Шамсиддинов бо ҷаҳонпаҳлавон С. Раҳимов // Ҷумҳурият. – 2001. – 21 январ.

Маҳмадрасулов, С. Паҳлавони девдорӣ [Матн] // Ҷумҳурият. – 2003. – 6 май.

Раҳимов Саидмӯъмин [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.390-391.

Бадалипур, М. Чаро қаҳрамони ҷаҳон қаҳрамони миллат нест? [Матн] // Миллат. – 2009. – 19 феврал.

Яздон, Н. Баҳмани кабуд [Матн]: Шеър бахшида ба ҷаҳонпаҳлавон С. Раҳимов // Миллат. – 2009. – 19 март.

Шерхон, У. Ҳулукандоз [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2009. – 11 июн

Шукуров, Ш. Бузургдошти ҷаҳонпаҳлавон [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2011. – 7 июл.

Неккадам, Т. Пазироии ҷаҳонпаҳлавон дар Боми Ҷаҳон [Матн] // Садои Мардум. – 2012. – 9 май.

Азиз, С., Файзулло, Г. Ҷаҳонпаҳлавон [Матн] // Ҷумҳурият. – 2013. – 8 июн.

Рафеъзод, Р. Асоев, С. Ҷаҳонпаҳлавон [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2014. – 20 феврал.

## ҶӮРАБЕК НАЗРИЕВ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Санъаткор ва шарқшинос, доктори илми филологӣ, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, Корманди шоистаи ҷумҳурӣ Ҷӯрабек Назриев 23 июни соли 1946 дар деҳаи Наврӯҳои н. Ховалинг таваллуд шудааст. Соли 1968 Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, дар Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон кор кардааст, аз ходими илмӣ то директори он (1991-2008) расидааст. Баробари фаъолияти илмӣ мусиқӣ яке аз рукнҳои муҳими рӯзгораш гардидааст. Овозхонест, ки пайи маънӣ меравад, мақсади шоирро хуб дарк сохтаю ба сомеъон мерасонад, сурудаш таҳаммулу андеша мехоҳад, як гулчини муайяну мулаввани мусиқиро хотирнишон намуда, аз дил бурун ҷастаю ба қалбҳо мешинад. «Менигарему меравем», «Суруди анҷум», «Қуи сафед», «Баҳория», «Суруди кӯҳсор», «Лоларухо», «Ашк», «Як табассум кун», «Ошнот манам», «Мушкил аст», «Ҳамдаме», «Зи кадомин чаман ҳастӣ», «Дунё ғанимат аст», «Меҳрубонӣ», «Ту чӣ ёрӣ?», «Моҳи ман», «Савганд» шаммае аз сурудаҳояш ҳастанд, ки ба аксарашон худ оҳанг эҷод кардааст. Ҳамчун ромишгари соҳибмактаб шогирдони зиёде ба майдони фарохи мусиқӣ овардааст, ки аксар соҳибному соҳибунвон гардидаанд.

### Осор

Мактабии Шерозӣ ва достони ӯ «Лайлӣ ва Маҷнун» [Матн]. – Душанбе, 1983. – 185 с.

Қиссаи Сулаймон ва маликаи Сабо дар назми форсу тоҷик [Матн]. – Душанбе, 1996. – 244 с.

### Адабиёт

Файзулло, Ҳ. Фотеҳи қуллаҳо [Матн] // Маориф ва маданият. – 1975. – 14 октябр.

Сатторов, А., Саймиддинов, Д., Шарифов, Х., Алимардонов, А. Муҳаққиқи дақиқназар ва ҳунарманди соҳибзавқ [Матн] // Садои мардум. – 2001. – 10 ноябр.

Олимӣ пирию ҷавонӣ надорад [Матн]: Нуктаи назари Ҷ. Назриев оид ба илму фарҳанг // Тоҷикистон. – 2004. – 15 январ.

Ҳақназар, Ш. Ҳамрози ишқ [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2005. – 20 октябр.

Назриев Ҷӯрабек [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С. 343.

Сафаров, С. Якчанд сухан дар бораи донишманд [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 30 июн.

Метавонистам зиндагии сарсариро интихоб намоям [Матн]: Мусоҳибаи Б. Қодирдухт бо Ҷ. Назрӣ // Чархи гардун. – 2006. – 22 декабр.

Родмарди андеша ва ҳунар [Матн]. – Душанбе, 2007.

Илму фарҳанг, ҳунару маҳорат бо ҳам тавъаманд [Матн]: Мусоҳибаи Ҳ. Ҳомид бо Ҷӯрабеки Назрӣ // Тоҷикистон. – 2007. – 15 март.

Сафаров, С. Шогирди падар [Матн] // Омӯзгор. – 2009. – 30 июн.

Ҳунарманди донишманд [Матн] // Миллат. – 2012. – 20 июн.

Шоҳсаидзода, Н. Сина моломоли дар даст… [Матн] // Чархи гардун. – 2014. – 8 январ.

Ғаффор, С. Достони хунёгари ҷигархун [Матн] // Рӯзгор. – 2014. – 12 феврал.

## СӮҲРОБ ҚУРБОНОВ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Рассом, Рассоми халқии СССР, Рассоми халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ Сӯҳроб Қурбонов 2 июли соли 1946 дар ш. Қурғонтеппа дида ба ҷаҳони ҳастӣ кушодааст. Дар Институти давлатии рассомии ба номи В.Сурикови ш. Маскав (1966-1971) хондааст. Аз соли 1967 машғули корҳои эҷодист. Солҳои 1982-2012 раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон буд. Дар санъати рассомӣ ва монументалӣ асарҳои сершумор офарида, тибқи анъанаҳои минётурнигории шарқӣ маҳораташро сайқал бахшидааст. Яке аз намояндагони барҷастаи он тамоюлотест, ки дар санъати тасвирии тоҷик солҳои 70-уми қарни гузашта зуҳур кардааст. Мушаххасоти тамоюлот иборат аст

аз андешаҳои амиқи фалсафӣ дар мавриди воқеияти имрӯз, тавсифҳои барҷаста дар тасвири симоҳо ва таваҷҷӯҳи бештар ба ҷаҳони маънавии қаҳрамонон. Тарҳи шукӯҳманд, тафаккури пурмояи ҳунарӣ, мазмуни мӯъҷаз дар мусаввараҳояш намоён аст. Мусаввараҳои зиёд, тарҳҳои қолии дастбоф, намояҳои ороишӣ барои иморатҳои иҷтимоии ҷумҳурӣ офаридааст, ки аз заҳматдӯстиаш шаҳодат медиҳанд. Таваҷҷӯҳи ин мусаввири номиро на танҳо мавзӯи таърихӣ, балки масоили иҷтимоӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ дар зиндагии пешин ва имрӯза, мавзӯъҳои ишқӣ ва шоирона низ ҷалб намудаанд. Дар ҳунари чеҳранигорӣ ҳам истеъдодашро маълум намуда, умдатарин сифатҳои симои инсонро муҷассам сохтааст. «Тӯй», «Духтаракони шоҳмотбоз», «Шишагарони венгерӣ», «Ҷавонии Тоҷикистон», «Байрақбардори шаҳид», «Портрети оилавӣ дар хона», «Расми духтарам», «Комсомолка Мая», «Монтажгар», «Натюрморт бо меваҳо», «Натюрморт бо тор», «Мизи корӣ» ва дигар дастранҷаш қобили таваҷҷӯст. Бо асарҳои монументалиаш Кохи Ваҳдат, Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ, Сирки давлатӣ, намояи «Чароғи Илич» дар бинои ГЭС-и Норак ва дигар иншоот оро ёфтаанд. Осораш дар бисёр намоишгоҳҳои ҷумҳуриявӣ, умумиттифоқӣ ва байналмилалӣ ба маърази тамошо гузошта шудааст.

## Адабиёт


Лавров, Б. Сухраб Курбанов [Текст]. – М., 1980.– 69 с.

Нақши хаёлангез [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 21 декабр.

Симои кишвари азиз [Матн]: Сӯҳбат бо рассом С. Қурбонов // Адабиёт ва санъат. – 1984. – 19 апрел.

Равзанаи нур ба олами ботин [Матн]: Мусоҳиба бо С. Қурбонов // Тоҷикистони Советӣ. – 1985. – 4 январ.

Тобиши рангҳои кишвар [Матн]: Мусоҳиба бо рассом С. Қурбонов // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 3 июл.

Намоиши маҳорат [Матн] // Тоҷикистони Советӣ. – 1986. – 9 феврал.

Ҳақиқати ҳаёт ва ҳақиқати тасвир [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 9 апрел.

Бозсозӣ дар кори мо [Матн]: Андешаҳои раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон С. Қурбонов // Адабиёт ва санъат, 1987. – 19 март.

Муродов, Р. Чашмасори файзбор [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1991. – 30 май.

Талбакзода, Б. Сӯҳбатзод, Ҳ. Дилбохтаи санъат [Матн] // Садои Мардум. – 1996. – 7 август.

Санъати тасвирии тоҷик такомул меёбад [Матн]: Дар сӯҳбати рассом С. Қурбонов // Адабиёт ва санъат. – 2003. – 30 май.

Олимов, Р. Паёми дӯст [Матн] // Минбари халқ. – 2006. – 30 август.

Усмонов, И. Фирдавсӣ зодаи Сӯҳроб [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2007. – 21 июн.

## МУҚАДДАМА АШРАФӢ

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Санъатшинос, доктори илми санъатшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Муқаддама Ашрафӣ 5 июли соли 1936 дар ш. Тошканд таваллуд ёфтааст. Хатмкардаи мактаби мусиқии шаҳри Тошканд (1954) ва шеъбаи таърихи санъати Университети давлатии Маскав (1959). Солҳои 1959-1961 ва 1970-1972 дар Институти шарқшиносии АИ СССР кор карда, аз соли 1972 корманди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Тоҷикистон буд. Фаъолияти худро аз омӯзиши минётураҳои мусаввирони тоҷик шурӯъ намуда, бештар минётураҳои асарҳои Абдураҳмони Ҷомиро таҳқиқ кардааст. Баъдан ба омӯзиши ҳаматарафаи мактаби минётураи Бухорои солҳои 40-70 асри 16 ва мусаввараҳои ба дастнависи асарҳои классикони адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик эҷодкардаи рассомони асрҳои 14-18 пардохт. Дар давоми фаъолияташ ба таҳқиқи мусавварахои рассоми бузург Беҳзод машғул шуда, хонандагонро бо шахсияти рассоми бухороии асри 16 Маҳмуди Музаҳҳиб, Муҳаммадмуроди Самарқандӣ ва дигар минётурнигорони Осиёи Миёна ошно намуд. Асарҳояш дар нашрияҳои мамлакатҳои хориҷӣ ба табъ расидаанд. Дар симпозиуму конфронсҳои байналмилалӣ оид ба санъат иштирок ва суханронӣ кардааст. Либреттои балетҳои «Темурмалик», «Муҳаббат ва шамшер» ва ораторияи «Достони Рустам» ба қаламаш тааллуқ доранд, ки дар театрҳои Душанбеву Тошканд ва Самарқанд ба саҳна гузошта шудаанд.

### Осор

Миниатюры XV века в рукописах произведений Джами [Текст]. – М., 1966. – 112 с.

Персидско-таджикской поэзии и миниатюры [Текст]. – Душанбе, 1974. –127 с.

Персидско-таджикская поэзия в миниатюрах XIV – XVII вв [Текст]. – Душанбе, 1974. – 126 с.

Бухарская школа миниатюры 40-70 гг. XVI в [Текст]. – Душанбе, 1977. – 30 с.

Из истории развития миниатюрной живописи Ирана XVI в [Текст]. – Душанбе, 1978. – 185 с.

Бехзод и развитие бухарской школы миниатюры XVI в [Текст]. – Душанбе, 1978. – 239 с.

Самаркандская школа миниатюры XVI – XVII вв [Текст]. – Душанбе, 2000. – 137 с.

Средневоковый костюм таджиков XII-XVIII веков: по данным миниатюры [Текст]. – Душанбе, 2002. – 64 с.

Таджикская миниатюра: от Бехзода до Ризай-и Аббаси [Текст]. – Душанбе, 2011. – 169 с.

Таджикская миниатюра [Текст]: Бухарская школа XVI – XVII вв. – Душанбе, 2011.– 30 с.

## Адабиёт

Ашрафӣ Муқаддама Мухторовна [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 8. – С.520.

Ашрафӣ Муқаддама Мухторовна [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1989. – Ҷ. 1. – С. 379.

Ашрафӣ Муқаддама Мухторовна [Матн] // Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2012. – Ҷ. 2. – С.178.

## ҲАМИД МАҶИДОВ

(Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми техникӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Ҳамид Маҷидов 15 июли соли 1946 дар деҳаи Истонии н. Ҳисор чашм ба олам кушодааст. Соли 1966 факултаи физикаю математикаи Институти давлатии педагогии ш. Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ба итмон расонда, дар аспирантураи ҳамин боргоҳи илму маърифат таҳсилро идома дод. Солҳои 1970-1987 ба сифати ассистент, муаллими калон, дотсент, 1987-1994 мудири кафедраи физикаи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 1994-1999 ноиби ректор оид ба таълиму илми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, 1999-2009 декани факултаи тиҷорат ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор кардааст.

Профессор Ҳамид Маҷидов ҳанӯз ҳангоми донишҷӯӣ қалами таҳқиқашро дар реферату кори курсинависӣ бомуваффақият санҷид, дар маҳфилҳои илмию омӯзишӣ пайваста иштирок менамуд, паҳлӯҳои мухталифи физикаи гармо ва физикаи малекулавиро аз худ кард. Таҳқиқоташ «Гармигузаронии эфирҳои мураккаби кислотаю сирко дар фишор ва ҳароратҳои баланд» сазовори баҳои баланди мутахассисон гардид. Бо ибтикораш лабораторияи илмӣ - таҳқиқотии физикаи гармо ва физика молекулавӣ таъсис ёфт ва баробари таҳқиқи хосиятҳои гармофизикии ҷисмҳои сахт, моеъ ва газҳо ҳамчун мактаби омодасозии физикҳои ватанӣ шӯҳрат ёфт. Соли 1990 дар Академияи илмҳои Белорус бобати мавзӯи «Хосиятҳои гармофизикии системаҳои донагӣ барои тақсим намудани сӯзишвориҳои моеъи яктаркиба истифодашаванда» рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Ин донишманди тоҷик барои ченкунии хосиятҳои гармофизикии моддаҳо дастгоҳи таҷрибавӣ ихтироъ намуд, ки дар Тоҷикистон ва дигар давлатҳои муштаракулманофеъ восеъ мавриди истифода қарор гирифта, суди зиёди молӣ овардааст, теъдоди талифоташ аз 200 мегузарад. Таҳти роҳбариаш ҳашт нафар рисолаи илмӣ дифоъ кардаанд.

## Осор

Супоришҳо барои кори мустақилона аз физикаи молекулӣ [Матн]: Тавсияи методӣ. – Душанбе,1989 – 47 с.

Асосҳои физикаи квантӣ [Матн]: Дастури таълимӣ. – Душанбе, 2002. – 218 с.

Асосҳои механика, физикаи молекулӣ ва термодинамика [Матн]: Васоити таълимии ёрирасон. – Душанбе, 2004. – 212 с.

Консепсияҳои табиатшиносии муосир [Матн]: Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2007. – 242 с.

Физика. Маҷмӯаи масъалаҳо ва намунаи ҳалли онҳо [Матн]: Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2007. – 149с.

Физика [Матн]: Китоби дарсӣ барои синфи 7. – Душанбе, 2008. – 281с.

Электромагнитизм, оптика ва физикаи квантӣ [Матн]: Нишондоди методӣ. – Душанбе, 2009. – 189 с.

Газҳои реалӣ, моеъҳо ва ҷисмҳои сахт [Матн]: Васоити таълимӣ. – Душанбе, 2010. – 178 с.

## Адабиёт

Неъматов, А., Сияҳаков, С., Хуморов, Д. Пешаи бузург [Матн] // Садои мардум. – 2006. – 13 июл.

Одинаев, М., Зоҳиров, Қ. Меликов, М. Бозёфти нодири омӯзгорони химия [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 10 ноябр.

Ҳикматов, С. Нури маърифат [Матн] // Чархи гардун. – 2006. – 16 июн.

Ҷумъаев, Т., Нуриддинов, З, Неъматов, А. Роҳнаварди илм [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 14 июл.

## ЗАРИФ РАҶАБОВ

(Ба муносибати 110- солагии зодрӯзаш)

Муаррихи намоёни тоҷик, доктори илми таърих, профессор, академики АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино Зариф Раҷабов 17 июли соли 1906 дар ш. Хуҷанд ба дунё омадааст. Аввал дар мактаби русии маҳаллӣ хонда, соли 1924 Омӯзишгоҳи педагогии ш. Самарқанд, 1928 факултаи коргарии Университети дуюми Маскав, 1932 шуъбаи таърихи Институти таъриху фалсафаи Маскавро хатм карда, солҳои 1933-1937 дар аспирантураи Институти шарқшиносии АИ СССР таҳсил намудааст. Солҳои 1937-1941 мудири кафедраи таърихи СССР-и Институти тоҷикии муаллим-тайёркунии ш. Тошканд, 1941-1943 мудири шӯъба ва котиби илмии Институти забон, адабиёт ва таърихи Филиали узбекистонии АИ СССР, 1943-1945 директори Институти таърих ва бостоншиносии АИ Узбекистон, 1945-1947 докторанти Институти таърихи АИ СССР, 1948-1954 ректори Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ), 1954-1959 мудири кафедраи таърихи СССР-и ҳамин донишгоҳ, 1959-1962 директори Институти таърихи АИ Тоҷикистон, 1962-1971 академик – котиби шуъбаи илмҳои ҷамъиятии АИ Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 1971 то поёни умр (соли 1990) ходими калони илмии шуъбаи фал-сафаи АИ Тоҷикистон буд.

Фаъолияти эҷодии Зариф Раҷабов ҳамчун нависандаю драматург оғоз ёфта, бо тахаллуси Дунган ҳикояю драмаҳо навиштааст. Минбаъд пурра ба корҳои илмӣ гузашта, дар пешбурди илми таърихи тоҷик ҳиссаи босазо гузоштааст. Доманаи пажӯҳишаш фарох аст, аммо таҳқиқи афкори ҷамъиятии ду халқи дӯсту бародар – тоҷикону узбекон дар эҷодаш мақоми хос касб намудааст. Мавсуф дар осораш масъалаи дӯстии халқҳои Шӯравӣ ва аҳамияти он дар пешрафти ҳаёти ҷомеаро бо

мадраки фаровон собит сохта, перомуни масоили мухталифи таърихи маданият ва илми мардуми тоҷик асарҳои пурқиммат навиштааст. Саҳмаш дар баррасии ақоиди маорифпарварии мутафаккири маъруфи тоҷик Аҳмади Дониш калон мебошад. Аз муаллифон ва муҳаррирони китоби сеҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» буд. Аз соли 1955 узви Кумитаи миллии муаррихони СССР ба шумор мерафт. Бо роҳбариаш даҳ нафар доктори илм ва қариб панҷоҳ нафар номзади илм ба воя расидаанд. Ду даъват узви парламон – депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб гардидааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медалҳо ва ифтихорномаҳо тақдир шудааст.

## Осор

Садриддин Айнӣ – историк таджикского народа [Текст]. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1951. – 87 с.

Поэт – просветитель таджикского народа Асири [Текст]. – Сталинабад, 1951. – 24 с.

Развитие общественной мысли таджикского народа во второй половине XIX в. и в начале XX в. [Текст]. – Сталинабад, 1952. – 42 с.

Таджикский народ в братской семье народов СССР [Текст]. – Сталинабад, 1956.– 93 с.

Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и начале XX вв. – Сталинабад, 1957. – 459 с.

Россия и таджикская литература конца XIX – начала XX вв. [Текст]. – Сталинабад, 1959. – 55 с.

К характеристике первого советского журнала на таджикском языке «Пламя революции». – Сталинабад, 1959. – 46 с.

Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва авали асри XX [Матн]. – Сталинабад, 1959. – 470 с.

Отечественная война 1812 г. [Текст]: К 150- летию. – Душанбе, 1962. – 18 с.

По Канаде и США [Текст]: Путевые заметки. – Душанбе, 1963. – 70 с.

Выдающийся просветитель таджикского народа Ахмад Дониш [Текст]. – Душанбе, 1964. – 223 с.

Некоторые страницы культурной жизни Советского Таджикистана [Текст]. – Душанбе, 1964. – 65 с.

Маорифпарвар Аҳмади Дониш [Матн]. – Душанбе, 1964. – 197 с.

Об эпохе А. Джами [Текст]. – Душанбе, 1964. – 15 с.

Развитие науки в Таджикской ССР [Текст]: Краткий очерк. – Москва: Наука, 1964. – 111 с.

Таджикский Государственный Университет им. В.И. Ленина – детище Великого Октября [Текст]. – Душанбе, 1967. – 160 с.

Наука Советского Таджикистана [Текст]. – Душанбе, 1968. – 146 с.

О дружбе таджикского и узбекского народов [Текст]. – Душанбе, 1968. – 23 с.

О дружбе таджикского народа с другими народами СССР [Текст]. – Душанбе, 1969. – 193 с.

Навеки вместе с великим русским народом [Текст]: Душанбе, 1969. – 96 с.

Дорогой знаний [Текст]: Из воспоминаний. – Душанбе, 1975. – 151 с.

О «Политическом трактате» Ахмада Дониша [Текст]: Краткий очерк. – Душанбе, 1976. – 126 с.

## Адабиёт


Зариф Шарифович Раджабов. Библиография [Текст]. – Душанбе, 1966. – 61 с.

З.Ш. Раджабов – учёный, педагог, общественный деятель [Текст]: К 75- летию со дня рождения. – Душанбе, 1981. – 130 с.

Раҷабов Зариф Шарифович [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1986. – Ҷ. 6. – С. 238.

Раджабов Зариф Шарифович [Текст] // Худжанд. Энсиклопедия. – Душанбе, 1998. – С. 407.

Раҷабов Зариф [Матн] // Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С. 258.


# УСМОН ХОЛДОРОВ

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми биологӣ, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ Усмон Холдоров 17 июли соли1936 дар ш. Хоруғ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Соли 1958 факултаи биологияи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, ҳамчун лаборанти калон, аспирант ва муаллими калон дар ҳамин боргоҳи илм кор кардааст. Солҳои 1964-1991 директори Стансияи

таҷрибавии ҷангали Тоҷикистон, аз соли 1992 то поёни умр – соли 1996 директори Институти биологии Помир буд.

Профессор Усмон Холдоров перомуни масоили умдаи ботаника ва хоҷагии ҷангал қариб ҳаштод мақолаи илмӣ, илмию оммавӣ дар матбуоти даврӣ ва маҷаллаҳои илмии соҳавии Тоҷикистон ва хориҷ аз он ба табъ расондааст. Саҳмаш махсусан дар инкишофи чормағзпарварӣ калон аст, бо ҳамдастии ҳамкорону шогирдон зиёда аз 300 хел ё шакли беҳтарини чормағзро ҷамъ оварда, бисёр навъҳои чормағзи рӯёндааш на танҳо дар Тоҷикистон, балки дигар ҷамоҳири Осиёи Марказӣ ва Қавқози Шимолӣ парвариш ёфта, ҳосили баланд медиҳанд. Дастранҷаш дар Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи СССР (ВДНХ) борҳо ба намоиш гузошта шуда, сазовори медалҳои нуқра ва биринҷӣ гардидааст. Таҷрибааш дар бобати селексияи чормағз ва рушди чормағзпарварӣ дар бисёр давлатҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр ёфтааст.

## Осор

Грецкий орех и перспективы его вырашивания [Текст]: Флора и растительность ущелья реки Варзоб. – Ленинград, 1971. – С. 63-67.

Лесное хозяйство [Текст] // Таджикская ССР. – Душанбе, 1974. – С. 271-274.

Ореховые – в Таджикистане [Текст]: Авт. дис. на соискании уч. степени д-ра биол. наук. – Ташкент, 1984. – 36 с.

Ореховые [Текст]: Растения для декоративного садоводства Таджикистана. – Москва, 1986. – С. 56-59.

Опыт вырашивания промышленных плантаций ореха грецкого в Таджикистане [Текст]: Обзор информации. – Душанбе, 1987. – 35 с.

Орех грецкий и его выращивание в Таджикистане [Текст]. – Душанбе, 1990. – 159 с.

## Адабиёт

Нудель, Я. Зелёная семья [Текст] // Вечерный Душанбе. – 1971. – 14 января.

Холдоров Усмон [Матн] // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 8. – С.557.

Соболев, О. Бег за орехом [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1989. – 2 февраля.

Холдоров Усмон [Матн]: Шуғнон. Донишнома. – Душанбе, 2014. – С. 491.

## БОЗОРАЛӢ АЗИЗОВ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми техникӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино Бозоралӣ Азизов 9 августи соли 1946 дар ш. Кӯлоб таваллуд ёфтааст. Соли 1969 Институти технологии ш. Ленинградро (ҳоло ш. Санкт-Петербург) ба итмом расонда, дар аспирантураи ҳамин боргоҳи илм таҳсилро идома додааст. Солҳои 1972-1973 лаборант ва ходими хурди илмии Институти химияи АИ Тоҷикистон ба номи В. Никитин, 1974-1992 муаллими калон, дотсент, мудири кафедраи химияи Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло ДТТ ба номи М. Осимӣ), 1992-1993 муовини сардори шуъбаи саноати Идораи корҳои Шӯрои Вазирони Тоҷикистон, 1994-2000 муовини сардори шуъбаи техникӣ, сардори шуъба ва сардори хадамоти тайёр намудани кадрҳои Корхонаи алюминийи Тоҷикистон, 2000-2009 муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2009-2010 профессори кафедраи химияи ҳамин боргоҳи илм кор кардааст. Аз соли 2010 муовини директории Институти илмӣ-таҳқиқотии Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминийи тоҷик» мебошад.

Профессор Бозоралӣ Азизов перомуни коркарди партовҳои истеҳсоли алюминий, асосҳои коркарди физикию химиявӣ ва технологии коркарди моеъ ва партовҳои сахти истеҳсоли алюминий ва ғайра зиёда аз 150 асару мақолаҳои илмӣ, илмӣ-методӣ ба табъ расондааст. Бисёр пешниҳодҳояш дар истеҳсолот ҷорӣ шуда, фоидаи иқтисодӣ овардаанд. Муаллифи 7 патент ба ихтироот ва 2 шаҳодатномаи маҳсулоти зеҳнӣ мебошад. Саҳмаш дар тарбияи мутахассисони техникӣ калон аст.

### Осор

Исследование процессов выделения хлора и кислорода на пирографитом электроде при высоких плосткостях тона [Текст]: Автореф. дис. на соискании учен. степени канд. хим. наук. – Ленинград, 1972. – 13 с.

Утилизация отходов производства алюминия [Текст]. – Душанбе, 2000. – 98 с.

Физико-химические и технологические основы комплексной переработки жидких и твёрдых отходов производства алюминия [Текст]: Автореф. дис. на соискании учен. степени д-ра техн. наук. – Душанбе, 2003. – 50 с.

Комплексная переработка отходов производства алюминия [Текст]. – Душанбе, 2005. – 137 с.

Курси мухтасари химияи ғайриорганикӣ [Матн]. – Душанбе, 2008. – 193 с.

## Адабиёт


Азизов Бозоралӣ Сатторов [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С. 82.

Азизов Бозоралӣ Сатторович [Матн] // Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2011. – Ҷ. 1. – С.210.


## БУРҲОН РАҶАБОВ

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Актёри театру кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Бурҳон Раҷабов 15 августи соли 1936 дар ш. Самарқанд ба дунё омадааст. Соли 1959 Институти театрӣ-бадеии ба номи А. Островскийи ш. Тошкандро хатм карда, дар Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ чун актёр зиёда аз 35 сол заҳмат кашид. Аз соли 1996 то поёни умр – 2011 муқими ш. Самарқанд буд. Дар қариб 100 спектакли театр ҳунараш зуҳур кардааст. Инҳо «Шоҳ Лир», «Ду веронагӣ», «Кӯҳистонӣ», «Гунаҳкорони бегуноҳ», «Сароби хунин», «Муфаттиш», «Бой ва хизматгор», «Шаби гирифтани моҳ», «Гавҳари шабчароғ», «Интихоби домод», «Дод аз дасти ақл», «Рустам ва Сӯҳроб», «Эзоп», «Ванятаго», «Вопасин арӯси амиралмӯъминин», «Бежан ва Манижа» ва ғайраҳо мебошанд. Дар кинофилмҳои тоҷикии «Ҳасани аробакаш», «Паланг даркор», «Боз як шаби Шаҳрзод», «Афсонаҳои нави Шаҳрзод», «Шаби охирини Шаҳрзод», «Ашк ва шамшер» ва ғайраҳо ҳунари баланд нишон додаст. Солҳои охир дар Самарқанд театр-студияи «Овози Самарқанд» таъсис намуда, бо иштироки актёрони ҷавон чанд намоишнома, аз ҷумла «Хӯса»-и А. Истадро рӯи саҳна овард.

Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон сазовор шудааст.

## Адабиёт

Ёров, Р. Дурахши истеъдод [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1974. – 1 январ.

Шарофов, М. Эҷодкори характерҳои гуногун [Матн] // Маориф ва маданият. – 1978. – 19 январ.

Шарофов, М. Зинаҳои камолот [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 13 феврал.

Имтиҳони ҳунар [Матн]: Мусоҳибаи Т. Расулов бо ҳунарпеша Б. Раҷабов // Комсомоли Тоҷикистон. – 1981. – 7 август.

Садои барқ оғози эҷоди ман аст [Матн]: Мусоҳибаи Б. Ғанӣ бо ҳунарпеша Б. Раҷабов // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 1 январ.

Расулӣ, А. Оҳанги дил [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1990. – 4 январ.

Қодир, О. Бурҳони истеъдод ва ҳунар [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2011. – 15 сентябр.

## ТЕМУР ЗУЛФИҚОРОВ

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Нависандаи тоҷиктабори русзабон Темур Зулфиқоров 17 августи соли 1936 дар ш. Душанбе дида ба ҷаҳон кушодааст. Падараш Қосим Зулфиқоров корманди масъули ҳизбию давлатӣ буд, ки соли 1937 қурбони шахспарастӣ гардидааст. Модараш Людмила Успенская солиён дар Институти педагогии ш. Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ба тадрису таҳқиқи забони тоҷикӣ шуғл варзида, муаллифи чандин китобу рисолаҳост, то дараҷаи профессор расидааст. Баъди хатми Университети давлатии Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) дар Маскав сукунат ихтиёр намуд, ба офариниши шеър, ҳикоя, роман, намоишнома барои театру кино пардохт. Сӯи ситеғи шӯҳрат роҳи басо мушкилро паймуд. Дар адабиёти русии муосир ба дунболи ҷустуҷӯю такопӯ пайроҳаи хоси худро пайдо кард. Сабки нигоришаш дар назму наср ба касе монанд нест, насраш манзуму назмаш мансур аст, андешаҳо ба сурати тамсилӣ, дар пардаи киноя, илҳом ва истиора баён меёбанд. Бесабаб нест, ки аввал ба осораш беэътино менигаристанд ва ҷиддӣ намепиндоштанд, вале кунун аз устодони бузурги каломи бадеъ эътироф мегардад,

навиштаҳояш ҳарфи тозае дар адабиёти русанд. Қаҳрамононаш ашхоси таърихие чун Хоҷа Насриддин, Мушфиқӣ, Хайём, Беҳзод, Баҳроми Гӯр, Иван Грозний мебошанд, аммо осораш аслан таърихӣ набувад, муаллиф тавассути ин афрод шинохташро аз ҷаҳони ҳастӣ ва инсон – ин муаммои муаммоҳо иброз медорад.

Аксар навиштаҳои Темур Зулфиқоров он қадар рехта ва пурҳикматанд, ки чун андарз ба гӯш мерасанд. Ҳар нафаре ба осораш зеҳн мемонад, гӯё аз равзанае ба дуродур, ба олами рангин, ки он ҷо замону макон дигар маъно надоранд, дида медӯзад. Чунончӣ, яке аз қаҳрамонҳои доимиаш Хоҷа Насриддин масхарабози оддӣ нест, балки посбон ва маҳфуздорандаи ҳикмати халқ мебошад, гарчӣ ханда ҳамсафари ҳамешагии ӯст. Асарҳояш аз лиҳози шаклу мазмун нотакроранд, мутолиаи онҳо корест душвор ва мӯҷиби мушкил-фаҳмиҳост, аз ин рӯ сабки хоса ва хонандаи хос дорад. Адиб ривоят-ҳояшро бо лаҳни соҳирона қисса мекунад, хонандаро ба ҷаҳони дили худ мехонад.

## Осор


Первая любовь Насреддина [Текст]: Режиссёрская разработка. – Душанбе, 1976. – 97 с.

Две  легенды о любви [Текст]. – Душанбе, 1980. – 203 с.

Поэмы странствий[Текст]: Повести. – Москва: Мол. гвардия, 1980. – 479 с.

Эмиры. Поэты. Мудрецы [Текст]. – Душанбе, 1983. – 382 с.

Первая любовь Ходжи Насреддина [Текст]: Повест. – Душанбе, 1985. – 160 с.

Охота царя Бахрам - Гура Сасанида [Текст]: Поэмы стихотворения. – Душанбе, 1986. – 383 с.

Любовь, мудрость, смерть дервиша [Текст]: Книга поэм. – Душанбе, 1990. – 525 с.

Лазоревый странник на золотой дороге… [Текст]: Песнопения Руси и Азии: Стихотворения, поэмы, притчи 1962-1988гг. – Москва: Современник, 1991. – 379 с.

Цари небесные и земные [Текст]: Сочинения в семи книгах. – Москва: Худож. лит., 2009. – Книга первая. – 696 с.

Тальдомские журавли [Текст]: Сочинения в семи книгах. – Москва: Худож. лит., 2009. – Книга вторая. – 464 с.

Золотые притчи Ходжи Насреддина [Текст]: Сочинения в семи книгах. – Москва: Худож. лит., 2009. – Книга третья. – 432 с.

Дервиш и мумия [Текст]:Сочинения в семи книгах. – Москва: Худож. лит., 2009. – Книга четвёртая. – 480 с.

Коралловая Эфа [Текст]: Сочинения в семи книгах.– Москва: Худож. лит., 2009. – Книга пятая. – 464 с.

Любовь, мудрость, смерть и загробные странствия дервиша [Текст]: Сочинения в семи книгах. – Москва: Худож. лит., 2009. – Книга шестая. – 496 с.

Лазоревый странник на золотой дороге [Текст]: Сочинения в семи книгах. – Москва: Худож. лит., 2009. – Книга седьмая. – 408 с.

Изумруды, рубины, алмазы мудрости в необъятном песке бытия [Текст]: Афоризмы и притчи. – Душанбе: Литературный фонд Садриддина Айни, 2012. – 500 с.

Ишқи аввали Хоҷа Насриддин [Матн]: Повест. – Душанбе, 2007. – 191 с.

Афъимори марҷонӣ [Матн]: Роман – устура ва достонҳои мансур. – Душанбе, 2011. – 312 с.

## Адабиёт

Рабиев, А. Соҳиби ҳашт бал [Матн]: Ба муносибати 50- солагии нависанда Т. Зулфиқоров // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 5 феврал.

Адабиёти моро наметавон халқӣ номид [Матн]: Мусоҳибаи М. Кенҷа бо нависанда Т. Зулфиқоров // Паёми Душанбе. – 1991. – 26 ноябр.

Хонуми зебо баъзан ба ман ҳам салом мефиристад [Матн]: Сӯҳбати Ҳокими Азиз бо нависанда Т. Зулфиқоров // Адабиёт ва санъат. – 2001. – 13 июл.

Суруш, М. Чашми бедори Хоҷа Насриддин [Матн]: Вохӯрии Т. Зулфиқоров бо алоқамандони эҷодаш дар Маскав // Омӯзгор. – 2007. – 21 декабр.

Кишвари хурд бо ҳокими бузургаш беҳтар аз кишвари калони ҳокимони хурд аст [Матн]: Сӯҳбат бо Т. Зулфиқоров // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2009. – 5 ноябр.

Темур Зулфиқоров – номзад ба ҷоизаи Нобел !!! [Матн] // СССР. – 2010. – 7 январ.

Мо ҳама сазовори як киштием [Матн]: Мусоҳибаи Н. Табаров бо нависанда Т. Зулфиқоров // Ҷумҳурият. – 2014. – 12 июл.

Бемаргиро дар Душанбе эҳсос мекунем [Матн]: Мусоҳибаи Фотеҳ Абдулло бо Темур Зулфиқоров // Ҷумҳурият. – 2006. – 3 июн.

Саъдуллоев, А. Замин хонаи инсонҳост [Матн] // Ваҳдат. – 2012. – 6 октябр.

Исабаева, Т. Восточный мудрец [Текст] // Паёми Душанбе. – 2006. – 28 декабр.

## ФАЙЗАЛӢ КОМИЛОВ

(Ба муносибати 60- солагии зодрӯзаш)

Доктори илмҳои физика ва математика, профессор Файзалӣ Комилов 26 августи соли 1956 дар деҳаи Қашангии н. Ваҳдат таваллуд ёфтааст. Соли 1978 факултаи механикаю математикаи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, дар ҳамин ҷо ба сифати ассистенти кафедраи механика ва методҳои ҳисобкунӣ фаъолияти меҳнатиаш шурӯъ мегардад. Солҳои 1980-1983 дар аспирантураи Маркази ҳисоббарории Академияи илмҳои СССР хонда, ба сифати муҳандиси барномасози Маркази ҳисоббарории ДМТ, ассистент, муаллим, дотсенти кафедраи механикаю методҳои ҳисоббарорӣ дар ҳамин донишгоҳ кор карда, аз соли 1992 дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хидмат фаъолият дорад, зинаҳои дотсент ва мудири кафедраи тарҳрезӣ ва технологияи иттилоотӣ (1992-1996), декани факултаи соҳибкорӣ ва менеҷмент (1996-2006), ноиби ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ (2006-2007) паймуда, аз соли 2008 ректори ҳамин донишкада мебошад.

Профессор Файзалӣ Комилов ба омӯзиш ва эҷоди моделҳои имитатсионии популятсияи моҳиҳо дар экосистемаи обанборҳо ва ҳавзҳои моҳипарварӣ шуғл варзида, натоиҷи таҳқиқоташ ба ҳалли барномаи озуқаворӣи ҷумҳурӣ мадад мерасонад. Дар рӯзгори мо илми технологияи информатсионӣ бо суръати баланд пеш меравад, ин донишманди тоҷик ҳанӯз соли 1994 китоби таълимии «Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор» ба нашр расонд, ки яке аз аввалин китоб аз фанни номрафта ба забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Чун ба забони оммафаҳм ва мазмунан баланди тоҷикӣ навишта шудааст, хонандагон онро хуш пазируфтанд. Ҳамчун омӯзгор усулу шеваҳои ҷадиди дарсдиҳиро роҳандозӣ намуда, сабақҳояш характери илмӣ, эҷодӣ ва тарбиявӣ доранд, бо майли том дониши андӯхтаашро ба ҷавонон меомӯзонад, уфуқҳои кориаш ҳамеша васеъанд, ковиши илмиашро ҳамвора вусъат мебахшад.

## Осор

Математическое моделирование экосистем водохранилищ [Текст]. – Душанбе, 1989. – 18с. (соавтор).

Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор. Бейсик [Матн]: Дастур. – Душанбе, 1994. – 140 с.

Дар ҷустуҷӯи ҳикмат [Матн]. – Душанбе, 2003. – 112 с.

Асосҳои техникаи компютерӣ [Матн]: Китоби дарсӣ барои синфҳои 8-9. – Душанбе, 2004. – 244 с.

Имитатционное моделирование динамики экосистем искусственных водоёмов [Текст]: Автореф. доктора физ.мат. наук. – Душанбе, 2004. – 39 с.

Асосҳои техникаи компютерӣ [Матн]: Китоби дарсӣ барои синфи 10. – Душанбе, 2005. – 144 с. (ҳаммуаллиф).

Технологияи информатсионӣ [Матн]: Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе, 2006. – 155 с. (ҳаммуаллиф).

Ҳамқадами истиқлол [Матн]. – Душанбе, 2011. – 72 с.

Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан [Текст]. – Душанбе, 2012. – 174 с.

## Адабиёт

Комилов, Р. Меҳрнома [Матн]. – Душанбе, 2006. – 84 с.

Сангинов, Ҳ., Саидов, Р., Маҳмудов, Ф., Салимов, Н. Вориси тамаддуни бузург [Матн] // Садои Мардум. – 2006. – 29 июл.

Комилов Файзалӣ [Матн] // Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С. 136.

## НАИМҶОН НАЗИРӢ

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Шоири соҳибзавқ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон Наимҷон Назирӣ 20 августи соли 1936 дар ш. Истаравшан таваллуд ёфтааст. Соли 1959 факултаи филологияи Университети давлатии Тоҷикистонро ба охир расонда, дар маҷаллаи «Хорпуштак» фаъолияти меҳнатиашро шурӯъ намуд, солҳои 1964-1975 корманди Радиои Тоҷикистон, 1975-1985 мудири шуъбаи рӯзномаи «Роҳи коммунизм»-и Истаравшан, 1985-1987 мухбири маҷаллаи «Хорпуштак» дар вилояти

Суғд буд. Аз соли 1988 директори осорхонаи таърихӣ- кишваршиносии ш. Истаравшан кор кардааст.

Наимҷон Назирӣ беш аз ним аср аз роҳи ҳаҷву мутоиба барои болидарӯҳии хонандагони хушзавқ қадам мезанад ва ба умеди баланд рафтани маърифати мардум бо шӯру шавқ қалам мекашад. Табъи латифу зарифаш аз аввал бо латофату зарофати сухан хӯ гирифта. Дар маҷаллаи бонуфузи «Хорпуштак» арсаи эҷодро барои гиру дори ҳазлу мутоиба вогузошт, минбаъд шамъи мунаввари радиомаҷаллаи «Сӯҳбати дӯстон» гардид. Аз эпиграммаю масал ва нақиза фаъолияти эҷодиашро оғоз бахшида, тадриҷан бо шеъру ғазали лирикию иҷтимоӣ қувват бахшидааст. Китобҳои зиёдаш дар шакли осори аслӣ, таснифӣ ва тарҷумавӣ бо ҳусну хубӣ ба табъ расида, намунаҳои беҳтаринашон то ба Афғонистону Эрон ва дигар маҳалҳои тоҷикнишин дастраси ҳаводорони калом гардидаанд. Ашъори дилнишин барои кӯдакон навиштааст, ки хурдсолон аз мутолиаи он қаноатманданд. Ҳамзамон қариб чор даҳсола бо ширкати дилдодагони адабиёту фарҳанг чароғи маҳфили адабии «Паёми Истаравшан»-ро равшан доштааст.

## Осор

Хӯшаҳо [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 1971. – 111 с.

Тӯҳфаи баҳор [Матн]: Шеърҳо барои бачаҳо. – Душанбе, 1974. – 27 с.

Гулқайчӣ [Матн]: Шеъру масалҳо. – Душанбе, 1981. – 80 с.

Рози дил [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 1983. – 112 с.

Бахти мо [Матн]: Шеърҳо. – Душанбе, 1986. – 160 с.

Бақои умр [Матн]: Осори мунтахаб. – Душанбе, 1987. – 368 с.

Тӯшаи роҳ [Матн]: Шеърҳои ҳаҷвӣ. – Душанбе, 1991. – 144 с.

Созҳои Бадахшону таронаҳои Хатлон [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Уротеппа, 1999. – 139 с.

Ошёни меҳр [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Истаравшан, 2002. – 222 с.

Чаро гӯши фил калон? [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Истаравшан, 2007. – 202 с.

Чашмаи мурод [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе, 2008. – 138 с.

Шоҳҷорӯб [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳои ҳаҷвӣ. – Душанбе, 2012. – 208 с.

## Адабиёт

Назирӣ Наимҷон [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1984. – Ҷ. 5. – С. 71.

Абдураҳимов, К. Як гул баҳор нест [Матн] // Садои Шарқ. – 1987. – № 8. – С.137-199.

Назирӣ Наимҷон [Матн]//Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1990. – Ҷ. 3. – С.414- 415.

Бафоев, М. Шасти умр [Матн] // Садои мардум. – 1996. – 21 август.

Назирӣ Наимҷон [Матн] // Адибони Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С. 341-343.

Шодбошӣ [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 24 август.

Аслонова, Н. Падарам, биҳишти умрам [Матн] // Минбари халқ. – 2006. – 8 июл.

## ҶАМШЕД ИСМОИЛОВ

(Ба муносибати 60- солагии зодрӯзаш)

Сарояндаи машҳур, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Ҷамшед Исмоилов 30 августи соли 1956 дар н. Ховалинг дида ба ҷаҳон кушодааст. Соли 1977 Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзодаро ба итмом расонда, дар идораи ҷавонони ш. Душанбе фаъолияти меҳнатиашро оғоз мебахшад. Солҳои 1979-1981 корманди Театри давлатии академии ба номи Лоҳутӣ, 1981-1994 овозхони дастаи мақомхонон ва роҳбари дастаҳои ҳунарии Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ, 1995-2001 муовини вазири фарҳанги Тоҷикистон, 2002-2004 дар корҳои эҷодӣ, 2004-2013 сарвари кулли Иттиҳодияи давлатии гурӯҳҳои эҷодию консертии назди Вазорати фарҳанги Тоҷикистон буд. Аз соли 2013 роҳбари бадеии дастаи рақсии «Лола» мебошад.

Ҷамшед Исмоилов бешубҳа, аз овозхонони бомаҳорати тоҷик аст, ки бо шеваи хос вориди майдони фарохи мусиқӣ гардида, таваҷҷӯҳи доираи васеи мухлисонро ҷалб сохтааст. Таронаҳои халқӣ, сурудҳои муосир, мусиқии касбии классикӣ заминаи эҷодиёташро ташкил додаанд, дар ҳама ҳолат барои шунаванда оромише дилпазирро ба армуғон меоварад. Теъдоди сурудаҳояш аз 150 мегузарад, ба аксари онҳо худ оҳанг эҷод кардааст. «Чӣ мегӯӣ?», «Ватан», «Дар тобу табат бинам», «Таронаи ваҳдат», «Шукрона бояд кард», «Модар», «Марсияи хуршед», «Гиряму гирям», «Бобои мо» муште аз хирвори таронаҳояш мебошанд.

Ба Афғонистон, Эрон, мамолики Араб, Ҳиндустон, Туркия, Русия, Олмон, Фаронса ва дигар давлатҳо сафари ҳунарӣ анҷом додааст.

**Осор**

Имрӯзу фардоям шунав [Матн]. – Душанбе, 2000. – 79 с.

**Адабиёт**

Қосимов, Н. Базми Ҷамшед [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1981. – 18 январ.

Табаров, С. Суруди дилнавоз [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 2 апрел.

Ҳисориев, А. Ошиқи зиндагӣ [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989. – 3 март.

Базми Ҷамшед [Матн]: Мусоҳибаи С. Ҷалолов бо сароянда Ҷ. Исмоилов // Тоҷикистони Советӣ. – 1990. – 1 январ.

Эҷодкор қосиди маънии баланд аст [Матн]: Мусоҳибаи Д. Ҳайдар бо овозхон Ҷ. Исмоилов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1999. – 6 май.

Муҳаммадӣ, А. Базми ҷамшедии Ҷамшед [Матн] // Ҷумҳурият. – 1999. – 8 май.

Аюбзода, С. Эҳёи ҳунари воло [Матн] // Садои мардум. – 1999. – 29 май.

Хуросонӣ, А. Базми Ҷамшед [Матн]. – Душанбе, 2000. – 97 с.

Фарҳангу ҳунар беҳтарин тарбиятгари ҷомеаи солиманд [Матн]: Мусоҳибаи М. Холова бо овозхон Ҷ. Исмоилов // Чархи гардун. – 2004. – 3 ноябр.

Ҳунарманд мунодии сулҳ аст [Матн]: Мусоҳибаи Ҳ. Ҳомид бо овозхон Ҷ. Исмоилов // Адабиёт ва санъат. – 2005. – 23 июн.

Акнун ҳама чиз хариду фурӯш мешавад [Матн]: Мусоҳибаи Ҳ. Ёров бо Ҷамшед Исмоилов // Чархи гардун. – 2006. – 8 сентябр.

Диловаров, М. Исмоилов Ҷамшед Қосимович [Матн]. – Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С. 208-209.

Савту навои Ҷамшед [Матн]: Мусоҳибаи Ҷ. Мақсуд бо Ҷ. Исмоилов // Чархи гардун. – 2007. – 29 март.

Тамошобин набояд таҳқир бинад [Матн]: Мусоҳибаи Ҳ. Ҳомид бо Ҷ. Исмоилов // Чархи гардун. – 2011. – 20 июл.

Усмонов, И. Таронаҳои мавҷи ором [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 12 сентябр.

## АДАШ ИСТАД

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Нависандаи боистеъдод Адаш Истад 7 сентябри соли 1946 дар деҳаи Урташиқи вилояти Самарқанд дида ба ҷаҳони равшан кушодааст. Факултаи филологияи Университети давлатии ш. Самарқанд ба номи А. Навоиро соли 1969 ба охир расонда, ба сифати ходими адабии газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» (1969-1973), муҳаррири варзидаи Радиои Тоҷикистон (1974-1981), мудири шуъба ва муовини сармуҳаррири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (1981-1993) кор кардааст. Солҳои 1993-2010 корманди газетаи тоҷикии «Самарқанд»-и ш. Самарқанд буд.

Ҳолу ҳавои тозаи нависандагиаш дар ҳадафҳои бузурги ғоявии осораш зоҳир мешавад, дар кадом жанре нависад, ҳамеша барои ташаккули ёди таърихии халқаш кӯшида, баҳри зинда мондан ва зинда доштани ин таърих саъй варзидааст. Дар эҷодиёташ бори асосии андешаю ороро ҳикояҳои фантастикӣ ва афсонаҳои дилангез кашидаанд. Муҳаққиқон варо яке аз бунёдгузорони ҳикоянависӣ дар фантастикаи илмӣ эътироф кардаанд. Дар жанри таърихӣ китоби «Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад»-ро навишта, чун адиби ҳаҷвнигор ҳикояҳои зиёди ҳаҷвӣ, мазҳакаҳои «Кӯса» (1995), «Шайтонпарӣ» (1996) ва ғайра эҷод намудааст. Дар назм низ бомуваффақият қувва озмуда, як силсила шеърҳояш дар китоби «Оҳангҳои Самарқанд» (2008) гирд омадаанд. Соли 2007 дар ш. Тошканд маҷмӯаи ҳикоёташ бо номи «Армуғон» (дар ҳамкорӣ бо Ғ. Маҳмудов ба тоҷикӣ, узбекӣ ва русӣ нашр шудааст. Қаламаш дар жанри публисистика низ хеле тез аст, перомуни эҳёи суннатҳои миллӣ, мақоми забони тоҷикӣ, ҳифзу рушди фарҳанги миллӣ матолиби зиёд дар матбуоти Тоҷикистону Узбекистон чоп шудааст. Намунаҳои осораш ба русӣ, украинӣ, белорусӣ, чехӣ, озарбойҷонӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва ғайра тарҷума шудаанд.

## Осор


Мавҷи хаёлот [Матн]: Ҳикояҳои илмӣ-фантастикӣ. – Душанбе, 1970. – 47 с.

Суруди офтоб [Матн]: Ҳикояҳо. – Душанбе, 1974. – 72 с.

Дарахти пахтачормағз [Матн]: Ҳикояҳои фантастикӣ. – Душанбе, 1981. – 128 с.

Парвози меъмор [Матн]: Ҳикояҳои фантастикӣ, афсонаҳо, ривоят. – Душанбе, 1985. – 64 с.

Чароғи сеҳрнок [Матн]: Афсонаҳо. – Душанбе, 1989. – 104 с.

Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад [Матн]. – Душанбе, 1990. – 192 с.

Оҳангҳои Самарқанд [Матн]: Маҷмӯаи назму наср ва намоишномаҳо. – Душанбе, 2007. – 136 с.

## Адабиёт

Муҳаммадиев, Ҳ. Сард аст хонаи дил [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 26 январ.

Амин, А. Афсона ва воқеият [Матн]: Оид ба эҷодиёти А. Истад // Адабиёт ва санъат. – 1992. – 17 декабр.

Адаш Истад [Матн] // Адибони Тоҷикистон. – Душанбе: Адиб, 2003. – С. 214.

Ҳамроҳов, Ҷ. Адиби ватанпараст [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 24 август.

Шодбошӣ [Матн]: Аз номи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба муносибати 60- солагӣ // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 21 сентябр.

Адаш Истад [Матн] // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2011. – Ҷ.1. – С.190.

## ҲИКМАТ МӮЪМИНОВ

(Ба муносибати 50-солагии зодрӯзаш)

Доктори илмҳои физикаю математика, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон Ҳикмат Мӯъминов 14 сентябри соли 1966 дар ш. Душанбе ба дунё омадааст. Соли 1988 факултаи физикаи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба охир расонда, дар аспирантураи Институти муттаҳидаи таҳқиқоти ҳастаии ш. Дубна таҳсилро идома бахшидааст. Фаъолияти меҳнатиаш соли 1992 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба сифати муаллими калони кафедраи физикаи назариявӣ шурӯъ шуда, минбаъд (1993-2006) ҳамчун муовини декани факултаи физика, ходими илмӣ, ходими пешбари илмӣ, профессори кафедраи физикаи назариявӣ, профессори кафедраи мошинаҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳои ДМТ кор кардааст. Аз соли 2006 директори Пажӯҳишгоҳи физикаю техникаи ба номи С. Умарови АИ Тоҷикистон мебошад.

Профессор Ҳикмат Мӯъминов аз миёни олимони тоҷик ҷавонтарин доктори илм аст, дар 29 солагӣ рисолаи илмӣ дифоъ кардааст. Ковиши илмиаш ба соҳаи муҳити конденӣ ва ҳодисаҳои ғайрихаттӣ таааллуқ дорад. Аз ҷониби ин донишманди тоҷик назарияи ҳолатҳои умумишудаи когерентӣ вусъат дода шуд, ки ҳодисаҳои мултиполӣ ва релятивистиро дар системаҳои квантии спинӣ ба назар мегирад. Номрафта тарзи нави

ҳалли муодилаи ғайрихаттии вектории Шредингерро ба даст оварда, устувории солитонҳои бисёрченакро дар назарияи майдон нишон дод. Таҳқиқоташ мавриди паҳншавии радиатсияи ҳастаӣ дар мода низ шоистаи ситоиш аст. Рисолаи илмиаш «Таҳқиқоти назарӣ ва тарҳрезии математики баъзе системаҳои сепинӣ» соли 1988 навишта шуда, ба русӣ ва инглисӣ нашр гардидааст. Талошу заҳмат ва ҷустуҷӯҳои эҷодииолими тоҷик самар оварда, аз сӯи ҳампешагони хориҷӣ пазируфта шудаанд. Мавсуф дар чандин симпозиуму конфаронс ва олимпиадаҳои байналмиллалии физикдонҳо иштироку суханронӣ карда, чун профессор дар бонуфузтарин донишгоҳҳои ИМА, Олмон, Фаронса, Англия ва ғайра дарс додаст.

## Осор


Вопросы теории нелинейных явлений в анизотропных магнетиках с учётом мультипольных моментов [Текст]: Автореф… доктора физ. - мат. наук. – Душанбе, 1996. – 25 с.


## Адабиёт


Мӯъминов Ҳикмат [Матн] // Олимони донишгоҳ. – Душанбе, 1998. – С. 289-290.

Боҳирӣ, Н. Олими ҷӯё [Матн] // Ҷумҳурият. – 1999. – 6 январ.

Новый член-корреспондент Академии наук [Текст] // Народная газета. – 2004. – 3 март.

Мӯъминов Ҳикмат [Матн] // Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С.199-200.

Сарвинози Нур. Намунаи ибрати олимони ҷавон [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2009. – 12 феврал.


## ЯҲЁ РАҲИМОВ

(Ба муносибати 100- солагии зодрӯзаш)

Духтур – анатоми маъруфи тоҷик, доктори илми тиб, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино Яҳё Раҳимов 15 сентябри соли 1916 дар ш. Хуҷанд таваллуд шудааст. Фаъолияти меҳнатиаш солҳои 1931-1932 дар сохтмони роҳи оҳани камбари Вахш ба сифати коргар шурӯъ шуда, солҳои 1932-1938 дар Мактаби фелдшерии ш. Хуҷанд, 1938-

1942 дар Институти тиббии ш. Ашқобод ва 1942-1943 дар Институти тиббии ш. Душанбе хондааст.Ба сифати ассистенти кафедраи анатомияи топографии Институти тиббии ш. Душанбе (1943-1946) хидмат намуда, солҳои 1946-1949 дар аспирантураи Институти морфологияи нормалӣ ва патологии Академияи илмҳои тибби СССР таҳсилро идома бахшидааст. Солҳои 1950-1957 дотсент, мудири кафедраи анатомияи нормалӣ, декани факултаи муоличавӣ ва ректори Институти тиббии ш. Душанбе, 1957-1963 вазири нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон буд. Аз соли 1963 ба ҳайси дотсент ва профессори Институти тиббии ш. Душанбе заҳмат кашидааст.

Профессор Яҳё Раҳимов перомуни анатомияи муқоисавӣ, хоса маҷрои синаи ширхӯрҳо, морфологияи узвҳои дарунӣ дар шароити баландкӯҳ ва ҳангоми таъсири баъзе шароитҳои экстремалӣ, сохти бадани одам ва ғайра пажӯҳиши судманд анҷом додаст. Ӯ анатомияи беш аз шашсад ширхӯри мансуби ҳашт қаторро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаи муҳими илмӣ баровардааст. Мақолаҳои илмиаш ба русӣ, англисӣ, немисӣ ва дигар забонҳо нашр шудаанд. Хидматаш дар таълими шогирдон ва пешбурди соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ ниҳоят калон аст. Ду карат узви парлумон – Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб гардида, бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», чандин медалу ифтихорномаҳо қадр шудааст.

Ин донишманди барҷаста соли 1993 даргузаштааст.

## Осор

Грудной проток млекопитающих [Текст]. – Душанбе, 1968. – 214 с.

Морфология внутренних органов в условиях высокогорья [Текст]. – Душанбе, 1968. – 120 с.

Краткий конспект лекций по курсу нормальной анатомии [Текст]. – Душанбе, 1969. – 192 с. (в соавторстве).

Морфология внутренних органов при некоторых экстремальных воздействиях [Текст]. – Душанбе, 1970. – 181 с. (в соавторстве).

Строение тела человека [Текст]. – Душанбе, 1972. – 155 с. (в соавторстве).

Горы и люди [Текст]. – Душанбе, 1977. – 78 с. (в соавторстве).

Морфология внутренних органов при действии вибрации [Текст]. – Душанбе, 1979 (в соавторстве).

Очерки по функциональной анатомии [Текст]. – Душанбе, 1982. – 347 (в соавторстве).

Человек и высокогорье [Текст]. – Душанбе, 1982. – 96 с.

Очерки по функциональной анатомии [Текст]. – Душанбе, 1987. – 298 с. (в соавторстве).

## Адабиёт

Рахимов Яхё Абдуллаевич [Текст]: Библиография. – Душанбе, 1976. – 71 с.

Раҳимов Яҳё Абдуллоевич [Матн] // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1986. – Ҷ. 6. – С. 232.

Рахимов Яхё Абдуллаевич [Текст] // Худжанд. Энсиклопедия. – Душанбе, 1999. – С. 267.

Абдураҳмонов, Р. Ҳамрадифи бузургон [Матн] // Минбари халқ. – 2006. – 11 октябр.

Яҳё Абдуллоевич [Матн] // Энсиклопедияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Ибни Сино. – Душанбе, 2009. – С. 277.

## ТӮТӢ ҒАФФОРОВА

(Ба муносибати 100- солагии зодрӯзаш)

Актрисаи театру кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Тӯтӣ Ғаффорова 20 сентябри соли 1916 дар ш. Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Соли 1931 Техникуми педагогии занонаи ш. Самарқандро хатм карда, дар Театри драмаи мусиқии ҳамин шаҳр заҳмат кашидааст. Солҳои 1936-1941 ҳунарпешаи Театри мусиқии тоҷик (аз соли 1940 Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ) ва 1942-1972 (нафақа) актрисаи Театри давлатии академӣ - драмавии ба номи Лоҳутӣ буд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) чун узви фаъоли бригадаи театри фронтии тоҷик дар майдонҳои набард ба ҷанговарони Шӯравӣ хидмати маданӣ расондааст. Дар қариб сад намоишнома, аз қабили «Рӯдакӣ», «Тӯй», «Иродаи зан», «Шоҳ Лир», «Муфаттиш», «Гунаҳкорони бегуноҳ», «Духтари бебисот», «Ҷон модаракон», «Бозиҳои бераҳмона», «Любов Яровая», «Сароби хунин», «Дар фироқи ту», «Суханони соядор» нақшҳои марказӣ бозида, тавассути қаҳрамононаш занонро ба мубориза баҳри мустаҳкам кардани ҳаёти нав, зидди беадолатӣ ва маҳрумият даъват менамуд. Дар кинофилмҳои тоҷикии «Дӯсти ман Наврӯзов», «Минтақаи парвоз», «Ҷӯра- Саркор», «Хокистари сӯзон», «Чор тан аз Чорсанг» ва ғайраҳо симоҳои хотирмон офаридааст.

Бо се ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон сарфароз шудааст.

### Адабиёт


Моисеев, О. Се насли накӯкор [Матн] // Маориф ва маданият. – 1969. – 12 июн.

Абдуллоев, З. Ҳамеша бо қаҳрамон [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1977. – 25 май.

Абдуллоев, С. Бригадаи фронтӣ [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 9 май.

Вазифаи муқаддас [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 16 декабр.

Бобоева, М. Модарҷон, ман зиндаам… [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1984. – 10 май.

Ҳасанова, Л. Умре сарфи саҳна [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 8 январ.

Ҳомидов, К. Умре дар саҳна [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1987. – 7 сентябр.

Ғаффорова Тӯтӣ [Матн] // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ.8. – С.254.

Абдушукурова, Т. Моя любимая актриса – Тути Гаффарова [Текст]. – Худжанд, 2001. – 87 с.

Ғаффорова Тӯтӣ [Матн] //Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 2003. – Ҷ. 3. – С.301.


## БАҲОВАДДИН ЗУҲУРИДДИНОВ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Меъмори шинохташудаи тоҷик, Бинокори шоистаи Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Баҳоваддин Зуҳуриддинов 30 сентябри соли 1946 дар ш. Душанбе ба дунё омадааст. Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии пойтахт (1966) ва Институти меъмории ш. Маскавро (1972) хатм намуда, дар Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло ДТТ ба номи М. Осимӣ) дарс додааст. Аз соли 1977 дар Институти лоиҳакашии «Душанбегипрогор», 1990-1992 сармеъмори ш. Душанбе, 1992-2006 раиси Госстройи Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2006 Президенти Академияи меъморӣ ва сохтмони Тоҷикистон мебошад. Аз рӯи лоиҳаҳояш дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин шаҳрҳои

Тошканд, Брянск, Уляновск бисёр иншоот бунёд ёфтаанд, ки муҳимтаринашон Маҷмааи ёдгории «Ватан-Модар» дар Боғи Ғалабаи пойтахт, Маркази дӯстии «Душанбе-Клагенфурт», Маҷмааи меъмории 1100 – солагии Давлати Сомониён дар ш. Душанбе, Боғи «Пойтахт-80», Маркази кории «Душанбе-Плаза», биноҳои Қасри Миллат, мақбараи М. Турсунзода дар Лучоб, лоиҳаи ш. Роғун ва ғайра ҳастанд.

### Адабиёт

Мамаджанова, С. Баховаддин Зухурдинов [Текст]. – Душанбе, 1996. – 86 с.

Мамаджанова, С., Мукимов, Р. Зодчий Баховаддин [Текст]. – Ереван: Нац. Музей - институт архитектуры, 1997. – 93 с.

Зуҳуриддинов Баҳоваддин [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 1. – С. 476- 477.

Шариф, Ш. Падидаи меъмории Баҳоваддин [Матн] // Тоҷикистон. – 1992. – 16 октябр.

Неккадам, Т. Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ [Матн]: Мусоҳиба бо раиси кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Тоҷикистон Б. Зуҳуриддинов // Садои мардум. – 2002. – 6 апрел.

## ЮСУФ НУРАЛИЕВ

(Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Доктори илми тиб, профессор Юсуф Нуралиев 5-уми октябри соли 1936 дар деҳаи Нулванди ноҳияи Дарвози ВМКБ таваллуд ёфтааст. Соли 1961 факултаи муоличавии Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Ибни Синоро (ҳоло ДДТТ ба номи Ибни Сино) хатм намуда, солҳои 1961-1962 ординатор, 1963-1966 аспирант, 1967-1968 ассистенти кафедраи фармакологияи Институти давлатии тиббии Тоҷикистон, 1969-1972 докторанти Институти давлатии тиббии санитарию гигиении Ленинград, аз соли 1973 мудири шуъбаи патофизиология ва фармакотерапияи таҷрибавии Институти гастроэнтерологияи АИ Тоҷикистон кор кардааст. Муаллифи беш аз 200 асару мақолаҳои илмист. Таълифоташ асосан ба омӯхтани хосияти муоличавии растаниҳои доруии Тоҷикистон, мумиё ва хосиятҳои муолиҷавии он, ҷустуҷӯи доруҳо (барои муолиҷаи бемориҳои ҷигар, меъда, диабети қанд ва ғайра), инчунин таърихи тибби форсу тоҷик ва ғайра марбутанд.

## Осор

Табиб. Табибтарин дуохон [Матн]. – Душанбе, 1979. – 44 с.
Медицина эпохи Авиценны [Текст]. – Душанбе, 1981. – 191с
К тайне мумие [Текст]. – Душанбе, 1985. – 175 с. (соавтор).
Табиби қалбакӣ [Матн]. – Душанбе, 1986. – 64 с.
Лекарственные растения [Текст]. – Душанбе, 1989. – 285 с.
Луқмони Ҳаким [Матн]. – Душанбе, 1991. – 96 с.
Фитотерапия почечнокаменной болезной [Текст]. – Душанбе, 1997. – 188 с.
Медицина эпохи Саманидов [Текст]. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 200 с.
Бӯалӣ ва гиёҳдармонии амрози санги гурда [Матн]. – Душанбе: СИЭМТ, 2004. – 216 с.
Медицинская система Ибн Сина [Текст]. – Душанбе: Дониш, 2005. – 300 с.
Фитотерапия почечнокаменной болезной [Текст]. – Душанбе: Главная научная редакция Таджикской национальной энциклопедии, 2007. – 248 с.
Диабетагенные факторы риска по Авицинне [Текст]. – Душанбе, 2013. – 184 с. – Текст на рус. и анг. языках. (соавтор).

## Адабиёт

Нуралиев Юсуф [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1984. – С.246.
Шоҳинбодов, Н. Гиёҳҳои Бадахшон [Матн]: Мусоҳиба бо доктори илми тиб Ю. Нуралиев // Бадахшони Советӣ. – 1988. – 15 сентябр.
Нуралиев Юсуф [Матн] // Дар китоби «Таърихи Дарвоз».– 2008, С. 134-139.
Нуралиев Юсуф [Матн]: Энсиклопедияи Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон. – Душанбе, 2009, С.213.

## ТУРСУНБОЙ НЕЪМАТЗОДА

(Ба муносибати 90- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон Турсунбой Неъматзода 8 октябри соли 1926 дар н. Ашт дида ба олам кушодааст. Соли 1952 Университети давлатии Осиёи Миёнаро (ш. Тошканд) ба итмом расонда, дар аспирантураи Институти забон ва адабиёти

ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон таҳсилро идома медиҳад. Аз соли 1955 то поёни умр – соли 2008 дар факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ( ҳоло ДМТ) фаъолият доштааст, ба сифати муаллим, муаллими калон, дотсент, декани факулта, профессори кафедраи адабиёти классикии форс – тоҷик заҳмат кашидааст. Солҳои 1986-1988 устоди Донишгоҳи Кобул (Афғонистон) буд.

Профессор Турсунбой Неъматзода аз муҳаққиқони пуркори таърихи адабиёти классикии форс – тоҷик ба шумор меравад. Ковиши илмиаш перомуни ҳаёту осори намояндагони он Масъуди Саъди Салмон, Абдуфараҷи Рунӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва дигарон шоистаи ситоиш аст, мавриди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри 19 ва аввали асри XX, иртиботи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ бо дигар достонҳои асотирию қаҳрамонӣ, адабиёти ҳабсиёт ва ғайра нуқтаи назари ҷолиб баён доштааст. Ҳангоми хидмат дар Афғонистон (1986-1988) барои донишҷуёни Донишгоҳи Кобул бо ҳаммуаллифӣ китобҳои дарсии «Адабиёти дарӣ дар қарни даҳуми ҳиҷрӣ» навиштааст. Дар ҳаммуалифӣ инчунин китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» (барои синфҳои 9-10) ба табъ расонидааст. Беш аз шаст сол дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик сабақ дода, дунёи шеъру адаби форсӣ – тоҷикиро ба рӯи ҳазорон шогирд кушодааст.

Бо медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Собиқадори меҳнат» ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр шудааст.

## Осор

Абулфараҷи Рунӣ [Матн]. – Сталинобод, 1955. – 64 с.

Материалҳои иловагӣ оид ба таълими мавзӯи ваъзияти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Мовароуннаҳри нимаи дуюми асри X1X ва аввали асри XX [Матн]. – Сталинобод, 1955. – 64 с.

Дар бораи Возеҳ ва асари ӯ «Савонеҳ – ул-масолик» [Матн]. – Сталинобод, 1957. – 50 с.

Возеҳ [Матн]. – Душанбе, 1967. – 228 с.

Мубтакири таркиббанди бидуни абёти тарҷеъ ва адабиёти зиндон ё ҳабсиёт [Матн]. – Душанбе, 1992. – 36 с.

Офаридаҳои адабии Масъуди Саъди Салмон [Матн]: Рисола. – Душанбе, 1996. – 68 с.

Муҳтареи Мустазод ва Шаҳрошӯб [Матн]:Рисола. – Душанбе, 1998. – 43 с.

Рафоқат ва иртиботи фикрии Масъуди Саъди Салмон бо муосиронаш [Матн]. – Душанбе, 1998. – 44 с.

Рӯзгор ва осори Масъуди Саъди Салмон [Матн]. – Душанбе, 1999. – 260 с.

Сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба Масъуди Саъди Салмон [Матн]. – Душанбе, 1999. – 39 с.

Барзунома «Шаҳриёрнома» ва иртиботи онҳо бо «Шоҳнома» [Матн]. – Душанбе, 2005. – 127 с.

### Адабиёт

Неъматзода Турсунбой [Матн] // Олимони донишгоҳ. – Душанбе, 1988. – С. 256-257.

Раҳмонов, А., Солеҳов, М. Марди роҳи таҳқиқ [Матн] // Садои Мардум. – 1997. – 15 феврал.

Неъматзода Турсунбой [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 2004. – Ҷ.3. – С.517.

Неъматзода Турсунбой [Матн] // Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С.211-212.

## АСКАР ҲАКИМ

(Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш)

Шоири халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Аскар Ҳаким 10 октябри соли 1946 дар деҳаи Румони ноҳияи Хуҷанд таваллуд шудааст. Соли 1967 Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар Кумитаи телевизион ва радиои тоҷик ба сифати муҳаррир ба кор шурӯъ менамояд. Солҳои 1969-1972 аспиранти Университети давлатии шаҳри Маскав, 1972-1978 муовини сардабири маҷаллаи «Садои Шарқ», 1978-1980 котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, 1980-1983 сардабири ҳафтаномаи «Маданияти Тоҷикистон», 1983-1990 сардабири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», 1991-2002 раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон кор кардааст. Солҳои 2002-2006 муовини раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон буд.

Аксар Ҳаким ҳамчун адабиётшинос ва мунаққиди навҷӯ ба адабиёти тоҷик ворид шуд ва бо дониши пухтаву андешаи бедор дар маркази диққати аҳли фаҳм қарор гирифт. Тадриҷан ба шеърнависӣ гузашт, ба хираду таъодул рӯ овард ва таҳаммули қисмати шуарои ҳакимро сабурона пеш гирифт. Ба шеъри хираду андеша ва ҳикмату фалсафа содиқ монд, онро такмил бахшид ва муваффақ шуд. Ҷаҳонбинии адабиаш густурдаю доманадор аст, амсоли дарёи нармсайрест, ки ҳама чизро дар канораш пазируфта, ҳал мекунад, суфтаю сайқал дода, ба дурру садаф бадал месозад. Бо афрӯзае аз оташи муҳаббати шеъру сухан қасри муҳташами назми тоҷикро аз нуру зиё ва рангу ҷило мунаввар карда, ба дилдодагони шабу мунтазирони рӯз равшанию сафо овардааст. Номрафта ба ҳайси раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар инкишофи сохтори маъмурии ин созмон, тарбияи ҷавонони соҳибистеъдод, чопи осори онҳо заҳмати фаровон кашидааст, ҷиҳати

муаррифии адабиёти тоҷик ба ҷаҳониён талоши зиёд ба харҷ додааст. Дар ҳалли муҳимтарин масоили ахлоқию маънавии мардум, худшиносии миллӣ, озодандешӣ, интишороти хатти ниёгону пуштибони забони модарӣ ва инъикоси воқеии ҳаёт муваффақ шудааст, фаъолияти эҷодӣ ва сиёсию ҷамъиятиаш аз ғояҳои баланди инсонпарварию ватанпарастӣ нерӯ гирифтааст. Ӯ ҳамчун мунаққид ва рӯзноманигори чирадаст барои адабиёти тоҷик хидматҳои шоиста кардааст. Саҳмаш дар бахши тарҷумаи бадеӣ, густариши адабиёти ҷаҳонӣ, созмон додани пайвандҳои фарҳангӣ калон аст.

## Осор


Шеър ва замон [Матн]: Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик. – Душанбе, 1978. – 252 с.

Дар қаламрави сухан [Матн]: Симои адибон. – Душанбе, 1982. – 223 с.

Раҳнавард [Матн]: Маҷмӯаи шеърҳо.–Душанбе,1983. – 112 с.

Тарозуи офтоб [Матн]. – Душанбе, 1986. – 82 с.

Творцы созвучий [Текст]. – М.: Советский писатель, 1988. – 252 с.

Путник [Текст]. – М.: Молодая гвардия, 1989. – 96 с.

Рӯзи умед [Матн]: Шеърҳо ва достонҳо. – Душанбе,1990. – 272 с.

Испытание поэзией [Текст]. – Душанбе, 1992. – 237 с.

Баргпайванд [Матн]. – Нью-Йорк: Фаробӣ, 1993. – 140 с. – Матн ба забони форсӣ.

Шаҳри меҳролуд [Матн]. – Лос- Анҷелос, 1993. – 172 с.

Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким [Матн]. – Теҳрон: Ал-худо, 1995. – 356 с. – Матн ба забони форсӣ.

Илтиҷо аз уқоб [ Матн]: Гузидаи ашъор. – Душанбе,1998. – 82 с.

Боз мерасад хуршед [Матн]: Китоби ашъор. – Душанбе, 2002. – 272 с.

И снова взойдёт солнце [Текст]: Стихотворения и поэмы. – Москва, 2004. – 101 с.

Санги ман – алмос [Матн]: Маҷмӯаи ашъор. – Душанбе, 2006. – 332 с.

Бо саломи шукуфаҳо [Матн]: Маҷмӯаи ашъор. – Душанбе, 2012. – 440 с.


## Адабиёт


Сайфуллоев, А. Ҷои ҷону ҷои дил [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1986. – 4 феврал.

Абдуллоев, А. Ҷӯяндаи роҳу тариқаи навин [Матн] // Тоҷикистон советӣ. – 1987. – 1 ноябр.

Муҳаммадиев, Ҳ. Аскар Ҳаким // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн]. – Душанбе, 1988. – Ҷ.1. – С.185.

Муҳаммадиев, Ҳ. Ҳакимов Аскар Олимович // Энсиклопедияи Советии Тоҷик [Матн]. –Душанбе,1988. – Ҷ.8.– С.356.

Аминов, А. Дар роҳи ҷустуҷӯ [Матн] // Садои Шарқ. – 1989. – №1. – С.135-139.

Ҷумъазод, Х. 3-одамизод ном мемонад [Матн] // Паёми Душанбе. – 1993. – 30 июл.

Аюбзода, С. Корҳо хуб шаванд, чун рӯ ба фарҳанг оварем [Матн] // Садои мардум. – 2001. – 17 март.

Аскар Ҳаким // Адибони Тоҷикистон [Матн]: Маълумотнома. – Душанбе, 2002. – С.601- 605.

Парда, Ҳ. Шеъре, ки ҳамзамони мост [Матн] // Садои мардум. – 2002. – 12 октябр.

Қавза, А. Ғазалсарои мутафавит: Аскар Ҳаким [Матн] // Адабиёт ва санаът. – 2005. – 27 январ.

Шодбошӣ [Матн] //Адабиёт ва санъат. 2006. – 12 октябр.

Диноршоев, М. Шеъри эҳососу андеша [Матн]: Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким // Адабиёт ва санъат. – 2012. – 23 август.

## МУҲАММАДҶОН ШАКУРӢ

(Ба муносибати 90- солагии зодрӯзаш)

Адабиётшинос ва мунаққиди барҷастаи тоҷик, доктори илми филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ ва Сино Муҳаммадҷон Шакурӣ (Шукуров) 30 октябри соли 1926 дар ш. Бухоро дар хонадони донишманди маъруфи замон Шарифҷон Махдуми Садри Зиё дида ба ҷаҳони равшан кушодааст. Соли 1945 Институти давлатии педагогии ш. Душанберо ба поин оварда, дар ҳамин ҷо ва Институти давлатии ш. Кӯлоб дарс додааст. Аз соли 1951 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон аввал ба сифати ходими калони илмӣ ва аз соли 1959 мудири шӯъбаи адабиёти советии тоҷик захмат кашидааст. Соли 2012 аз олам даргузашт.

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ аз аламгустарони илм миёни тоҷикон мебошад, тӯли умри бобаракати хеш зиёда аз панҷоҳ асари илмӣ, пажӯҳишӣ, омӯзгорӣ, адабиётшиносӣ, мардумшиносӣ, услубшиносӣ, матншиносӣ, фарҳангшиносӣ ва ғайра ба мерос гузоштааст. Осораш ҳамчун нигине дар тоҷдони маъхази пурғановати адабиётшиносии миллӣ муаррифӣ мегардад. Ӯ дар саргаҳи рушди каломи тоҷикӣ ва рӯи кор овардани Қонун «Дар бораи забон» (соли 1989) ҳиссаи бориз гузошт. Бо саъю талошаш бисёр паҳлӯҳои адабиётшиносии тоҷик бозтоби дигар дида, назарияи нав дар омӯзиши он ба миён омад.

Талошҳояш мавриди покии забон, ҳузури мантиқ дар сухан, рафъи ғалат дар хат, дифоъ аз фарҳанги миллӣ, поси хотири бузургмардони миллат барои уламои баъдӣ маҳаки ифтихор ва тақлид қарор гирифтаанд. Ин донишманди беназир ҳеҷ гоҳе пажӯҳишоту таҳқиқоти илмиашро ҳақиқати кулл ва бурҳони қотеъ намехонд, гарчанд бо фарогирии афкор ва паҳнои эҷод фарқ мекард. Солҳои охири ҳаёт даврони соҳиб-истиқлолии Тоҷикистон олими барҷаста ба як чеҳраи мондагори сиёсӣ низ табдил ёфт, аз сутунҳои пойдевори худшиносии миллӣ дар қарни XX1 гардид. Номрафта ҷиддан ба масоили худшиносии миллӣ, ҷомеашиносӣ, омӯзиши забони миллӣ шуғл варзида, як идда осори мондагор ба мерос гузошт. Хидматаш дар эҷоди «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» (1957), «Фарҳанги забони тоҷикӣ (ду ҷилд, 1969), «Фарҳанги тафсирии форсӣ-тоҷикӣ» (2006) ва ғайра калон аст.

## Осор


Сотим Улуғзода [Матн] . – Сталинобод, 1961. – 73 с.

Анъана, халқият, маҳорат [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1964. – 230 с.

Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ [Матн]. – Душанбе, 1966. – 246 с.

Диди эстетики халқ ва насри реалистӣ [Матн]. – Душанбе, 1973. – 159 с.

Анъана ва навоварӣ [Матн]. – Душанбе, 1976. – 36 с.

Паҳлӯҳои таҳқиқи бадеӣ [Матн]. – Душанбе, 1976. – 272 с.

Садриддин Айнӣ [Матн]. – Душанбе, 1978. – 97 с.

Насри Ҷалол Икромӣ [Матн]. – Душанбе, 1979. – 142 с. (ҳаммуал-лиф).

Пайванди дӯстӣ ва бадхоҳони он [Матн]. – Душанбе, 1979. – 32 с. (ҳаммуаллиф).

Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад [Матн]. – Душанбе, 1985. – 367 с.

Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ [Матн]. – Душанбе, 1987. – 456 с.

Мактаби одамият [Матн]. – Душанбе, 1991. – 272 с.

Забони мо – ҳастии мост [Матн]. – Душанбе, 1991. – 232 с.

Хуросон аст ин ҷо [Матн]. – Душанбе, 1966. – 298 с.

Хуросон аст ин ҷо [Матн]. – Душанбе, 2009. – 416 с.

Истиқлол ва худшиносии иҷтимоию маънавӣ [Матн]. – Душанбе, 1999. – 160 с.

Садриддин Айнӣ – равшангари бузурги таърихи тоҷикон [Матн]. – Хуҷанд, 2001. – 106 с.

Инсонгарони омӯзиш ва забони миллӣ [Матн]. – Душанбе, 2002. – 180 с.

Сарнавишти форси тоҷикии Фароруд дар садаи бист [Матн]. – Душанбе, 2003. – 104 с.

Ҷусторҳо дар бораи забону адабиёт ва фарҳанги Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2003. – 270 с.

Садри Бухоро [Матн]. – Душанбе, 2005. – 350 с.

Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист [Матн]. – Душанбе, 2006. – 456 с.

Равшангари бузург [Матн]: Дар бораи устод С. Айнӣ. – Душанбе, 2006. – 340 с.

Забони миллӣ ва ҷаҳонгаройӣ [Матн]. – Душанбе, 2010. – 220 с.

Фитнаи инқилоб дар Бухоро [Матн]: Аббос Алиев. – Душанбе, 2010. – 157 с.

Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон [Матн]. – Душанбе, 2012. – 304 с.

## Адабиёт

Мақсудов Т., Салимов Ю., Набиев, А. Олими фозил ва инсони соҳибдил [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. – 1976. – 22 декабр.

Давлатов, М., Сатторов, А. Гузоришгари коргоҳи сухан [Матн] // Газетаи муаллимон. – 1981. – 21 март.

Меҳрнома [Матн]: Ҷашнномаи 80-солагии устод Муҳаммадҷон Шакурӣ. – Душанбе, 2006. – 97 с.

Саттторзода, А. Донишманде бо ақли ҳамешаҷавон ва ҷӯё [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 27 ноябр.

Раҳмонов, Ш. Ӯ суханро боз боло бурду… [Матн] // Садои Мардум. – 2006. – 28 октябр.

Мизроб, С. Шакурӣ – нигине дар фарҳанги миллӣ ва фарҳанге дар таркиби миллат [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2006. – 9 ноябр.

## САЙФИДДИН НАЗАРЗОДА

(Ба муносибати 60-солагии зодрӯзаш)

Доктори илми филологӣ, профессор Сайфиддин Назарзода 3-юми ноябри соли 1956 дар деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Соли 1980 баъди хатми факултаи забонҳои шарқи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ба сифати тарҷумони низомӣ дар Афғонистон (1980-1984) хизмат намуда, солҳои 1984-1985 сарлаборанти кафедраи филологияи Эрони факултаи забонҳои шарқи УДТ, 1985-1990 муҳаррири гуфторҳои хориҷии Радиои Тоҷикистон, 1990-1992 корманди калони илмӣ ва котиби илмии Кумитаи ҷумҳуриявии истилоҳоти назди АИ Тоҷикистон, 1992-1993 директори барномаҳои Радиои Тоҷикистон, 1993-2000 муовини раис ва 2000-2006 раиси кумитаи ҷумҳурявии истилоҳоти назди АИ ҶТ, 2006-2011 директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, 2011-2014 декани факултаи забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Аз моҳи декабри соли 2014 директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон мебошад.

Профессор Сайфиддин Назарзода дар самту ҷанбаҳои гуногуни забоншиносӣ-лексикологияи забони форсӣ, пажӯҳиши забони осори хаттии классикӣ босамар фаъолият намуда, ҷиҳати ғанӣ гардондани хазинаи луғавии забони тоҷикӣ талоши фаровон ба харҷ додааст. Хидматаш бахусус дар таҳияю тартиби яке аз соҳаҳои муҳими лексикология – истилоҳот, минҷумла истилоҳоти иҷтимоию ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, коргузорӣ калон аст. Ковишҳои илмиаш перомуни ин мавзӯъ саҳифа ва сухани тоза дар лексикологияи тоҷик ва аз корҳои арзишмандтарини басомонрасида эътироф шудаанд. Дониши баландаш дар таҳияю таҳрири чандин фарҳанги дузабона (русӣ-тоҷикӣ) аз қабили «Луғати истилоҳоти иқтисодӣ», «Луғати русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳарбӣ», «Фарҳанги истилоҳоти масолеҳи иншооти обёрӣ», «Асноди додрасии тафтишоти пешакӣ», «Луғати мухтасари русӣ-тоҷикии истилоҳоти гумрук» ва ғайра ҳувайдо гаштааст. Барои амалӣ намудани Қонуни забони тоҷикӣ ҳамвора ҷадал менамояд, дар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ зиёда аз 100 мақола ба табъ расондааст. Муҳаррири масъули «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (2008-2010, дар ду ҷилд), «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» Ҷ. 1, 2011 мебошад.

Бо нишони «Барои хизматҳои ҷангӣ» (1982), нишони давлатии Афғонистон «Ҷанговари интернатсионалист» (1987) ва Грамотаи Президиуми Совети Олии СССР (1988) сарфароз гардидааст.

## Осор

Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ (русӣ-тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе, 1993. – 87 с.

Асноди додрасии тафтишоти пешакӣ [Матн]. – Душанбе, 1994 (бо ҳаммуаллифӣ).

Аҷоиб-ул-махлуқот ва вожашиносии таърихи форсӣ-тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе, 1999. – 210 с.

Забон ва истилоҳот [Матн]: Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот. – Душанбе, 2003. – 148с.

Таджикская общественно - политическая терминология: история направления и перспективы [Текст]: Автореф. д.-ра филол. наук. – Душанбе, 2004. – 39 с.

Лингвистическое изучение классических письменных памятников [Текст]: На примере «Аджайиб ул – махлукат ва гарайиб ул-мавджудат» Ахмада Туси. – Душанбе, 2004. – 332с.

Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ - сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX [Матн]: Рисола. – Душанбе, 2004. – 303 с.

Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ (англисӣ - русӣ - тоҷикӣ-форсӣ) [Матн]. – Душанбе, 2005. – 144 с.

Фарҳанги мухтасари истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ [Матн]. – Душанбе, 2006. – 192 с.

Забон ва ваҳдати миллӣ [Матн]: Рисола. – Душанбе, 2007. – 105 с.

Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо [Матн]. – Душанбе, 2014. – 369 с.

Имло ва забони адабӣ [Матн]. – Душанбе, 2015. – 319 с.

## Адабиёт

Олим, журналист, ҷанговари интернатсионалист [Матн] // Гадозода, А. Сипеҳри ҳафтод. – Душанбе, 2000. – С.280-281.

Диловаров, М. Назарзода Сайфиддин [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С.335-336.

## РОҲАТ НАБИЕВА

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон Роҳат Набиева 6 ноябри соли 1936 дар ш. Хуҷанд дида ба ҷаҳон кушодааст. Соли 1959 факултаи таърихи Университети давлатии Тоҷи-

кистонро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, дар аспирантура таҳсилро идома бахшидааст. Солҳои 1962-1963 муаллим, 1964-1966 муаллими калон, 1966-1975 дотсенти кафедраи таърихи СССР, аз соли 1975 то 2006 мудири кафедраи таърихи Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Таҳқиқоташ ба масоили нақши занони Тоҷикистон дар пешбурди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, ҳаёту фаъолияти бонувони фаъол, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва ғайра марбутанд. Барои донишгоҳҳои олӣ ва макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ барнома ва китобҳои дарсии «Таърихи халқи тоҷик» навиштааст. Теъдоди таълифоташ аз сесад мегузарад. Таҳти роҳбариаш зиёда аз сӣ нафар рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ ҳимоя намудаанд. Раиси шӯрои мутобиқатсозии фанҳои ҷомеашиносии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (1984-2000) ва раиси шӯрои диссертатсионии ДМТ оид ба таърих мебошад.

## Осор

Роль женщин Таджикистана в борьбе за завершение строительство социализма (1933-1937 гг.) [Текст]: Дисс. канд. ист. наук. – Душанбе, 1964. – 230 с.

Занони Тоҷикистони советӣ [Матн]. – Душанбе, 1967. – 84 с.

Джура Усманович Усманов [Текст]. – Душанбе, 1968. – 28 с.

Юлия Артёмовна Шибаева [Текст]. – Душанбе, 1968. – 16 с.

Ватандӯстони ҷавонони Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 1969. – 56 с. (ҳаммуаллиф).

Женщины Таджикистана в борьбе за социализм [Текст]. – Душанбе, 1973. – 276 с.

Исторический опыт раскрепощения женщин Таджикистана и повышение их роли в строительстве социализма (1917-1937) [Текст]: Автореф. д-ра ист. наук. – Душанбе, 1975. – 44 с.

Октябри Аъзам ва озодшавии занони Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 1977. – 23 с.

Женщины Таджикистана в борьбе за общественный уклад жизни [Текст]. – Душанбе, 1980. – 26 с.

Занони Тоҷикистон дар мубориза баҳри тарзи зиндагии ҷамъиятӣ [Матн]. – Душанбе, 1980. – 17 с.

Примерный план семинарских занятий по курсу истории таджикского народа для студентов исторического факультета ТГУ им. В.И. Ленина [Текст]. – Душанбе, 1980. – 42 с.

Активные строители социализма [Текст]. – Душанбе, 1981. – 18 с.

Барпокунандагони фаъоли сотсиализм [Матн]. – Душанбе, 1981. – 19 с.

Вазъи занон то ва пас аз Инқилоби Октябр [Матн]. – Душанбе, 1982. – 17 с.

Положение женщин Таджикистана до и после Великого Октября [Текст]. – Душанбе, 1982. – 16 с.

Международный женский день 8 марта [Текст]. – Душанбе, 1983. – 15 с.

Женщина в социалистическом обществе [Текст]. – Душанбе, 1985. – 18 с.

Занони Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 1986. – 80 с.

Программаи таърихи халқи тоҷик барои донишҷӯёни мактабҳои олии республика [Матн]. – Душанбе, 1990. – 31 с.

Занони Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 1991. – 226 с.

Барномаи таърихи халқи тоҷик барои мактабҳои миёна [Матн]. – Душанбе, 1992. – 32 с.

Барномаи таърихи халқи тоҷик барои синфҳои V-IX [Матн]. – Душанбе, 1994. – 47 с.

Файзӣ Боқиевич Зикриёев [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – Душанбе, 1997. – 100 с.

Саҳмгузорони илму фарҳанг [Матн]. – Душанбе, 1998. – 100 с.

Таърихи халқи тоҷик [Матн]: Барнома. – Душанбе, 1999. – 42 с.

Таърихи халқи тоҷик [Матн]: Китоби дарсӣ барои синфи 9. – Душанбе, 2001. – 128 с.

Таърихи халқи тоҷик [Матн]: Дастури таълимӣ-методӣ барои донишҷӯён. – Душанбе, 2004. – 248 с.

Дастури таълимӣ - методӣ оид ба омӯхтани таърихи халқи тоҷик [Матн]: Барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. – Душанбе, 2005. – 280 с. (ҳаммуаллиф).

## Адабиёт

Профессор Роҳат Абдулваҳҳобовна Набиева – устод, олим, ходими ҷамъиятӣ [Матн]: Китобномаи шарҳиҳолӣ. – Душанбе, 2006. – 104 с.

Равзанаи нур [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо доир ба ҳаёт ва фаъолияти илмию омӯзгории профессор Р. А. Набиева. – Душанбе, 2006. – 97 с.

Набиева Роҳат [Матн] // Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С. 201-202.

## ШОКИР МУХТОР

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми филологӣ, профессор Шокир Мухтор 20 ноябри соли 1946 дар н. Бойсуни Ҷумҳурии Узбекистон дида ба ҷаҳони равшан кушодааст. Соли 1967 шуъбаи фаронсавии факултаи забонҳои хориҷии Институти давлатии педагогии ш. Душанберо (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ба итмом расонда, дар ҳамин ҷо ба сифати ассисетент, муаллим, муаллими калон фаъолият доштааст. Соли 1973 бо таъсиси кафедраи забони фаросавӣ мудири он таъин гардид ва то поёни умр – соли 2004 ин вазифаро иҷро кард. Ҳамзамон соле чанд декани факултаи романӣ - фаронсавии ҳамин боргоҳи илмӣ буд.

Профессор Шокир Мухтор бехато ягона таблиғгари асилу шайдоии тамаддуни оламгири фаронсавиён миёни тоҷикон буд. Ба осори илмиаш дида дӯхта, пеши назари кас симои нобиғагони илму адаби Фаронса - Молйеру Руссо, Волтеру Дидро, Балзаку Мериме, Стендалу Беранте, Гюгову Мюссе, заҳматҳои кашидаи мусташриқону мутарҷимонҳои ин кишвар – Жюл Молу, Андри Массе, Антуан Галлану, Андре де Рйе, Дюперрону дигарон, ки адабиёти бузурги форс-тоҷикро таҳқиқу тарҷума ва пешниҳоди фаронсазабонҳои дунё сохтаанд, беихтиёр ҳувайдо мегардад. Ташнагону шавқмандони навгонию бозёфтҳои илмию адабии олам, хоса Фаронса дар китобу рисолаҳо ва қариб сесад мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавии дар маҷаллаю рӯзномаҳои соҳавӣ, қомусҳои касбию риштавии Тоҷикистон дарҷгардидаи ин донишманди пухтакор ҳамеша аз навгониҳои донишварони он кишвар огоҳии том пайдо мекарданд. Мекӯшид хаммиллатон ба дунёи илму адабу фарҳанги Ғарб бештар ворид шаванд ва дар пояи ин мардум қарор гиранд. Ҳамкорон, дӯстону шогирдон варо «Қомуси олами адаби Мағрибзамин» меномиданд ва ин асло муболиға набуд. Аз миёни тоҷикон аввалин нафарест, ки ба дарёфти Ҷоизаи давлатии Фаронса оид ба илм - «Нахли Фарҳангистон» мушарраф гардидааст.

### Осор

Адабиёти тоҷик дар Франция [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1985. – 161 с.

Замон ва тарҷумон [Матн]. – Душанбе, 1989. – 208 с.

Адабиёти замони Сомониён дар Фаронса [Матн]. – Душанбе, 1999. – 23 с.

Фирдоуси во Франции [Текст]. – Душанбе, 1999. – 130 с.

Шӯҳрати Румӣ дар Фаронса [Матн]. – Душанбе, 2000. – 240 с.

Муҳовараи франсавӣ – тоҷикӣ [Матн]: Дастури таълимӣ. – Душанбе, 2002. – 107 с.

Персидско-таджикская классическая поэзия во Франции [Текст]. – Душанбе, 2003. – 480 с.

Нури Ҳофиз [Матн]: Ҳофиз дар шеъри ҷаҳон. – Душанбе, 2004. – 216 с.

Баргузидаи насри фаронсавии асрҳои XIV-XX [Матн]. – Душанбе, 2011. – 560 с.

## Адабиёт

Ҳакназар, Ш. Ӯ устувор буд дар матлаби худ [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 24 ноябр.

Мухторов Шокир [Матн] // Донишномаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С. 157.

## ТАҒОЙМУРОД РОЗИҚОВ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Актёри театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Тағоймурод Розиқов 26 ноябри соли 1946 дар деҳаи Ҳавзаи н. Мӯъминобод дида ба ҷаҳон кушодааст. Соли 1965 Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе ва 1971 Институти давлатии санъати театрии ба номи А. Луначарскийи ш. Маскавро хатм карда, умре дар Театри давлатии ҷавонони ба номи М. Воҳидов заҳмат кашидааст. Дар аксар намоишномаҳое, ки ҳайати эҷодии театри номрафта рӯи саҳна овардааст, нақш бозида, симои қаҳрамононашро ботамом кушодааст. «Ситораи раҳнамо», «Ҳукм», «Ба пеш, холаҳо», «Ҷавонони Сино», «Муаллими рақс», «Ҳаёти ҷовид», «Рӯдакӣ», «Гурӯғлӣ», «Мири кабир», «Туғрал» аз зумраи спектаклҳоанд, ки ҳунараш дар онҳо бурӯз кардааст. Зиёда аз бист филми бадеии гуногунжанри тоҷикӣ бо иштирокаш ба навор бардошта шудаанд, ки «Дарди ишқ», «Мӯе аз хамир», «Чоҳ», «Парвози замбӯр», «Гирдоб», филми бисёрқисматаи телевизионии «Дар орзуи падар» аз ҷумлаи онҳоанд. Аз маҳорати Тағоймурод Розиқов дар телевизиони тоҷик наку баҳра бурдаанд, дар зиёда аз сесад саҳнача, спектаклу филмҳои телевизионӣ, амсоли «Шарораи Хуҷанд», «Найрангҳои Майсара», «Кадри ҳавоӣ» нақши марказӣ бозидааст. Аз соли 1982 ҳамчун омӯзгор ва солҳои 1998-2008 декани факултаи театрӣ-бадеии Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзода кор карда, дар тарбияи актёрони ҷавон саҳми муносиб гузоштааст. Ҳамроҳи донишҷӯён чандин спектакли бисёрпардагӣ монанди «Зангирии Қорипочо», «Бехато», «Умари Хайём», «Дуроҳаи бӯронӣ» таҳия намудааст.

Муаллиф, коргардон ва иҷрокунандаи бисёр барномаҳои ҳунарӣ, консертӣ, намоишҳои фарҳангии ҷумҳуриявӣ мебошад.

## Адабиёт

Сафаров, Р. Инъикоси ҳақиқати зиндагӣ [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1987. – 27 март.

Розиқов Тағоймурод [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 2003. – Ҷ.3. – С.37.

Розиқов Тағомурод [Матн] // Кӯлоб. Энсиколопедия. – Душанбе, 2006. – С. 382-383.

Ҳаҷв ба таҳқири миллат мубаддал нашавад [Матн]: Мусоҳибаи Ҷ. Қуддус бо Т. Розиқов // Чархи гардун. – 2007. – 8 март.

## РАҲИМ МАЪРУФОВ

(Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми техникӣ, профессор, академики АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ Раҳим Маъруфов 27-уми ноябри соли 1936 дар н. Истаравшан таваллуд ёфтааст. Соли 1959 факултаи физикаи Университети давлатии Тоҷикистонро ба итмом расонда, дар ҳамин ҷо чун ассистент ва муаллим фаъолияташро шурӯъ менамояд, солҳои 1961-1963 дар аспирантураи Институти физикаи АИ Белорус хонда, дар Институти физика ва техникаи ба номи С. Умарови АИ Тоҷикистон корро идома додаст, ҳамчун ходими калони илмӣ, муовини директор (1966-1986), мудири лабораторияи спектроскопияи полимерҳо (1986-1991), директори ҳамин институт (1992-1999) кор кардааст. Ҳамзамон дар Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ба толибилмони физика солиён сабақ додаст.

Академик Раҳим Маъруфов перомуни сохти физики полимерҳои гуногун, спектроскопияи нахи пахта таҳқиқоти судманд анҷом бахшидааст.

## Осор

Исследовании инфракрасных спекторов целлюлёзы и новых типов её производных: Автореф. дис. на соискании учен. степени канд. физико-матем. Наук [Текст]. – Душанбе, 1964. – 18 с.

Спектроскопия хлопка [Текст]. – Москва, 1976. – 93 с.

Результаты исследования заболевания хлопчатника вилтом в условиях Таджикистана [Текст]: Обзор. – Душанбе, 1976. – 33 с.

Спектроскопия волокнообразующих полимеров [Текст]. – Душанбе, 1977. – 116 с.

Спектроскопия хлопка [Текст]: Автореф. дис. на соискании учен. степени д-ра тех. Наук. – Минск, 1981. – 19 с.

Молекулярная динамика целлюлёзного волокна [Текст] – Душанбе, 1995. – 160 с.

## Адабиёт

Соболев, О. Сделай своё открытие [Текст] // Памир. – 1975. – № 12. – С.36- 47.

Марупов Раҳим [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ.8. – С.540-541.

Соболев, О. Физик смотрит в будущее [Текст] // Вечерный Душанбе. – 1993. – 16 июн.

Рахим Марупов [Текст]: Библиографический указатель. – Душанбе, 1996. – 69 с.

Раҳим Марупов [Матн]: Баёзи олимони Истаравшан. – Душанбе, 2002. – С. 46-50.

Муъминов, Х., Бободжонов, Б., Шукуров, Т. У академика Марупова юбилей [Текст] // Вечерный Душанбе. – 2006. – 30 ноябр.

Рахим Марупов [Текст]: Библиографический указатель. – Душанбе, 2007. – 71 с.

## ҚУДРАТУЛЛО ЯҲЁЗОДА

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Оҳангсози маъруфи тоҷик, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Қудратулло Яҳёзода 1 декабри соли 1946 дар ш. Душанбе дида ба олам кушодааст. Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе (1967) ва Институти давлатии педагогии ба номи Гнесинҳои ш. Маскавро (1972) хатм кардааст. Ба сифати муаллими Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе (1972-1974), сармуҳаррири идораи мусиқии Радиои Тоҷик (1974-1977; 1989-1993), мудири қисми мусиқии Театри давлатии академӣ- драмавии ба номи Лоҳутӣ (1977-1989), мудири кафедраи созҳои мусиқии Донишкадаи омӯзгории пойтахт (1993-1996) заҳмат кашидааст. Аз соли 1996 сармутахассиси раёсати санъати Вазорати фарҳанги Тоҷикистон мебошад. Фаъолияти эҷодиаш серсоҳаю гуногунжанр, мухталифмавзӯъ ва баландмазмун аст. Достонҳои симфонии «Суруди ҳофиз», «Хотирот», «Суруди шаҳр», сюитаи симфонии чорқисмаи «Идона», сюитаи вокалӣ-хореографии «Гулпаракон омаданд», сюитаҳои «Ид омад», «Машъали ҷовид», симфонияи «Ёдбуди Талбак Лолаев» намунае аз асарҳои калонҳаҷмаш мебошанд.

Дар соҳаи мусиқии театр низ бо муваффақият қувва озмуда, ба чандин спектакл чун «Дилшод», «Дили шоир», «Хусрав ва Ширин», «Хонашерони майдон ғариб», «Ҷони ширин», «Тоҳир ва Зӯҳро» мусиқӣ эҷод кардааст. Барои созҳои оркестри халқӣ, оркестри эстрадӣ даҳҳо суруд аз қабили «Закоти чашм», «Чил кокул», «Садои дил», «Шукрона», «Зиндагӣ», «Дасти деҳқон», «Ватан», «Офарин», «Табассум кард», «Аскарони навҷавон», «Коргар» офаридааст. Маҷмӯаи сурудҳои бачагона бо номи «Кабӯтарак» ба табъ расонда, мураттиб ва муаллифи китобҳои «Таронаи Ваҳдат», «Булбулакон сароед», «Обаки ширин» ва ғайра мебошад.

Бо ордени «Шараф» мукофотонида шудааст.

## Адабиёт


Хӯҷамқулов, А. Навои рӯзгорон [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1976. – 24 март.

Хотираи ҷанговар [Матн]: Симфонияи нави оҳангсози ҷавон Қ. Яҳёев // Тоҷикистони Советӣ. – 1977. – 5 январ.

Истадов, А. Оҳангҳои резаборон [Матн] // Маориф ва маданият. – 1978. – 7 январ.

Оҳангҳои ҷӯр [Матн]: Сӯҳбат бо оҳангсози ҷавон Қ. Яҳёев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1979. – 29 апрел.

Иқбол, Ш. Мукофоти оҳангсоз [Матн] // Тоҷикистони Советӣ. – 1981. – 22 март.

Рӯзиматов, С. Савти дилҷӯ [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1981. – 1 май.

Алӣ, С. Арзи дил [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 15 июн.

Астафева, О. Муаллифи симфонияи ҳамосӣ [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1984. – 20 ноябр.

Таронаи ҷавонӣ [Матн]: Мусоҳибаи Ю. Аҳмадзода бо оҳангсоз Қ. Яҳёев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1986. – 10 декабр.

Озарахш. Аз ҷустуҷӯ боз нагашт [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1991. – 20 июн.

Кӯҳзод, У., Самадов, А., Рисолати мусиқинависӣ [Матн] // Садои мардум. – 1996. – 11 декабр.

Ҳошим, Ҷ. Мақому мартабаи баланд [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2004. – 21 май.

Абдуҷаббор, А. Оҳанги меҳру зиндагӣ [Матн] // Ҷумҳурият. – 2004. – 5 июн.

Ҳақназар, Ш. Нағмасози дил [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2010. – 1 апрел.

## ХУШБАХТ ХУШВАҚТОВ

(Ба муносибати 90- солагии зодрӯзаш)

Рассоми маъруфи тоҷик, Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Хушбахт Хушвақтов 9 декабри соли 1926 дар н. Рӯшони ВМКБ по ба арсаи гетӣ ниҳодааст. Институти давлатии рассомии ба номи В. Сурикови ш. Маскавро соли 1960 ба итмом расондааст. Солҳои 1961-1982 раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон буд, ҳамзамон дар Омӯзишгоҳи рассомии пойтахт ба номи М. Олимов дарс додааст. Беш-тар ба манзаранигорӣ таваҷҷӯҳ намуда, зебоиҳои нотакрори табиати диёрамонро дар «Оқбайтал», «Қуллаи Ленин», «Хоруғ», «Бегоҳии водии Аличур», «Баҳори кӯҳистон» барин мусаввараҳо тасвир сохтааст. Асарҳои мавзӯӣ ва таърихиаш чун «Сарбозони инқилоб», «Чеварон», «Замини навкорам», «Хотирот», «Солиёни пешин», «Вахши мутеъ-гашта», «Бунёдгарони Норак», «Субҳи Норак», «Мактаби доҳӣ» низ як гӯшаи санъати тоҷикро обод кардаанд. Асарҳояш дар бисёр намоиш-гоҳҳои байналмилалӣ – Канада, Бирма, Афғонистон, Венгрия, Италия, Олмон, Фаронса баҳои баланд гирифтаанд.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

### Осор

Памир – страна гор [Текст]: Альбом. – М., 1976. – 79 с.

### Адабиёт

Ҳаёт ва илҳоми ҷавонӣ [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1963. – 10 феврал.

Творчество художника [Текст]. – М., 1967. – 68 с.

Солҳои комёбиҳои эҷодӣ [Матн] // Тоҷикистони Советӣ. – 1977. – 17 феврал.

Забони муқалам [Матн]: Андешаҳои раиси ИРТ Х. Хушвақтов. – Маданияти Тоҷикистон, 1981. – 20 феврал.

Хушвақтов Хушбахт Давлатович [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – С.46.

## АНВАР ВАҲҲОБОВ

(Ба муносибати 80 – солагии зодрӯзаш)

Доктори илми техникӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино Анвар Ваҳҳобов 19 декабри соли 1936 дар ш. Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Соли 1961 Институти политехникии ш. Ленинградро (ҳоло ш Санкт-Петербург) ба итмом расонда, дар Институти химияи АИ Тоҷикистон ба номи В.И Никитин ба фаъолият пардохт, ҳамчун лаборант, аспирант, ходими илмӣ, мудири лабораторияи металлургияи металҳои холис ва хӯлаҳои дақиқ заҳмат кашидааст. Солҳои 1989-1990 ректори Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ), 1991-1996 Президенти Академияи инженерии Тоҷикистон, аз соли 1996 то поёни умр - 2006 мудири кафедраи химияи ғайриорганикии филиали дар ш. Волжски Институти энергияи атомии ш. Маскав буд.

Ковиши илмии профессор Анвар Ваҳҳобов ба омӯзиши хосиятҳои физикию химиявии металҳои ниҳоят холис ва хӯлаҳои дақиқ марбут аст. Таҳти роҳбариаш барои аввал дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ калий, стронсий, барий ва алюминий дар намуди холис дастрас шуд ва истеҳсоли саноатии алюминийи ниҳоят холисро ба роҳ монданд, диаграммаҳои ҳолати системаҳои ду ва секомпонентаи стронсий, барий ва алюминийро бо элементҳои дигари системаи даврии элементҳои Д.И. Менделеев мураттаб сохтанд, ки онҳо барои бунёди хӯлаҳои гуногунхосият заминаи илмӣ гузоштанд. Ӯ соҳиби зиёда аз бист шаҳодатномаи ихтироъот буд. Чандин сол ба сифати муовини раиси Шӯрои ҷумҳуриявии илмию техникии «Ҳимояи металҳо аз коррозия» ифои вазифа намуда, дар ин росто фаъолияти босамар доштааст. Таҳти роҳбариаш зиёда аз даҳ нафар дар бахшҳои химия ва техникаи фулузот рисолаи номзади илм дифоъ кардаанд.

Бо ордени «Нишони фахрӣ» қадр шудааст.

### Осор

Кальций, стронций барий [Текст]: Соединения и сплавы на их основе [Текст]. – Душанбе, 1976. – 203 с.

Диаграммы состояния двойных и тройных систем с участием бария и стронция [Текст]. – Душанбе, 1992. – 294 с. (соавтор)

Высокочистый алюминий и его сплавы [Текст]. – Душанбе, 1994. – Част 1. –199 с.

Высокочистый алюминий и его сплавы [Текст]. – Душанбе, 1995. – Част 2. – 231 с. (соавтор).

## Адабиёт

Ваҳҳобов Анвар [Матн] // Энциклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ.8. – С.527.

Ваҳҳобов Анвар [Матн] // Энсиклопедия. Худжанд. – Душанбе, 1999. – С.196.

## ЗУҲУРИДДИН ЮСУФӢ

(Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Доктори илми химия, профессор Зуҳуриддин Юсуфӣ 25 декабри соли 1946 дар н. Ҳисор таваллуд ёфтааст. Соли 1969 факултаи химияи Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ба итмом расонда, таҳсилро дар аспирантураи он идома медиҳад. Солҳои 1971-1980 муаллими калон, 1981-1985 мудири кафедраи химияи физикӣ ва коллоидӣ, 1985-1988 хидмат дар Афғонистон, 1989-2000 декани факултаи химияи ДМТ, аз соли 2001 то охири умр – 2010 мудири кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии ҳамин донишгоҳ ва ҳамзамон роҳбари илмии Шуъбаи илмию таҳқиқотии мушкилоти химияи координатсионӣ ва экологии ДМТ буд.

Профессор Зуҳуриддин Юсуфӣ ба кимиёи пайвастаҳои коорди–натсионӣ дар маҳлули обӣ таҳқиқи арзишманд анҷом дода, бори нахуст аз миёни тоҷикон термодинамикаи равандҳои тавозуни ионӣ дар маҳлул-ҳои обии тезобҳои сирко, трибромсирко, йодсирко, пропанӣ, равғанӣ, изоравғанӣ, қаҳрабо, аспаргин, лимӯ, салитсилӣ, минқаҳрабо, инчунин имидазол, бензимидазол ва диабазолро мавриди омӯзиш қарор дод, барои баъзе тезобҳо таъсири ҳарорат, қувваи ионӣ ва ғализати аҷзо ба равандҳои ионнокшавӣ ва ва протоннокшавиро муқаррар сохт. Дар самти титбиқи дастовардҳои илмиаш дар соҳаҳои тиб ва кишоварзӣ комёб шудааст. Ин донишманд аз таъриху фарҳанги аҷдодони

тамаддунсози хеш хеле хуб огоҳӣ дошт, дар пажӯҳиши кимиёи асримиёнагии Шарқ ва умуман таърихи ниёгонамон саҳми босазо гузоштааст. Ковишҳои илмиаш перомуни нақши мардуми ориёитабор дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, саҳми мутафаккирони асримиёнагии Шарқ дар пешбурди улуми кимиё, сатҳ ва густариши забони тоҷикӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ва ғайра аз аҳамияти хос бархурдоранд. Таҳти роҳбариаш қариб сӣ нафар рисолаҳои номзади илм дифоъ кардаанд. Номрафта соҳиби 8 шаҳодатномаи Ихтироъкорони СССР ва 8 патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои «Байрақи Сурхи Меҳнат», «Нишони Фахрӣ», медали «Барои меҳнати шоён», ордени «Шараф» қадр шудааст.

## Осор

Барномаи фанни механикаи квантӣ ва кимиёи квантӣ [Матн]. – Душанбе, 2005. – 179 с. (ҳаммуаллиф).

Барномаи фанни кимиёи физикӣ [Матн]. – Душанбе, 2005. – 208 с. (ҳаммуаллиф).

Кимиёи физикӣ [Матн]. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2010. – 192 с. (ҳаммуаллиф).

## Адабиёт

Юсуфӣ Зуҳуриддин [Матн]: Олимони донишгоҳ. – Душанбе, 1998. – С. 98-99.

Сафиев, Ҳ., Аминҷонов, А., Каримов, М. Кӯлбори пурбори олим [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 22 декабр.

Идизода, М., Қурбонов, А. Накӯсириште тарк карда моро [Матн] // Неруи зиндагӣ. – 2010. – 13 май.

Юсуфов Зуҳуриддин [Матн] // Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – С. 398-399.

Кимиёшиноси варзида ва инсони равшанзамир [Матн]: Дастовардҳои илми кимиё ва масоили таълими он. – Душанбе, 2007. – С. 3-9.

## Замима

### Ҷашнҳои хуҷастаи ниёгон

Таърихи мардуми мо, ки яке аз шохаҳои умдаи қабилаҳои ориёӣ аст, аз замонҳои бисёр куҳан, вақте ки ориёиҳои бостон дар сарзамини афсонавии Ориёвиҷ зиндагӣ мекарданд, оғоз меёбад. Давлатдории ин қабилаҳо, аз силсилаи подшоҳони Мод ва баъдан Ҳахоманишиҳо сар шуда, ба ҳазораи аввали пеш аз давраи ҳазрати Исо баробар меояд. Вале Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ қабл аз Модҳо ва Ҳахоманишиҳо боз аз ду силсилаи подшоҳон, ки дар таърихи куҳан ва тамаддуни халқи мо нақши барозандае доштаанд, ном мебарад, ки Пешдодиҳо ва Каёниҳо мебошанд. Аз имкони мавҷудияти ду сулолаи охир дар қаламрави Осиёи Миёна ва Хуросон бисёр муаррихон ва минҷумла муҳаққиқи америкоӣ Ричард Фрай ва академик Бобоҷон Ғафуров низ ҷонибдорӣ мекарданд. Агар чунин фарзия воқеият дошта бошад, давлатдории мардуми ориёӣ боз ба чанд садаи таърих амиқ меравад. Сангпояи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ, ки ин давлатҳоро ба вуҷуд оварда, баъзеи онҳоро ба империяи ҷаҳонӣ мубаддал дода буд, идеологияи ойини Маздаясно мебошад.

### Наврӯз

Наврӯз ҷашни бостонии ориёиҳо ва дигар халқҳои ҷаҳон мебошад, ки мувофиқи солшумории милодӣ ба 21 март рост меояд. Ин иди бостонӣ тақрибан 3 ҳазор сол пеш ба вуҷуд омада, минбаъд такмил ва ривоҷ ёфтааст. Аксарияти ривоятҳои бостонӣ ҷашни Наврӯзро ба Ҷам-шед нисбат медиҳанд. Дар аҳди шоҳ Ҷамшед ягон ҷонваре намемурд ва ҳама чиз афзун гардида, замин танг гардид ва Худованд дар ин рӯз заминро се баробар калон кард ва ба мардум амр кард, ки ғусл намоянд, то, ки аз ҳар гуноҳ пок шаванду дигар ин офат аз сарашон дур шавад. Аз ин рӯ, дар миёни ориёиҳо дар рӯзи Наврӯз ғусл, оббозӣ ва обпошӣ расм шудааст.

Мувофиқи маълумоти Абӯрайҳони Берунӣ шоҳони сосонӣ Наврӯзро шаш рӯз ҷашн мегирифтанд. Рӯзи якум бо қабулу пазироии мардум, рӯзи дуюм бо мансабдорон ва давлатмандон сӯҳбат ороста мешуданд, рӯзи сеюм бо мубадон, рӯзи чорӯм аҳли дарбор ҷашн мегирифтанд, рӯзи панҷум фарзанду хешу таборонро пазироӣ мекарданд. Рӯзи шашӯмро

худи шоҳ ид мекард. Бинобар ин ҷашни рӯзи шашӯмро Наврӯзи Бузург номидаанд.

Арабҳо баъди истилои Осиёи Миёнаю Эрон кӯшиш карданд, ки ҷашнҳои қадимаи халқҳои маҳаллиро аз байн баранд. Аммо халқ ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, Наврӯзро ҷашн мегирифтанд. Арабҳо ноилоҷ Наврӯзро «Суннати Ҷамшед» номида иҷозат доданд, ки ин идро ҷашн гиранд. Ба ҷои ҳафт шин (шакар, шамъ, шарбат, шароб, шиннӣ, шир, шона) ҳафт син ҷорӣ шуд: сирко, сабзӣ, сумоқ, санҷит, сир, себ ва сипанд.

Дар аҳди Сомониён барои ҷашнгирии идҳои анъанавӣ шароити мусоид фароҳам омад. Мардум ба пешвози Наврӯз тайёрӣ медиданд, хонаҳоро мерӯфтанд, тоза нигоҳ медоштанд, оро медоданд. Ба истиқболи ин ҷашн таомҳо, ҳалвою шириниҳои гуногун мепухтанд, либосҳои нав ва тоза мепӯшиданд, хурсандиҳо мекарданд. Аз ҳафт дарахти мева ҳафт шохча бурида, рӯи дастархон мениҳоданд.

Баъди ғалабаи Инқилоби Октябр ин ҷашни куҳан аз нав зинда шуд. Ҳоло ин ҷашнро тантанавор қайд мегиранд. Дар шаҳру деҳот ҳашарҳо ташкил карда ниҳолҳо мешинонанд, зиёфатҳо барпо мекунанд, шеъру суруд мехонанд, мерақсанд, ба хонаҳои ҳамдигар ба меҳмонӣ мераванд, сайр мекунанд. Дар ин рӯз мардум одатан қабрҳои гузаштагони худро зиёрат мекунанд. Наврӯз ба як иди пуршукӯҳ ва дӯстии халқҳо табдил ёфтааст.

Наврӯз нур аст ва аз кайҳони андешаи форсинажодон ҳамчун фурӯғ берун омадааст ва ниёгонамон бо ақлу илму дониш даст ба кашфи вижагиҳои он задаанд, ба оламиён чун ҷашни офариниш, маъракаи растохези асроромези табиат шиносониданд. Ин аст, ки аз даврони бостонӣ то кунун ба иттиҳод, дӯстӣ ва ҳамгирони миллатҳо ва ақвоми мухталиф мусоидат кардааст. Ҳарчанд таърих борҳо бар сари мардумамон селоби балоҳо рехта, бисёр расму оинҳои моро ба нестӣ бурдааст, вале Наврӯз алорағми ин ҳама ҷафокориҳо боз ҳам амсони мурғи Самандар аз оташи сӯзони зулми аҷнабиён рақсон бадар омад. Донишварони мо таърихи зуҳур ва шебу фарози онро мӯшикофона кашфу баррасӣ кардаю шуароямон ҳазорҳо мисраъ шеъру ғазали ноб андар ситоиши қадами сабзаш сурудаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин ҷашни бостонии тоҷикон мероси муқаддаси ниёгонамон даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон шукӯҳу шаҳомати тоза пайдо кард. Бо ибтикори роҳбарияти ҷумҳурии мо ва дастгирии дигар давлатҳо соли 2010 тибқи қатъномаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид он ҷашни ҷаҳонӣ эълон шуд ва бо ҳамин

Наврӯз – вожаи зебои модариамон умумиҷаҳонӣ гардид. Акнун боястӣ мо чун ворисони бевоситаи ин ҷашни бостонӣ дар эҷоди назарияи созанда, тадбиргарона ва илмии он саҳми асосӣ бигирем, бо ҷой додани унсурҳои шоистаи фарҳанги миллии хеш, ки асолатан ҷузъи таркибии фарҳанги Наврӯз ҳастанд, симои аслии ин ҷашнро дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ба ин васила фарҳангамонро дар масири раванди ҷаҳонишавӣ ҳарчи беҳтару бештар ҳифз намоем.

## Меҳргон

Меҳргон яке аз идҳои қадимтарини мардумони форсу тоҷик мебошад. Ин ҷашн баробари инкишоф ёфтани корҳои деҳқонӣ ва ҷорӣ шудани тақвими деҳқонӣ пайдо шудааст. Меҳргон асосан иди ҳосилот аст ва дар саршавии фасли тирамоҳ ҷашн гирифта мешавад, ки он бо ҳисоби милодӣ аз 23 сентябр то 22 октябр давом меёбад. Деҳқонон дар ҳамин рӯзҳо ба ҷамъоварии ғалла сар мекарданд. Мувофиқи достонҳои қадима гӯё Фаридун дар ин рӯз ба Заҳҳок ғолиб меояд ва ӯро дар кӯҳи Дамованд ҳабс мекунад. Дар ин рӯз мардум ба якдигар номаҳо менавиштанд, табрик мекарданд, тӯҳфаҳо тақдим менамуданд. Панҷ рӯзи аввал ҷашни ҳамагон буда, онро Меҳргони омма ё кӯчак меномиданд, рӯзи шашум ҷашни расмӣ буда, онро шоҳ бо аҳли дарбор ҷашн мекарданд, ки Меҳргони бузург меномиданд.

Дар давраи Сосониён ҷашни Меҳргон бисёр бошукӯҳ ва ботантана мегузашт. Ҷашнгирии Меҳргон ба иди Наврӯз хеле монандӣ дорад. Мардум хонаю дарашонро тоза мекарданд, беҳтарин либосашонро мепӯшиданд, худро зебо намуда, ба идгоҳҳо мерафтанд. Умуман, дар ин рӯз ҳама ба якдигар меҳрубониҳои зиёд мекарданд.

Баъди Инқилоби Октябр дар байни деҳқонони Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон, анъанаҳои нав, ба мисли иди ҳосилот пайдо шуда буданд. Бо соҳибистиқлолии Тоҷикистон мардуми мо ҷашни Меҳргонро ҳамасола таҷлил менамояд ва дар эҳёи суннатҳои он саҳм мегузорад.

## Сада

Сада яке аз ҷашнҳои қадимии мардуми эронинажод мебошад, ки бо номҳои Барсада ё Навсада низ маълум буд. Мувофиқи солшумории имрӯза он ба 30 январ рост меояд. Дар ин рӯз мардум хурсандиҳо мекарданд, зеро табиат аз нав зинда ва хунукиҳои зимистон сипарӣ мешуданд. Мардум ба саҳроҳо мерафтанд ва ба гулу гиёҳҳо назар мекарданд.

Дар бораи ҷашни Сада ривояту афсонаҳо хеле зиёданд. Бархе гуфтанд, ки миёни Сада ва Наврӯз панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз аст, ки ҳамагӣ сад мешавад. Дигаре гуфтанд, ки дар шаби Сада офариниши сад тан мардум аз насли Машию Машиёна тамом шуда буд. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» асосгузори ин ҷашнро Ҳушанг меҳисобад. Ривояте ҳаст, ки гӯё Ҳушанг ҳангоми саёҳат бо дарбориён ба море дучор мешавад ва ба сӯи он мор сангеро мепартояд. Санг хато хӯрда ба санги дигар мезанад ва оташе парида хору хасро месӯзонад. Ҳамин тавр, гӯё оташ кашф шудааст. Одамон ба оташ саҷда карданд ва ин маросимро Сада номиданд.

Аҷдодони мо тамоми шаб гулхан афрӯхта, дар гирду атрофи он рақсу бозӣ мекарданд ва ба осмон кабӯтарҳо сар медоданд. Сада то ҷорӣ шудани дини ислом хеле васеъ ҷашн гирифта мешуд, аммо баъдан қариб аз байн рафт. Баъзе унсурҳои он, масалан афрӯхтани оташ ва хурсандиҳо кардан дар атрофи он, дар байни халқҳои эронӣ ҳоло ҳам боқӣ мондааст.

## Урдибиҳиштгон ё Гулистонҷашн

Урдибиҳишт дар забони паҳлавӣ мафҳуми ҳақиқату ростиро дошт, яке аз талаботи ойини Маздаясно мебошад. Форсинажодони бостон сарсабзии табиат, ба гулу бӯстон табдил шудани кӯҳу даманро бо ҷашни Урдибиҳиштгон ё Гулистонҷашн истиқбол мекарданд. Ин ҷашн дар рӯзи сеюми моҳи Урдибиҳишт (номи рӯзи сеюми ҳар моҳи хуршедӣ урдибиҳиштрӯз аст) таҷлил мегардид ва мутобиқи солшумории муосир бо 22 апрель - моҳи дуюми баҳор баробар меояд.

Фариштаи Урдибиҳишт гули махсусу дӯстдоштаи худро дошт, бо номи гули марзангӯш (анҷирак ё гӯши муш ҳам мегӯянд), ки махсуси ин рӯзи ҷашн аст. Дӯшизагону занони ҷавон гули марзангӯшро ба зулфони худ ва буни гӯш гузошта, дигарон ҳамдигарро бо тақдими ин гул ва ё бо ҳузури ин гул табрику таҳният мегуфтанд.

Бархе гуфтаанд, ки ин рӯз аввалин рӯзе буд, ки Худованд хайру шарро қазои хеш гардонид ва буруҷро тартиб дода, онҳоро дар миёни кавокиби ин буруҷ тақсим кард.

## Тиргон

Тир яке аз эзидони ойини Маздаясно буда, муҳаффафи форсии ситораи Аторуд аст. Эрониёни бостон ҷашни Тиргонро ду рӯз, яъне сездаҳум ва чаҳордаҳуми тирмоҳ бо шукӯҳу ҷалоли махсус таҷлил карда,

рӯзи аввалро кӯчак ва дуюмро Тиргони бузург меномиданд.Мувофиқи солшумории кунунии мо ин рӯз ба 4 июл баробар меояд.

Рӯзи сездаҳуми ҳар моҳи хуршедӣ ба гиромидошти ин эзиди ойини зардуштӣ бо номи Тиррӯз маъруф аст. Дар рӯзи сездаҳуми тирмоҳ, ки моҳи чоруми соли хуршедӣ ва мавсими гармои сол аст, ба муносибати тафовуқи номи моҳу рӯз ин ҷашни фархунда таҷлил мегардид. Ҷашни рӯзи аввали Тиргонро «Наврӯзи таборӣ» низ гӯянд. Шаби сездаҳуми моҳи тир то кунун дар Мозандарони Эрон ҷашн гирифта мешавад.

Гӯянд чун Афросиёб бар Манучеҳр чира шуд, Манучеҳр ба Табашҳоргар фирор кард. Афросиёб дувоздаҳ сол дар Эронзамин ҳукмфармоӣ кард. Дар охир тасмим гирифта шуд, эрониён аз фарози кӯҳҳои Табаристон тире раҳо кунанд, ҳар ҷое, ки тир фуруд ояд, марзи Эрону Турон бошад. Эрониён мутобиқи раҳнамоии Исфандормазамшоспанди ойини Маздаясно ва фариштаи муваккали Замин барои тирандозӣ Орашро баргузиданд ва ӯ тире ба сӯи Ховар андохт, ки ба Фарзона фуруд омад.

Рӯзи партоби тирро Тиргон мавсум карда, он рӯзро ҷашн гирифтанд. Гӯянд, чун тири Ораш дар ин рӯз ба замин нишаст, он рӯзро ба номи Тиргони бузург ҷашн гирифтанд.

## Хурдодгон

Хурдод маънои камолу сиҳатро дошта, яке аз амшоспандони ойини Маздаясно ва фариштаи муваккали об аст. Рӯзи шашуми ҳар моҳи хуршедӣ ба номи Хурдодрӯз мавсум гардида, моҳи сеюми сол низ ба номи ӯст. Тибқи солшумории милодӣ ин рӯз ба 27 май рост меояд.

Ориёиҳои бостон рӯзи шашуми хурдодмоҳро, ки рӯзу моҳи хурдод ба ҳам тавофуқ мекунанд, гиромӣ дошта, ҷашни бошукӯҳ таҷлил мекарданд.

Табиати ин замон мисли арӯси тоза аст. Онҳо эҳёи табиат ва зебоии онро тақдир карда, ба мазореъ ва кӯҳу даман мерафтанд, аз меваҳои нахустини арӯси сол ком ширин мекарданд, дӯшизагон ва наварӯсон аз гулу раёҳин чанбарҳои зебо таҳия карда, ба сар мегузоштанд. Ба хона меҳмонон ва дӯстонро даъват карда, аз алафҳою ҳосили соли нав таомҳои гуногун омода мекарданд ва масрур гардида, муроот менамуданд.

## Фравардгон

Дар устодрӯзи обонмоҳ, ки ба рӯзи бисту шашуми ин моҳ мувофиқ меояд, ҷашни қадимаи фравардгон барпо мегардид. Мутобики солшумории муосири мо ин рӯз бо 17 ноябр баробар меояд.

Ҷашни фравардгон даҳ рӯз идома ёфта, панч рӯзи аввалро фравардгони аввал ва панҷ рӯзи охирро фравардгони дуюм меномиданд.

Мардуми форсинажоди кухан мӯътақид буд, ки дар ин рӯзхо фравардҳои (арвоҳи) мурдагон ба ҷаҳон меоянд, то аз чигунагии зиндагии онон огоҳ шаванд. Аз ин рӯ, дар ин рӯзҳо хӯрданиҳо, бӯйиданиҳо ва ошомиданиҳои фаровон фароҳам мекарданд ва барои фравардҳои мурдагон мегузоштанд ва дар хонаи худ росан дуд мекарданд, ба ин гумон, ки онон аз ин хӯрданиҳо бихӯранд ва аз он бӯйиданиҳои гуворо бибӯянд ва аз ошомиданиҳои хушмазза биёшоманд.

**Баҳорҷашн**

Ҳурмуздрӯзи озармоҳ, ки рӯзи нахустини озармоҳ аст, Баҳорҷашн ё ҷашни умед таҷлил мегардид. Мувофиқи солшумории мо ин ҷашн ба 22 ноябр мутобиқат мекунад.

Ин рӯз ба хотири поён ёфтани фасли гармо, шурӯъи сармо ва ба умеди фардо, ки аз номи ҷашн ҳам пайдост, ки боз баҳор омада, оламро мунаввару пуртароват ва одамонро шодобу пурсаодат созад, гирифта шудааст. Абурайҳони Берунӣ дар «Ат-тафҳим» овардааст, ки марди кӯсаю хандаоваре дар ин рӯз ба харе савор шавад ва ин суннат мунҳасир ба мардуми форсизабон аст, чун рӯзи сармост, ин кӯса порчаҳое бар худ печида, ҷомаҳои кӯҳна мепӯшад, то барои шинохта шудан аз ҷамъи мардум аломате бошад, ғизоҳои гарму серравған ва ошомиданиҳои гармкунанда менӯшад, тани худро бо равғанҳое, ки пеши сарморо бигирад, чарб карда, бодбизане ба даст бигирад ва худро бод мезанад. Мардум ба ӯ механданд ва ба ӯ об мепошанд, барфу ях ба сӯи ӯ мепартоянд. Ӯ аз аъёну ашроф атоҳое дарёфт мекунад, касе ба чизе қодир аст, нисор менамояд. Дар даври мо, – идома медиҳад Абурайҳони Берунӣ – ин расм дар Шероз ва бархе аз шаҳрҳои форсизабонон мураввиҷ (ривоҷ) аст. Подшоҳони каёнӣ онро Баҳорҷашн меномиданд ва дар ин рӯз буд, ки хабари шобаҳира расид ва онҳо рӯбоҳе буданд болдор, ки дар асри подшоҳони каёнӣ мезистанд ва саодату хушии рӯзгори онон ба ин рӯбоҳон буд ва аз ин ҷост, ки дар ин рӯз нигоҳ кардан ва рӯбоҳро мубораку фархунда мешуморанд.

**Озар**

Онро Озаррӯз, Озарҷашн ва Озаргон низ гуфтаанд. Ҳар рӯзи нӯҳуми моҳи хуршедӣ ва нӯҳуми сол мавсум ба Озар аст. Чун рӯзу моҳи нӯҳуми Озар фаро мерасид, ориёиҳои бостон онро гиромӣ медоштанд.

Мувофиқи солшумории муосир дар сарзамини мо ин рӯз ба 30 октябр ё  аввали декабр рост меояд.

Яке аз эзидони мӯҳтарами ойини зардуштӣ, мувофиқи қавли Бундаҳшин фасли 27 фақараи 24 нигоҳбони гули озаргуни оташ аст, Озар ном дорад. Озар мафҳуми оташро дошта, мутобиқи навиштаҳои муаррихони кӯҳан ва муҳаққиқони муосир яке аз худоён ва фариштагони бонуфузи то давраи ойини Зардушт будааст. Ин ойин дар Эронзамин такомул ёфта, замоне қисмати аъзами Осиё, Урупо ва Африқо ба худованди Отар ё Озар саҷда мекарданд. Барои тасдиқи нуфузи эътибори фаровони Озар ҳаминро ёдовар шудан кофист, ки се оташкадаи бузурги Эронзамин, ки оташкадаҳои асосии ойини зардушт буданд, бо номи Озаргушасб, Озарбарзинмеҳр ва Озарфарибағ мавсум мегардиданд.

Чун фасли гармо ба охир мерасид, мардум ба оташ ниёзманд мешуданд. Бо фаро расидани рӯзи нӯҳум ва моҳи нӯҳуми сол мардуми Эронзамин ба эҳтироми фариштаи Озар оташҳои бузург меафрӯхтанд ва онро гиромӣ медоштанд.

Нишонаҳои таъсири амиқи фариштаи Озар ва муқаддасоти ӯро мо то ҳол дар расму ривоҷҳои минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон мушоҳида карда метавонем. Анъанаҳои гуногуни миллии тоҷикӣ, аз ҷумлаи шаҳ овардан, арӯс кардан, ҷамъомадҳои мухталифи маҳаллии занон, аз қабили бисешанбею бичоршанбе, агар амиқ бингарем, бо ниёишу эҳтироми оташ бастагии хос дорад.

Пайравони ойини Маздаясно ҳоло ҳам дар ин рӯзи хуҷаста оташкадаҳоро зиёрат мекунанд, хонаи ҳамдигар мераванд ва дар корҳои мухталиф ширкат меварзанд.

## Хуррамрӯз

Форсинажодони бостон ин рӯзро дар рӯзи нахустин даймоҳ, ки ҳурмоҳ низ мегуфтанд, таҷлил мекарданд. Он мутобиқи солшумории кунунӣ дар  22 декабр, ки сармои шадид аст, хотирнишон мегардид. Дай, ки бо номи моҳ мусаммо мегардад, номи Худованд, бори таоло, илоҳӣ дар замонҳое буд, ки ориёиҳои бостон ба таври қабилавӣ зиндагӣ мекарданд.

Мардуми Аҷам ин рӯзро сахт гиромӣ ва фархунда медоштанд. Дар ин рӯз подшоҳони Эронзамин ҷомаҳои сафед ба бар мекарданд ва ба хотири аҷдодони шубони худ дар биёбон рӯи фарши сапед менишастанд ва нигоҳбонону посбононро аз худ дур мекарданд, то ҳар кас, ки кореву ниёзе дошта бошад, озодона назди эшон равад.

Подшоҳони Эронзамин дар ин рӯз бо бузургону деҳқонон рӯи як суфра менишастанд ва ҳамроҳи онон ғизо мехӯрданд.

## Сирсур

Ҷашни Сирсур дар гӯшрӯзи даҳуми даймоҳ аст, ки мувофиқи солшумории мо ба 4 январ рост меояд. Мардуми форсизабонони бостон дар ин рӯз сиру шароб мехӯрданд ва мегуфтанд, ки он зиёни девон бозмедорад.

Мутобиқи ривояти ойини зардуштӣ ва «Шоҳнома» дар ин рӯз девон бар Ҷамшед пирӯзӣ дарёфтанд. Пешиниёни мо мекӯшиданд, ки инро бо шаробу майхорагӣ аз ёд бибаранд.

## Дайгон

Ҷашни Дайгонро дайҷашни нахустин, дай ба озар, дибоз, дайбозар низ мегуфтанд. Мардуми Эронзамини куҳан ҷашни дайгони нахустинро, ки бо дайрӯзи даймоҳ, яъне рӯзи ҳаштуми даймоҳ баробар меомад, нисбати баробар омадани рӯзу моҳ ниҳоят хуҷаста медонистанд ва бо шукӯҳу ҷалол таҷлил мекарданд.Ин рӯз мувофиқи солшумории кунунии мо бо се рӯзи охирини соли исавӣ (29, 30, 31 декабр) баробар меомад.

Дай номи бисёр қадимии Аҳурамаздост. Манзалату шукӯҳи ин Худованд ҳанӯз дар овони зиндагии қабилавӣ доштани ориёиҳо дар дили пешиниёни мо эҳтирому таваҳҳум эҷод мекард.

Чун моҳи дай моҳи нахустини зимистон буда, ба моҳҳои декабру январи кунунӣ баробар меояд, гузаштагони мо пас аз заҳматҳои фаровони фаслҳои баҳор, тобистон ва тирамоҳ, пас аз ҷамъоварии маҳсули заҳматашон дар моҳи дай ба фароғат мепардохтанд.

Дар солшумории қадимии мардуми Аҷам се рӯзи ҳар моҳи хуршедӣ дай буда, ба хотири махлут накардани рӯзҳо номи як рӯзи баъди худро ба дай изофа мекарданд. Рӯзи 23 ҳар моҳи хуршедӣ бо изофаи номи як рӯзи баъди он дай ба дин номида мешуд, ки ба 12, 13, 14 январ рост меояд.

## Говгил

Ҷашни Говгил ё Гогил ё Говгуҳал дар меҳррӯзи даймоҳ ё шонздаҳуми даймоҳ таҷлил мегардид. Мутобиқи солшумории муосир ин рӯз ба 6 январ баробар меояд.

Шаби шонздаҳуми даймоҳ говеро меоростанд ва берун мебурданд. Мардум говро, ки иҷрокунандаи ҳамаи корҳои зироатӣ ва ризқу рӯзидиҳандаи хонавода аст, эҳтиром мегузоштанд ва дар атрофи он шодиҳо мекарданд.

Ин ҷашн низ ниҳоят куҳан буда, замони зиндагии муштараки қабилаҳои ҳинду аврупоиро ба хотир меоварад. Расми гиромидошти гов ҳамчун ҳайвони заҳматкаш то ҳанӯз дар миёни баъзе мардумони кишвари Ҳинд боқӣ мондааст.

Ориёиҳои бостон ва зардуштиёни муосир, ки нигаҳдорандаи суннату анъанаҳои қадимии мардуми Аҷам ҳастанд, чунон мешуморанд, ки:

Дар ин рӯз мардуми Эронзамин говҳоеро, ки тӯрониён ба ғорат бурда буданд, боз ситонданд;

Дар ин рӯз Эронзамин аз Тӯрон ҷудо шуд;

Бархе гӯянд, ки дар ин рӯз Фаридун бар гови муқаддаси осмонӣ савор шуд;

Дар шаби ин рӯз буд, ки дар осмон гове аз нур, ки шоххҳои ӯ аз тилло ва пойҳояш аз нуқра аст ва Чархи Камарро мекашад, соате падидор шуда, сипас ғоиб мешавад ва ҳар кас, ки ба дидори ӯ муваффақ шавад, дар соате, ки назар ба ӯ меафканад, дуояш мустаҷоб хоҳад шуд;

Дар ин шаб бар кӯҳи Аъзам шабаҳи гови сафед дида мешавад ва агар ин гов ду маротиба садо барорад, сол фаровонӣ ва агар як маротиба садо кунад, хушксолӣ хоҳад шуд.

## Баҳмангон

Ин ҷашни бостониро Баҳманҷона ё Баҳманрӯз низ мегуфтанд, ки дар баҳманрӯзи баҳманмоҳ, яъне дуюми моҳи баҳман баробар меомад. Мувофиқи солшумории кунунии мо ин рӯз бо 22 январ рост меояд.

Дар ин рӯзи хуҷаста, ки моҳи дуюми фасли зимистон аст, рӯзҳои сардтарини сол фаро мерасад, пешгузаштагони мо либоси тозаи идона ба бар мекарданд, дар ҷойҳои васеи муносиб оташҳои бузург меафрохтанд ва ба ин восила худовандро огоҳ месохтанд, ки онҳо сарфи назар аз сармоҳои шадид сарбаланду саршор нигаҳбони оташи зиндагӣ ҳастанд ва рӯзи нахустофаридаи Аҳурамаздо – Баҳманро ҷашн мегиранд.

Баҳман дар ойини Маздаясно – амшоспанди нахустини Аҳурамаздо буда, дар маъно меҳвар ва парокандаи сифатҳои худовандӣ ва мазҳару нишони гуфтору кирдори нек мебошад. Ин ҳамон фариштаест, ки равони Зардуштро дар хоб ва пешгоҳи Аҳурамаздо роҳнамоӣ кардааст.

Ҷашни Баҳмангон яке аз рӯзҳои хуҷастаи мардуми Аҷами куҳан буда, садҳо сол пас аз тасаллути дини мусулмонӣ низ дар миёни мардум таҷлил мешудааст.

## Обрезагон

Обрезагон сиюми баҳман ҷашн гирифта шуда, бо номи Найрон, Анирон, Офричагон низ маъруф аст. Тибқи солшумории милодӣ ин рӯз ба 19 феврал мувофиқат мекунад.

Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-бақия» чунин мегӯяд: Таърихи ин ҷашн рехтани об аст ва сабаб он аст, ки дар замони шоҳаншоҳи сосонӣ – Фирӯзи Яздигурд борон наборид ва мардуми Эронзамин ба хушксолӣ афтоданд. Бинобар ин Фирӯз чандин сол аз мардум хироҷ нагирифта, дарҳои хазинаи худро боз кард ва аз молҳое, ки ба оташкадаҳо тааллуқ доштанд, ба ҳар касе, ки мехост қарз медод. Ҳамин тавр ӯ тамоми амволи Эронзаминро ба мардум дод ва дар чанд соли қаҳтӣ мардумро аз гуруснагӣ наҷот бахшид. Сипас, Фирӯз ба оташкадаи Озархура, ки дар Форс аст, рафт ва дар он ҷо ниёишу саҷда карда, аз Худованд хост, ки ин балои ба сари мардум омадаро бартараф кунад. Ӯ ба ҷои маркази оташкада рафт ва дид, ки нигаҳбонони оташкада дар он ҷо истодаанд ва касе ба ӯ аҳамият надод ва салом накард. Фирӯз ба сӯи оташ баргашт ва се маротиба даст дароз карда, шӯъларо ба синаи худ гузошт, монанди дӯсте, ки дӯсти худро ба сина меҷаспонад ва аз Худованд борон талаб кард. Фирӯз аз маъбад берун омад ва ба данбако (тахти заррин) нишаст. Чун Фирӯз ба данбако нишаст, ҳамаи муъбадону нигаҳбонони оташкада дар атрофи подшоҳ ҷамъ омаданд. Фирӯз ба онҳо гуфт: «Чӣ қадар шумо дилсахт ва мардуми ҷафокор ҳастед, чаро ба ман салом надодед?» Мардум ба Фирӯз гуфтанд, ки мо дар назди подшоҳе, ки аз ту бузургтар аст, истода будем ва бинобар ин бо ту салом накардем. Фирӯз суханони онҳоро эътироф кард ва аз шаҳри Озархура ба шаҳри Доро рафт ва ба манзиле расид, ки дар замони мо рустои Комфируз аст. Дид, ки он ҷо борон меборид ва саҳроҳо обод буданд. Фирӯз фаҳмид, ки дуои ӯ мустаҷоб шудааст ва ба Худованд сипосгузорӣ кард. Ӯ ба мардум амволи зиёд тақдим намуда, то ба вуҷуд омадани рустои имрӯзаи Комфируз, дар ҳамон манзил монд. Мардум аз хушнудии зиёд ба рӯи якдигар обпошӣ менамуданд ва ин расм аз ҳамон давра то имрӯз боқӣ мондааст.

## Мардгирон

Ҷашни Мардгирон ё Муждагирон дар рӯзи исфандормази исфандмоҳ ё рӯзи панҷуми моҳи исфанд хотирнишон мегардид. Рӯзи панҷуми ҳар моҳи хуршедӣ ва моҳи охирини соли хуршедӣ ба номи исфанд ё спиндормарз мавсум мебошад.Ин рӯз мутобиқи солшумории кунунии мо бо 24 феврал мувофиқ меояд.

Исфандармоҳ ё Спиндомарз аз фариштагони бостонии қавмҳои ориёӣ буда, дар «Ригведа»-и ҳиндуён бо номи Арматӣ ёд шудааст. Мафҳуми спиндомарз порсои фурӯтан аст. Дар байни Маздаясно ӯ яке аз шаш амшоспанди бузургтарини Аҳурамаздо буда, дар дунёи маънавӣ намояндаи ишқу муҳаббат ва фурӯтании Аҳурамаздо, дар дунёи моддӣ бошад, нигаҳбони Замин аст. Дар миёни амшоспандон ва фариштагони

ойини Маздаясно Спиндомарз ягона исми занона буда, дар Авасто аз ӯ ба номи духтари худованд ёд шудааст.

Фирдавсӣ гӯяд:

Спиндомарз посбони ту бод,
Зи Хурдоди рӯшан равони ту бод.

Спиндомарз ҳамчун фариштазани дурусткор, шавҳардӯст ва хайрхоҳ аст. Аз ин рӯ ҷашни Мардгирон ё Муждагирон дар рӯзи Спиндомарз ҳамчун ҷашни бонувону дӯшизагон таҷлил мегардидааст.

Бобулӣ чунин мегӯяд: Ҷам фариштаеро дар сурати инсон дид, ки рангоранг буда, бо зеботарин чеҳра ба гови сафеде савор буда, дар дасташ дастаи савсан дошт ва онро бӯй мекашид. Гови ӯ аз ҳафт гавҳар: зар, сим, нукра, мис,қалъа,оҳан, сурб иборат буд. Он савора номи мардумро гирифта, сифати он номҳоро ёд мекард. Ҷам ба ӯ муроҷиат карда гуфт, ки Эй, зеборӯи рангорангу рангомез ту кистӣ?: Он савор гуфт: ман Бахт ҳастам. Ҷам гуфт: ту чӣ мақсад дорӣ? Савора гуфт: ман дар миёни мардум бахту иқболро тақсим мекунам. Ҷам гуфт, ки ин симу зарро ба киҳо медиҳӣ? Савора гуфт: ба ҳар касе, ки дар ботини худ симу зар дорад.

## М У Н Д А Р И Ҷ А

**Пешгуфтор** ( Таҳияи Гадобек Маҳмудзода)………………….. 3

**Ахбори воқеаҳои соли 2016** (Таҳияи Ёрмуҳаммади Сучонӣ)……………………………………………………

**Лавҳаҳои библиографӣ**

Абдулло Қодирӣ: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Исмоил Саидзода)………………………………………………

Нурмуҳаммад Ниёзӣ: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш ( Таҳияи Исмоил Саидзода)…………………………………………

Аламхон Кӯчаров: Ба ифтихори 70 солагии зодрӯзаш (Таҳияи Исмоил Саидзода)…………………………………………….

Ҳабиб Юсуфӣ: Ба ифтихори 100- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)…………………………….

Салимшо Ҳалимшо: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)………………………………..

Алӣ Бобоҷон: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)…………………………………………….

Иноят Насриддин: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Фирдавс Аминов )………………………………

Саттор Турсун: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)……………………………..

Мухтор Муродов: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)…………………………………………

Рустам Муқимов: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Нафиза Шаҳбозова )…………………

Ислом Юсуфӣ: Ба мунсоибати 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)……………………………

Валимад Одинаев: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Шукрона Каримзода )………..

Ортиқ Қодиров: Ба ифтихори 60- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)…………………………………………………………

Толиб Шаҳидӣ: Ба ифтихори 70-солагии зодрӯзаш (Таҳияи Парвина Қадимова )…………………………………………………..

Отахон Латифӣ: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова )……………………………………….

Абдуманнон Сатторов: Ба ифтихори 70-солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)……………………………………………………

Шоҳзамон Раҳмонов: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш ( Таҳияи Фирдавс Аминов)……………………………………………

Доро Наҷот: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)………………………………………

Зикрулло Хоҷаев: Ба ифтихори 100- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Хотун Файзмамадова)…………………………………………

Ғаффор Валаматзода:Ба ифтихори 100- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Фирдавс Аминов)…………………………………………………..

Сабзалӣ Шарифов: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Парвина Қадимова )…………………………………….

Каримов Саидмамад: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)………………………………………………

Ҷалилов Абдуҳамид: Ба ифтихори 110- солагии зодрӯзаш ( Таҳияи Сабзалӣ Асозода)……………………………………………………………

Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов: Ба ифтихори 110-солагии зодрӯзаш (Таҳияи Шукрона Каримзода)………………………………………….

Турсунбой Ӯлҷабоев: Ба ифтихори 110- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)………………………………………………

Ҷонон Икромӣ: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)…………………………………………………

Саидмӯъмин Раҳимов: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Мирзоева Озода)…………………………………………………

Ҷӯрабек Назриев: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Фирдавс Аминов)………………………………

Сӯҳроб Курбонов: Ба ифтихори 70 – солагии зодрӯзаш (Таҳияи Нафиза Шаҳбозова)………………

Муқаддама Ашрафӣ: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳия Хотун Файзмамадова)……………………………………

Ҳамид Маҷидов: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш ( Тахияи Ҷамил Валиев)……………………………………

Зариф Раҷабов: Ба ифтихори 110- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Фирдавс Аминов )……………………………………………

Усмон Холдоров: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш ( Таҳияи Фирдавс Аминов)………………………………………..

Бозоралӣ Азизов : Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Фирдавс Аминов)…………………………………………………..

Бурҳон Раҷабов: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)……………………………………………

Темур Зулфиқоров: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)………………………………………

Файзалӣ Комилов: Ба ифтихори 60- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)…………………………………………..

Наимҷон Назирӣ: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)…………………………………………

Ҷамшед Исмоилов: Ба ифтихори 60- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)……………………………………………….

Адаш Истад: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Ҷамил Валиев)…………………………………………………..

Ҳикмат Мӯъминов: Ба ифтихори 50- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)…………………………………….

Яҳё Раҳимов: Ба ифтихори 100- солагии зодрӯзаш (Таҳияи Шукрона Каримзода )……………………

Тӯтӣ Ғаффорова: Бахшида ба 100- солагии зодрӯзаш
(Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)……………………………………………………

Баҳоваддин Зуҳуриддинов: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш
(Таҳияи Фирдавс Аминов )…………………………………………

Юсуф Нуралиев: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Исмоил Саидзода)……………………………………………

Турсунбой Неъматзода: Ба ифтихори 90- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Ҷамил Валиев)……………………………………………………

Аскар Ҳаким: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Ҷамил Валиев)…………………………………………………

Муҳаммадҷон Шакурӣ: Ба ифтихори 90- солагии зодрӯзаш ( Таҳияи
Шамсиддини Солеҳ)……………………………………………

Сайфиддин Назарзода: Ба ифтихори 60- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Озода Мирзоева)………………………………………………

Роҳат Набиева: Ба ифтихори 80-солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Гулбаҳор Ҳомидова)……………………………………………….

Шокир Мухтор: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Гулбаҳор Ҳомидова)…………………………………

Тағоймурод Розиқов:Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Гулбаҳор Ҳомидова)…………………………………………………..

Раҳим Маъруфов: Ба муносибати 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Шукрона Каримзода)…………………………………

Қудратулло Яҳёзода: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Гулбаҳор Ҳомидова)……………………………………….

Хушбахт Хушвақтов: Ба ифтихори 90- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Ҷамил Валиев)…………………………………………………….

Анвар Ваҳҳобов: Ба ифтихори 80- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Ҷамил Валиев)……………………………………………………………

Зуҳуриддин Юсуфӣ: Ба ифтихори 70- солагии зодрӯзаш (Таҳияи
Гулбаҳор Ҳомидова)…………………………………………………………

Замима: Ҷашнҳои хуҷастаи ниёгон
(Таҳияи Гулбаҳор Ҳомидова)……………………………………………………

# КАЛЕНДАРЬ ЗНАМЕНАТЕЛЬНЫХ И ПАМЯТНЫХ ДАТ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
(на 2016)

На таджикском языке

Составитель: **Ёрмухаммади Сучони**

Под общей редакции **Сайфиддина Назарзода**

Ответственный редактор: **Гадобек Махмудзода**

Редактор: **Джамил Валиев**

Компютерный набор: **Гулбахор Хомидовой**